*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ШЕРМАТОВ БАҲРОМ ГРЕЗОВИЧ

# НАҚШИ ДАВЛАТ ДАР ТАҒЙИРПАЗИРИИ СИСТЕМАИ СИЁСӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

(дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)

Ихтисос: 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ

# ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои сиёсӣ

Роҳбарони илмӣ:
**Гулахмедов М.**, доктори илмҳои фалсафа, профессор
**Маҳмадов П.А** .,номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент

Душанбе – 2018

# МУНДАРИҶА


Сарсухан........................................................................................4

БОБИ I. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ СИСТЕМАИ СИЁСӢ ВА ТАҲЛИЛИ СОХТОРИИ ОН

1.1.Хосиятҳои назариявию методологии таҳқиқи системаи сиёсӣ ва таҳлили сохторию функсионалии он .................................................... 14

1.2. Мақоми давлат дар системаи сиёсӣ ва таъсири он ба раванди тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ ..................................31

БОБИ 2. НАҚШИ ДАВЛАТ ДАР ТАҒЙИРПАЗИРИИ СИСТЕМАИ СИЁСӢ ДАР ШАРОИТИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

2.1. Заминаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва иҷтимоию таърихии ташаккули давлати соҳибистиқлоли тоҷикон...............................................50

2.2.Нақши давлат ва ниҳодҳои сиёсии он дар раванди демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ дар шароити соҳибистиқлолии Тоҷикистон................72

2.3. Аҳамияти функсионалии давлат дар такмили муносибатҳои сиёсӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ..............................................................91

Хулоса.........................................................................................130

Рӯйхати адабиёти истифодашуда..........................................................138

# САРСУХАН

**Муҳимияти таҳқиқот.** Давлат ҳамчун институти сиёсӣ дар системаи сиёсии ҷомеа нақши хеле муҳим мебозад. Ин аст, ки тӯли солҳои охир олимону муҳаққиқон, пеш аз ҳама, сиёсатшиносон ба таҳқиқу коркарди назарияи ҳаёти сиёсии ҷомеа диққати махсус зоҳир менамоянд. Ҳамзамон, дар шароити дигаргуншавии муносибатҳои сиёсӣ омӯзиши масъалаҳои пайдоиш, ташаккулёбӣ ва рушду инкишофи вазифаҳои иҷтимоию сиёсии давлат, нақш ва мавқеи он дар системаи сиёсии ҷомеа хеле аҳамиятнок гардидааст.

Аҳамияти илмии омӯзиши мавзӯи мазкур инчунин дар он ифода меёбад, ки новобаста ба мавҷудияти асарҳои сершумор оид ба нақш ва мавқеи давлат дар системаи сиёсии ҷомеа ва мавҷудияти андешаҳои гуногун оид ба ин масъала ҳанӯз ҳам паҳлуҳои гуногуни он ба омӯзиш ниёз дорад.

Омӯзиши давлат дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон вижагиҳои махсуси илмӣ дорад. Барои таҳлили воқеияти давлати соҳибистиқлоли тоҷикон раванди ташаккулёбии он бояд бо назардошти замони гузашта, ҳозира ва оянда мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Бинобар ин, омӯзиш ва таҳлили масъалаи мазкур дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол аҳамияти махсус дошта, дар шароити навини давлатдорӣ хеле муҳим мебошад.

Бо дарназардошти хусусиятҳои иҷтимоию сиёсии замони муосир масъалаи нақш ва мавқеи давлат дар раванди дигаргунсозии системаи сиёсӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд. Муҳимияти масъалаи мазкур, ки дар доираи таҳқиқоти ин рисолаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, бо чунин омилҳо асоснок мегарданд:

– коркарди ҷанбаҳои назариявию методологии омӯзиши нақши давлат дар раванди дигаргунсозии системаи сиёсии ҷомеа, махсусан дар

шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол хеле зарурӣ ва саривақтӣ мебошад;

- масъалаи нақши давлат дар раванди дигаргунсозии системаи сиёсии ҷомеа то ҳанӯз дар доираи таҳқиқоти алоҳида мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст, ки чунин ҳолат арзиши илмии интихоби мавзӯи таҳқиқотиро баланд мебардорад;

– дастоварду муваффақиятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тӯли ду даҳсолаи охири давраи соҳибистиқлолии кишвар дар самти ҳалли муҳимтарин масъалаҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат, дар барқарорнамоии сулҳу субот ва созиши миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле назаррас мебошанд, ки афзоиши нақши давлат дар рушду инкишофи мамлакати мо аз чунин омили муҳим вобастагии калон дорад ва бояд мавриди омӯзишу пажӯҳиши илмӣ қарор дода шавад;

- бо назардошти шароити мавҷудаи мамлакат ва бо истифода аз таҷрибаи фаъолияти сиёсии ҳукумат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардоштани нақши давлат дар раванди дигаргунсозии системаи сиёсии ҷомеа имконпазир мебошад, ки паҳлуҳои гуногуни он низ ба омӯзишу таҳқиқ ниёз доранд;

– дар самти беҳтар намудани фаъолияти давлат, ки он ҳамчун институти марказии системаи сиёсии ҷомеа дониста мешавад, дар шароити муосир нақш, мавқеъ ва аҳамияти стратегияҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле калон аст;

-– раванди рушду инкишофи давлат ба сохтори иҷтимоию сиёсии ҷомеаи муосири Тоҷикистони таъсири ҳалкунанда мерасонад. Бояд гуфт, ки дигаргуншавии системаи сиёсӣ ба умқи муносибатҳои мутақобилаи байни давлат ва ҷомеа таъсири ҷиддӣ расонида, боиси ташаккулёбии меъёрҳои демократӣ ва дар заминаи меъёрҳои мазкур амалӣ гардидани ҳокимияти давлатӣ гардидааст, ки чунин равандҳо дар сатҳи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гардонида шудаанд.

Таҳлили омилҳои номбаршуда дар маҷмӯъ муҳимияти омӯзиши мавзӯи мазкур ва таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни онро асоснок менамоянд.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ.** Чӣ гунае, ки маълум аст, масъалаи афзоиши нақши давлат дар раванди дигаргунсозии системаи сиёсии ҷомеа ва махсусан дар шароити муосири иҷтимоию сиёсӣ диққати аксари ҷомешиносонро ба худ ҷалб намудааст.

Тӯли солҳои охир оид ба масъалаи назария ва амалияи давлат шумораи муайяни монографияҳои илмӣ, китобҳои мухталиф, мақолаҳои илмӣ ва асарҳои коллективӣ нашр гардидаанд, ки дар онҳо омилҳои иҷтимоию сиёсии нақш ва мавқеи давлат дар системаи сиёсии ҷомеа таҳлил гардидаанд.

Дар асарҳои чунин олимони шинохтаи мамлакатҳои ИДМ, ба монанди С.С. Андреев, М.Г. Анохин, Л.И.Селезнев, Б.А. Смирнов, Г.В. Каменская, А.Н. Родионов, Е.М.Примаков, В.Кулагин, А.С.Протопопов, В.М.Козьменко, Н.С. Елманова, Г.Т. Тавадов, П.А.Цыганков, А.В. Торкунов, Э.А.Поздняков, А.В.Гаврилов ва чанде дигарон омилҳои фалсафӣ, ҳуқуқӣ, таърихӣ, сиёсию фарҳангии масъалаи давлат ва нақши он дар системаи сиёсии ҷомеа мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд[1]. Ғайр аз ин, як қатор масъалаҳои ҷудогонаи нақши давлат дар системаи сиёсӣ дар асарҳои илмии чунин олимон, ба монанди Р.И.Пименов, В.А.Ачкасов, С.М.Елиссев, С.А.Ланцев, Н.А.Сахаров, В.Е.Чиркин, М.И.Одинцов, А.К. Пономарев, В.С.Камаровский, Р.Г. Абдулатипов[2] ва чанде дигарон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

---

[1] Андреев С. С. Политические системы и политическая организация // Социально-политический журнал. — 1992. — № 1.; Анохин М. Г. Политические системы: адаптация, динамика, устойчивость. М., 1996; Селезнев, Леонид Иванович. Политические системы современности: сравнительный анализ /Л. И. Селезнев. - СПб. : ТОО ТК "Петрополис", 1995; Смирнов Г.Н., Бурсов А.В. Россия в мировом политическом процессе. Курс лекций.М.: Восток - Запад, 2011; Каменская Г.В., Родионов А.В. Политические системы современности. М., 1994; Протопопов А. С. История международных отношений и внешней политики России 1648-2010г : учебник / Протопопов А. С. - Москва : Аспект Пресс, 2012; Тавадов Г.Т. Политология. М., 2011; Политические системы современных государств: Энциклопедический справочник : В 4 т. Т. 1: Европа / Я.И. Ваславский и др.; гл. ред. А.В. Торкунов; науч. ред. А.Ю. Мельвиль; отв. ред. М.Г. Миронюк ; МГИМО (У) МИД России, ИНОП. — М. : Московские учебники и картолитография, 2009; Поздняков Э.А.
Философия политики. 3-е изд-ние, испр. и доп. М.: Весь мир, 2014 .

[2] Пименов Р.И.-Происхождения современной власти М., 1996; Ачкасов В.А., Елисеев С.М., Ланцев С.А.-Легитимация власти в постсоциалистическом Российском обществе. М., 1996; Сахаров А.Н.-Институт

Олимони мазкур ба масъалаи заминаҳои иҷтимоию сиёсии ташаккулёбии давлати демократии давраи шӯравӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, инчунин дар асарҳои илмии онҳо раванди дигаргуншавии системаи сиёсӣ баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ низ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Зарурияти афзудани нақш ва мавқеи давлат дар шароити дигаргуншавии системаи сиёсии ҷомеа дар таҳқиқоти онҳо ба таври мушаххас ва муфассал нишон дода шудааст. Ҳамин тариқ, асарҳои олимони дар боло номбаршуда шаҳодат аз он медиҳанд, ки олимони кишварҳои ИДМ дар самти омӯзиши таҷрибаи таърихӣ, пайдоиш ва ташаккулёбии давлатҳои соҳибистиқлоли узви собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба таври илмию назариявӣ, методологию амалӣ корҳои назаррасеро анҷом додаанд. Бешубҳа, таҳқиқоти онҳо дар самти омӯзиши хусусиятҳои давлатдории навини тоҷикон ва нақши он дар системаи сиёсии ҷомеа заминаи илмию назариявӣ фароҳам меоваранд.

Дар самти омӯзиш ва пажуҳиши масъалаи нақши давлат дар дигаргунсозии системаи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол олимони мамлакат саҳми арзанда гузоштаанд. Махсусан асарҳои А.Н. Маҳмадов, Н.Г.Зокиров, С.И.Шарипов, К.Олимов М.Хидирова, Т.Н Назаров, С.Шарипов, Қ.Расулов, М. Гулахмедов, М.Муҳаббатов, А.Раҳимов, Л.Л. Хоперская., З.А.Дадабоева, Ш.Шоисматуллоев, Н.С.Муродова, М.Б. Буриева ва дигарон[3] арзиши бузурги илмию назариявӣ доранд.

---

президентства в современном мире.-М., 1994; Чиркин В.Е.-Государство ведение: учебник.2-е Изд. Исправительное и дополнительное. М., Юрист, 2000; Одинцов М.И.-Россия строит светское государство (1985-1997) // Государство рения Церковь в России за рубежом. М., 1997; Пономаров А.К.-Вопросу о конституционным модели государственного суверенитета. Право и жизнь.-М., 1998; Камаровский В.С.-Выбраные компании в системе институтов демократии в современном Российской государственности // Политология, взгляды на современность.-М., 1995, № 5 и др.

[3] Гафуров Б.Г.Таджики: древнейшая, древня, средневековая и новейшая история.-Душанбе, 1998; Махмадов А.Н.Истиқлолият ва таҳкими давлатдории миллӣ.-Душанбе, 2015; Махмадов А.Н., Хоперская Л.Л. Современный Таджикистан: диалектика независимости и интеграции (политико-правовой аспект). - Душанбе, 2016; Зокиров Н.Г.Системаи сиёсӣ:масъалаҳои рӯз ва дурнамои инкишоф.-Душанбе, 2011; Шарипов С.И.Демократизация политических процессов в современном Таджикистане.-Душанбе 2001; Хидирова М.У.Ҳокимияти сиёсӣ. Душанбе, 2012.;Олимов К. Роҳхои маъқул ва воқеии амалисозии чорабиниҳо ҷиҳати эҷоди боварӣ//Муколама бо роҳи амал:таҷрибаи тоҷикон./ Зери таҳрири Сатторзода А. -Душанбе,2018 Гафуров Б.Г.Таджики: древнейшая, древня, средневековая и новейшая история.-Душанбе, 1998; Махмадов А.Н.Истиқлолият ва таҳкими давлатдории миллӣ.-Душанбе, 2015; Махмадов А.Н., Хоперская Л.Л. Современный Таджикистан: диалектика независимости и интеграции (политико-правовой аспект). - Душанбе, 2016; Зокиров Н.Г.Системаи сиёсӣ:масъалаҳои рӯз ва дурнамои инкишоф.-Душанбе, 2011; Шарипов

Дар ин раванд таҳқиқоти Ф.Т.Тоҳиров, Маҳмудзода М.М., Сотиволдиев Р.Ш., Холиқов А.Ғ., Зоҳидов О.Ҳ.[4] ва ғайраҳо ба омӯзиши амиқи ҷанбаҳои ҳуқуқию таърихии масъалаи ташаккулёбии давлатдории миллии тоҷикон дар шароити кунунӣ бахшида шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки масъалаи нақш ва мавқеи давлат дар системаи сиёсии ҷомеа дар асарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон[5] низ таҷассуми худро ёфтааст.

Қайд намудан бамаврид аст, ки дар асарҳои номбаршуда масъалаи нақш ва мавқеи давлат дар раванди дигаргунсозии системаи сиёсии Тоҷикистон ва алоқамандии ин раванд бо кишварҳои ИДМ ба таври умумӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст. Дар самти омӯзиши ин мавзӯъ ҳанӯз ҳам як қатор масъалаҳои ҳалталаби баҳснок боқӣ мондаанд, ки онҳо асосан ба хусусиятҳо ва омилҳои иҷтимоию сиёсии ташаккулёбии давлати соҳибистиқлоли тоҷикон, мушкилот, мухолифатҳо ва вазъияти низоии рушди системаи сиёсии мамлакат алоқаманд мебошанд. Махсусан, таносуб, тафовут ва алоқамандии системаи сиёсии Тоҷикистон бо кишварҳои ИДМ ва мамлакатҳои дигари хориҷӣ дар

С.И.Демократизация политических процессов в современном Таджикистане.-Душанбе 2001; Хидирова М.У.Ҳокимияти сиёсӣ. Душанбе, 2012.;Олимов К. Роҳхои маъқул ва воқеии амалисозии чорабиниҳо ҷиҳати эҷоди боварӣ//Муколама бо роҳи амал:таҷрибаи тоҷикон./ Зери таҳрири Сатторзода А. - Душанбе,2018; Расулов К.Р. – Саҳми давлати Сомониён *дар* пешрафти афкори сиёси, илм ва фарханги Осиёи Маркази. - Душанбе, 1994; Расулов К., Гулахмедов М. Национальные и й Таджикистан на пути демократизации общества. - Душанбе, 2001; Назаров Т.Н. Таджикистан: Горизонты настоящего и будущего. - Нью-Йорк 1999;.Муродова Н.С.Политические процессы переходного периода в Республике Таджикистан. (на тадж. яз.).-Душанбе, 2001; Буриева М.Б.Особенности развития политической системы Таджикистана: ее влияние на внуреннюю и внешнюю политику.М., 2006: Хайдаров Р.Дж. Влияние процесса глобализации на трансформацию таджикского общества// Дисюдок.фил.наук.Душабе, 2007; Расулов К.Р. Саҳми давлати Сомониён дар пешрафти афкори сиёси, илм ва фарханги Осиёи Маркази. - Душанбе, 1994; Расулов К., Гулахмедов М. Национальные и й Таджикистан на пути демократизации общества. - Душанбе, 2001; Назаров Т.Н. Таджикистан: Горизонты настоящего и будущего. - Нью-Йорк 1999;.Муродова Н.С.Политические процессы переходного периода в Республике Таджикистан. (на тадж. яз.).-Душанбе, 2001; Буриева М.Б.Особенности развития политической системы Таджикистана: ее влияние на внуреннюю и внешнюю политику.М., 2006: Хайдаров Р.Дж. Влияние процесса глобализации на трансформацию таджикского общества// Дис.док.фил.наук.Душабе, 2007.

4 Тахиров Ф.Т.История государства и права Таджикистана.-Душанбе, 2001; Сотиводиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ.- Душанбе, 2010; Зоҳидов О.Ҳ. Таърихи сиёсии тоҷикон: таҳлили назарияҳо.-Душанбе, 2011; Холиқзода А.А.,Маҳмудзода М. Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ. - Душанбе, 2017.

5 Эмомали Рахмон. Молодежь-будущее суверенного Таджикистана.-Душанбе, 1997 он же: Таджикистан: девять лет независимости, национального единства и созерцания в 4-х темах. Душанбе, 2001; Таджикистан на пороге, XXI века. Душанбе, 2001; Молодежь созидатель будущее общества.-Душанбе, 2008; Конститутция санади мукаддаси миллӣ.-Душанбе, 2005; Долгий путь к миру.-Душанбе, 2008 и др., ,Хидирова М.У. Политическая власть. -Душанбе, 2011.

сатҳи зарурӣ нишон дода нашудааст, ки ин масъала низ ба омӯзиш ниёз дорад. Аммо масъалаи баланд гардидани нақши давлат дар системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ таҳлилу таҳқиқ нагардидааст ва аз ин рӯ, паҳлуҳои гуногуни масъалаи мазкур бояд илман асоснок карда шаванд.

Гузашта аз ин, ба таври пурра мавриди пажӯҳиш қарор додани маҷмӯи масъалаҳое, ки бо мухолифатҳо ва қонуниятҳои рушди системаи сиёсӣ алоқаманд мебошанд ва нишон додани ин раванд дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи як рисолаи илмӣ ғайриимкон мебошад. Муаллиф мураккабии масъалаи мазкурро дарк намуда, кӯшиш намудааст, ки хусусиятҳои муҳимтарини ин равандро таҳлилу таҳқиқ намояд. Ҳалли масъалаи мазкур бо кӯшишу заҳмати намояндагони илмҳои гуногун имконпазир мегардад ва аз ин рӯ, барои омӯзиши ин масъала муносибати умумиилмӣ истифода бурда шудааст. Ҳамаи масъалаҳои номбаршудае, ки ба таҳлили назариявию илмӣ ва методологӣ ниёз доранд, бо ёрии мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мушаххас гардонида шудаанд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Бо назардошти дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, ба таври мушаххас мавриди баррасӣ қарор додани мафҳум, моҳият ва нақши давлат дар дигаргунсозии системаи сиёсии ҷомеа мақсади таҳқиқот ба шумор меравад. Дар мувофиқа бо мақсади муайяншуда, дар таҳқиқоти мазкур ҳалли як қатор масъалаҳои мушаххас ва бо ҳам алоқаманд пеш гузошта мешавад, ки дар миёни онҳо номбар намудани масъалаҳои зерин зарур шуморида мешавад:

- асоснок намудани ҷанбаҳои назариявию методологии масъалаи системаи сиёсӣ ва сохтори он дар шароити дигаргуншавии системаи сиёсӣ ва нишон додани нақши афзояндаи давлат дар он;

- муайян намудани нақши давлат ҳамчун ниҳоди марказии системаи сиёсӣ дар таҳаввулоти муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ташаккули низоми комилан нави равандҳои сиёсӣ;

– дар заминаи таҳлили маҷмӯи сарчашмаҳо, адабиёти илмӣ ва таҷрибаи таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон равшан намудани моҳияти омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсию фарҳангии мамлакат, заминаҳои ташаккулёбии нақш ва мавқеи давлат дар дигаргунсозии системаи сиёсӣ дар шароити соҳибистиқлолӣ ташаккули системаи нави ҷаҳонӣ;

- таҳлили раванди демократикунонии ҷомеа, ташаккули заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, ниҳодҳо ва муносибатҳои нави демократӣ ҳамчун омили муҳимми устуворгардонии давлат дар шароити дигаргуншавии ҷомеа;

- муайян намудани тамоюлҳои асосии рушди давлати тоҷикон дар шароити муосир;

-омӯзиш ва ба низоми муайян даровардани муносибатҳои гуногуни илмие, ки бо стратегияи иҷтимоию сиёсии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд мебошанд;

– нишон додани мавқеъ ва таъсири раванди дигаргуншавии ҷомеаи муосир ба рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол ва аҳамияти функсионалии давлат дар такмили муносибатҳои сиёсӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ.

**Объекти таҳқиқот** – таҳлил ва омӯзиши раванди тағйирпазирии системаи сиёсӣ ва нақши давлат дар он махсуб меёбад.

**Предмети таҳқиқот** – омӯзиши қонуниятҳои пайдоиш, марҳилаҳои асосии ташаккулёбӣ ва рушди давлати тоҷикон, нақши он дар раванди дигаргунсозии системаи сиёсии ҷомеа ба ҳисоб меравад.

**Навгонии илмии** таҳқиқот бо масъалаи пажӯҳиши илмию назариявӣ ва истифодаи муносибатҳои гуногуни илмӣ дар самти омӯзиши таъсири муносибатҳои давлатӣ ба ташаккулёбии сохтори иҷтимоии ҷомеаи муосири Тоҷикистон алоқаманд мебошад. Ба таври мушаххас натиҷаҳои таҳқиқотро, ки онҳоро навоварии илмӣ номидан мумкин аст,ба таври зерин муаррифӣ намудан мувофиқи мақсад мебошад:

– дар раванди ба низоми муайян даровардани муносибатҳои гуногуни илмӣ ҷанбаҳои назариявию методологии масъалаҳои «давлат» ва «муносибатҳои давлатӣ» бо истифода аз таҳлили системавӣ, бо ёрии равшану возеҳ намудани мундариҷаи онҳо ва бо роҳи муаррифӣ намудани онҳо ҳамчун падидаҳои иҷтимоию сиёсӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст;

–нақши давлат дар тағйирпазирии системаи сиёсӣ ва таъсири мутақобилаи ин раванд дақиқ карда шуда, сарҳади давлати демократӣ, ҳуқуқӣ ва дунявӣ дар Тоҷикистон ба таври возеҳ муайян карда шуда, вазифаҳои онҳо дар шароити амалишавии раванди дигаргунсозии системаи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол нишон дода шудаанд;

–бо дарназардошти хусусиятҳои хоси соҳибистиқлолӣ ҳамчун шароити мусоиди рушди мустақилонаи давлат нақши ин ниҳоди муҳим дар тағйирпазирии сохторӣ ва мазмунии системаи сиёсӣ муайян карда шуда, дар асоси таҳлили заминаҳои мушаххаси иҷтимоию таърихӣ ва иҷтимоию сиёсӣ раванди ташаккулёбии давлати нави тоҷикон муайян карда шудааст;

-ташаккул ва рушди муносибатҳои нави ҷамъиятии ба мардумсолорӣ асосёфта мавриди таҳлил қарор гирифта, дар натиҷа хусусиятҳои иҷтимоию сиёсӣ ва ҳуқуқии низоми демократӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, рушди озодандешӣ ва фазои гуногунақидагӣ илман асоснок карда шудаанд;

–таъсири таҳаввулоти муносибатҳо дар арсаи ҷаҳонӣ, рушди равандҳои ҷаҳонишавӣ, тезутундшавии мубориза абарқудратҳо, талошҳо баҳри пиёдасозии манфиатҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодиро ба раванди устуворгардонии асосҳои давлатдории муосири тоҷикон таҳлил намуда, дар ин замина тамоюлоти асосии афзоишдиҳандаи нақш ва мавқеи Тоҷикистони соҳибистиқлол чӣ дар миёни кишварҳои ИДМ ва чӣ дар арсаи байналхалқӣ нишон дода шудаанд;

–дар заминаи омӯзиш ва таҳлили тамоюлоти манфии таъсири раванди дигаргуншавии муносибатҳо дар арсаи глобалӣ масъалаҳо ва пешомади инкишофи давлати миллӣ дар Тоҷикистон ҳаматарафа омӯхта шуда, роҳҳои пешгирӣ аз ин ҳатару таҳдидҳо бо пешниҳодҳои мушаххас нишон дода шудаанд.

**Нуктаҳои асосии таҳқиқот, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

1. Системаи сиёсӣ ҳамчун маҷмуи ниҳодҳо, муносибатҳо ва арзишҳои муайяни сиёсӣ баромад намуда, дар ҷавҳари худ ифодакунандаи низоми муайяни фаъолияти онҳо мебошад, ки тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ, таҷрибаи пазируфташудаи таърихӣ ва урфу одатҳо метавонад муносибатҳои байни аъзои ҷомеаро ба танзим дароварад. Системаи сиёсӣ ҳамчун категорияи илми сиёсатшиносӣ дорои ҷанбаҳои қавии назариявию методологӣ буда, то ҳанӯз мавриди баҳсу омӯзиши олимони соҳаҳои гуногун, аз он ҷумла файласуфон, сиёсатшиносон, таърихшиносон, ҳуқуқшиносон, ҷомеашиносон, иқтисодшиносон ва дигарон қарор дорад.

2. Нақши давлат дар раванди дигаргунсозии системаи сиёсӣ дар шароити нави иҷтимоию сиёсӣ барои таҳқиқоти соҳаи илмҳои сиёсӣ хеле афзалиятнок маҳсуб меёбад. Мавҷудияти консепсияҳои гуногун вобаста ба ин масъала гувоҳи он аст, ки дар маҷмӯи унсурҳои ташаккулдиҳандаи системаи сиёсӣ давлат нақши ҳалкунанда дошта, баҳри ташаккули заминаҳои ҳуқуқӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии дигар унсурҳо таъсиррасон мебошад. Маҳз аз ҳамин сабаб давлатро метавон ҳамчун унсури низомсоз дар системаи сиёсӣ тавсиф намуд.

2. Таҳлили қонуниятҳои умумии таърихӣ ва иҷтимоию сиёсӣ дар самти муқаррар намудани нақши давлат дар тағйирпазирии системаи сиёсӣ дар шароити соҳибистиқлолӣ баҳри муайян намудани заминаҳои илмии нақши низомсози давлат на танҳо дар муносибатҳои дохилӣ, балки дар муносибатҳои беруна низ аҳамияти муҳимми илмӣ дошта,

ҷиҳати ташаккул ва таҳкими минбаъдаи асосҳои давлатдории мустақил бо дарназардошти хусусиятҳои иҷтимоию сиёсӣ ва иҷтимои фарҳангӣ таъсири халкунанда расонида метавонад. Мисоли ин таҳаввулоти арзишӣ ва фарҳангие маҳсуб меёбад, ки баҳри ҳалли мусолиҳатомези низои дохилӣ мусоидат намуд.

4. Дар шароити таҳкими равандҳои демократӣ дар ҷомеа ва эътирофи мардум ҳамчун сарчашмаи ҳокимият талаботи иҷтимоӣ ба ташаккули принсипҳои демократӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ пурзӯр гашта, давлат дар ин замина баҳри фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати тақвияти мардумсолорӣ мувазҳаф мегардад. Вобаста ба ин дар шароити соҳибистиқлолии Тоҷикистон низоми принсипҳои демократӣ бо дарназардошти манфиатҳои миллию давлатӣ ташаккул ёфта, он пурра ба талаботҳои мавҷудаи байналмилалӣ дар ин самт ҷавобгӯ мебошад.

5. Иҷроиши вазифаҳо аз ҷониби давлат ва аҳамияти онҳо барои рушду такомули самтҳои асосии ташаккулёбии системаи бисёрҳизбии Тоҷикистон хусусиятҳои худро доро мебошад. Чунин ҳолат бо он алоқаманд аст, ки давлат роҳи сохтани ҷомеаи демократиро пеш гирифтааст. Аз ин рӯ, давлат бо назардошти хусусиятҳои миллии ҷомеа асосҳои ҳуқуқии рушду инкишоф ва ташаккулёбии системаи бисёрҳизбиро марҳила ба марҳила фароҳам меоварад. Дар ин замина масъалаҳои нави таъмини устувории пояҳои давлатдории миллӣ мавриди корбарӣ қарор дода мешаванд.

**Ҷанбаъҳои методологии** таҳқиқотро, пеш аз ҳама, меъёрҳои диалектикию материалистӣ ташкил медиҳанд. Инчунин дар раванди таҳқиқот методҳои илмии таҳлили системавӣ, мантиқӣ, сотсиологӣ, муқоисавӣ ва сохторию функсионалӣ низ истифода бурда шудаанд.

**Аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқот** бо муҳимияти таҳқиқот ва истифодаи таҳлили системавӣ дар омӯзиши муносибатҳои давлатӣ ва таъсири онҳо ба сохтори иҷтимоии ҷомеаи муосири

Тоҷикистон асоснок карда мешавад. Натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳанд, ки дар бораи таъсири ҳокимияти давлатӣ ба дигаргуншавии системаи сиёсии ҷомеа ва миқёси амалишавии он тасаввуроти мукаммал пайдо карда шавад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳои таҳқиқот дар раванди ташаккули сиёсати ба талаботи ҷомеа ҷавобгӯ, коркарди меъёрҳои асосии раванди демократикунонии муносибатҳои ҷамъиятӣ, тақвияти низоми мукаммали муносибатҳои демократӣ ва ҳалли масъалаҳои ба таҳкими пояҳои давлатдорӣ метавонад васеъ истифода шаванд.

**Тавсиби натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур аз ҷониби муаллиф дар семинарҳо ва конфронсҳои илмию назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ маърӯза гардидаанд. Рисолаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ ва шуъбаи сиёсатшиносии Институти фаласафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ муҳокима ва барои ҳимоя тавсия гардидааст. Дар мувофиқа бо мавзӯи диссертатсия муаллиф панҷ мақолаи илмӣ нашр намудааст.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур аз сарсухан, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

# БОБИ I. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ СИСТЕМАИ СИЁСӢ ВА ТАҲЛИЛИ СОХТОРИИ ОН

## 1. 1. Хосиятҳои назариявию методологии омӯзиши системаи сиёсӣ ва хусусиятҳои таҳлили сохторию функсионалии он

Пеш аз оғози баррасии нақши давлат дар раванди дигаргунсозии системаи сиёсӣ дар шароити иҷтимоию сиёсии замони муосир, ба андешаи мо, ба таври кӯтоҳ шарҳ додани мазмуну мундариҷаи системаи сиёсӣ ва вазифаҳои он мувофиқи мақсад мебошад. Ба таҳлили таҷрибаи таърихӣ ва ба омӯзиши сарчашмаҳо ва адабиёти мавҷуда такя намуда, қайд намудан бамаврид аст, ки маҷмӯи мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва шаҳрвандони мамлакат, ки ҳамагӣ дар раванди идоракунии сиёсии ҷомеа ширкат меварзанд, системаи сиёсии ҷомеа номида мешавад.

Маълум аст, ки ҷомеаи инсонӣ доимо тағйир меёбад ва чунин раванди тағйирёбӣ дар зери таъсири омилҳои гуногун ба амал меояд: муносибатҳои иҷтимоии байни одамон мураккаб мегарданд, дар миёни онҳо талаботи нав пайдо мегардад, фаъолиятҳои наве ба вуҷуд оварда мешаванд, ки онҳо барои қонеъ намудани талаботи мазкур нигаронида шудаанд, муҳити табиӣ, манбаъҳои энергетикӣ ва шароити байналхалқии мавҷудияти давлатҳои муосир тағйир меёбанд. Бинобар ин, масъалаи чӣ гуна мутобиқ гардидани талаботи ҷомеа бо тағйироти бамалояндаи муҳити дохилӣ ва берунӣ доимо аҳамияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ дорад. Зеро ҳангоми посух гардонидан ба масъалаи мазкур механизми мутобиқшавӣ, ки асоси устувории ҳар як ҷомеаро ташкил медиҳад, возеҳу равшан гардонида мешавад.

Мафҳуми «системаи сиёсӣ» дар илмҳои сиёсӣ солҳои 50-60-уми асри XX истифода бурда шудааст ва хусусиятҳои системавии дарки сиёсатро инъикос намудааст. То ин замон барои ифодаи муносибатҳои сиёсӣ одатан мафҳумҳои «навъи идоранамоӣ» ва «системаи идоранамоӣ»

истифода бурда шудааст, ки ифодагари алоқамандии арбоби сиёсӣ бо фаъолияти сохторҳои давлатӣ ва нишон додани онҳо ба сифати субъекти муносибатҳои сиёсӣ ба шумор мерафтанд. Аммо раванди рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, ба вуҷуд омадани шахсияти худмухтор ва дорои ҳуқуқу озодиҳои фарогир ба он оварда расонид, ки минбаъд шаҳрванд на танҳо тобеъ ба ҳисоб мерафт, балки онҳо метавонистанд бо роҳи ташкили ҳизбҳои сиёсӣ ва ё иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба давлат таъсиррасонӣ намоянд. Дар чунин шароит ҳокимият дигар дар монополияи давлат қарор гирифта наметавонист ва ин буд, ки муносибатҳои сиёсӣ оҳиста-оҳиста хеле мураккаб гардиданд, зеро дар раванди идоракунии сиёсӣ ташкилотҳои ғайридавлатӣ низ аллакай иштирок менамуданд. Дарки мураккабӣ ва гуногунрангии муносибатҳои сиёсӣ, ки онро дигар танҳо хоси фаъолияти сохторҳои давлатӣ шуморидан номумкин гардида буд, барои шарҳу баёни паҳлуҳои гуногуни сиёсат зарурати истифодаи муносибатҳои илмии институтсионалӣ ва бихевиоралистиро ба миён овард.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки мафҳуми «системаи сиёсии ҷомеа» барои нишон додани хусусиятҳои муҳимми муносибатҳои мутақобилаи байни давлат ва ҷомеа, байни субъектҳои мухталифи иҷтимоӣ дар сатҳи муносибатҳои давлатӣ ба кор бурда мешавад.

Дар адабиёти илмӣ ва сиёсию ҷамъиятӣ мафҳуми «системаи сиёсӣ» ба таври гуногун шарҳ дода мешавад. Аммо, ба андешаи мо, таърифе, ки сиёсатшиноси рус К.С. Гаджиев додааст, барои ифодаи мазмуни системаи сиёсӣ хеле мувофиқ аст. Ба ақидаи ӯ, «Системаи сиёсӣ – маҷмӯи меъёр, андеша, институтҳои сиёсӣ, фаъолият ва ташкилотҳои бо ҳам мутақобилае мебошад, ки ҳокимияти сиёсиро ташаккул дода, алоқамандии байни давлат ва ҷомеаро таъмин менамоянд»[6]. Ба вуҷуд овардани фаъолияти ягонаи одамон дар соҳаи сиёсат ва такмил додани он вазифаи асосии системаи сиёсии ҷомеа мебошад.

[6] Гаджиев К.С. Политическая наука.- М., 1994, С.112.

Масъалаи системаи сиёсии ҷомеа предмети омӯзиш ва объекти таҳқиқоти илмҳои фалсафа, таърих, сотсиология, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқшиносӣ, низоъшиносӣ, равоншиносӣ ва ғ. мебошад. Таҳлили сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки ҳар як шохаи илм вобаста ба предмети худ моҳият ва хусусиятҳои бевоситаи системаи сиёсиро муайян намудаанд, ки барои омӯзиши масъалаҳои ҷудогонаи он то андозае кӯмак мерасонанд.

Гузашта аз ин, бояд тазаккур дод, ки то ҳанӯз нисбат ба мафҳуми «системаи сиёсии ҷомеа» таърифи ягона вуҷуд надорад. Айни замон намояндагони кишварҳои мухталиф нисбат ба моҳияти ин мафҳум таърифи гуногун пешниҳод намудаанд. Роҷеъ ба ин масъала дар луғати энсиклопедии сиёсатшиносӣ маълумоти дақиқ пешниҳод гардидааст, ки мувофиқи он «Дар илмҳои сиёсии Амрико нисбат ба моҳияти системаи сиёсӣ зиёда аз 20 таъриф мавҷуданд, ки онҳо ҳамагӣ характери сиёсию прагматикӣ доранд. Дар Фаронса бошад, 4 таърифи системаи сиёсӣ дида мешавад, ки онҳо ифодагари омилҳои ҳуқуқию конститутсионӣ мебошанд. Дар Олмон бошад, 2 таърифи системаи сиёсӣ дида мешавад, ки дар заминаи баррасиҳои фалсафӣ ташаккул дода шудаанд. Дар мамлакатҳои дигар низ чунин ҳолатро мушоҳида намудан мумкин аст» [7].

Асосгузорони назарияи системаи сиёсӣ сиёсатшиносони амрикоӣ Дэвид Истон ва Габриел Алмонд мебошанд. Ба андешаи онҳо, системаи сиёсӣ маҷмӯи амалҳо ва муносибатҳои мутақобилае мебошад, ки дар миёни субъектҳои гуногуни муносибатҳои сиёсӣ ба вуҷуд меоянд. Пеш аз ҳама, чунин муносибатҳо дар миёни шаҳрвандон дида мешаванд, ки дар муносибат бо тақсими манбаъҳои ҳокимият ва арзишҳои сиёсӣ сурат мегиранд.

Қайд намудан бамаврид аст, ки назарияи системаи сиёсӣ имкониятҳои методологии сиёсатшиносиро хеле васеъ гардонидаанд, зеро бо ёрии назарияи мазкур низоми алоқаҳо ва муносибатҳо,

[7] Краткий энциклопедический словарь-политология. - Ростов-на Дону «Феникс» .- Москва: «Зевс», 1997, 372.

муносибатҳои мутақобилаи унсурҳои таркибии як система ва вазифаҳои онҳо ба таври васеъ омӯхта мешавад ва паҳлуҳои гуногуни онҳо возеҳу равшан гардонида мешаванд.

Бо назардошти омӯзиши таҷрибаи таърихӣ ва таҳлили сарчашмаҳои иҷтимоию сиёсӣ, фалсафию ҳуқуқӣ гуфтан мумкин аст, ки масъалаи системаи сиёсии ҷомеа доимо дар маркази диққати олимон ва мутафаккирони шинохтаи олам қарор дошт. Бинобар ин, баррасии мазмун ва мундариҷаи системаи сиёсӣ дар асарҳои А.Смит, Д.Рикардо, Т.Гоббс, Ҷ.Локк, Жан-Жак Руссо, Б.Спиноза ва дигарон ба мушоҳида мерасад. Онҳо нақш ва мавқеи системаи сиёсии ҷомеаро илман асоснок намуда, ҳамзамон таъкид доштаанд, ки системаҳои сиёсӣ доимо дар раванди ташаккулёбӣ қарор дошта, аз як шакл ба шакли дигар мегузаранд. Ҳамин тариқ, таҳлил ва омӯзиши асарҳои мавҷуда нишон медиҳанд, ки оид ба пайдоиш, ташаккулёбӣ ва рушди минбаъдаи системаи сиёсии ҷомеа бо назардошти таҷрибаҳои таърихӣ корҳои хеле зиёд анҷом дода шудааст.

Бояд гуфт, ки тӯли солҳои охир оид ба масъалаи системаи сиёсӣ шумораи зиёди адабиёти илмӣ нашр гардидаанд, ки дар онҳо моҳияти системаи сиёсии ҷомеа ба таври муфассал баррасӣ гардидааст. Дар миёни олимони мазкур асарҳои чунин муҳаққиқон, ба монанди Марченко М.Н., Манов Г.Н., Матузов Н.И., Дилитров Ю.А., Камаров С.А., Малько А.В., Клименко С.В., Чичерин А.Л. ва Алексеев С.С.[8] аҳамияти калони илмию назариявӣ доранд. Олимони мазкур дар асарҳои хеш бо истифода аз таҳлили сохторию функсионалӣ раванди дигаргуншавии системаи сиёсии ҷомеа ва дар зери таъсири кадом омилҳо ба амал омадани ин дигаргуниҳоро мавриби баррасӣ қарор додаанд. Ҳамзамон, дар асарҳои олимони мазкур масъалаҳои умумии

---

[8] Политическая система современного буржуазного общества. Политико-правовое исследование /Марченко М.Н. - М.: Изд-во Моск. ун-та, 1981. - 302 с; Манов Г.Н. Основы теории политических систем. - М., 1997. 343 с;.Матузов Н.И., Малько А.В. Теория государства и права. Комаров С.А. Личность. Права и свободы. Политическая система / С.А. Комаров, И.В. Ростовщиков. - Издательство юридического института, 2002. - 336 с.; Клименко С.В., Чичерин А.Л. Основы государства и права., - М.,1999.354с.; Алексеев С.С. Государство и право. М.,1993.

алоқаҳои мутақобилаи давлат бо системаи сиёсии ҷомеа нишон дода шудааст. Олимони мазкур талаботи замони муосирро ба инобат гирифта, роҷеъ ба қонуниятҳои ташаккулёбии системаи сиёсии ҷомеа консепсияҳои мухталифи илмӣ ва андешаҳои гуногуни худро баён намудаанд. Онҳо ба омӯзиши унсурҳои муҳимтарини системаи сиёсии ҷомеа ва вазифаҳои онҳо диққати махсус дода, кӯшиш намудаанд, ки моҳияти масъалаҳои мазкурро возеҳу равшан намоянд.

Ҳамзамон бояд гуфт, ки омӯзиш ва таҳлили паҳлуҳои гуногуни системаи сиёсӣ дар шароити дигаргуншавии ҷомеа яке аз самтҳои афзалиятноки илмҳои сиёсӣ ба шумор меравад. Вобаста ба ин ба осонӣ мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар асарҳои илмии чунин олимон, ба монанди Ануфриев С.С., Белов Г.А., Краснов Б.И., Петров В.Е., Таросов Е.Н., Фарукшин М.Х., Абдулатипов Р.Г. [9] ва дигарон масъалаи бо ҳам алоқамандгардии системаи сиёсӣ ва сохтори сиёсии ҷомеа ба таври муфассал баррасӣ гардида, вазифаҳои асосии системаи сиёсӣ дар шароити тағйирёбии ҷомеа нишон дода шудаанд. Дар таҳқиқоти олимони мазкур моҳияти иҷтимоии давлат, шаклҳои давлат ва махсусан нақш ва мавқеи он дар системаи сиёсии ҷомеа ба таври муфассал мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

Дар самти омӯзиши масъалаи системаи сиёсӣ ва хусусиятҳои муҳимми он инчунин олимони Ҷумҳурии Тоҷикистон низ саҳми арзанда гузоштаанд. Махсусан, дар асарҳои илмии Гиеев К., Ғафорова М.К., Ҳамрохон Зарифӣ, Саидов З.Ш.[10] ва чанде дигарон раванди ташаккулёбии системаи сиёсӣ дар шароити соҳибистиқлолии мамлакат мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Инчунин олимони мазкур

---

[9] Ануфриев С.С. Политическая система и политическая организация общества // Социально-политические науки. – 1992. – №2; Белов Г.А. Функции политической системы. -Кентавр, 1995; Краснов Б.И. Политические системы // Социально-политический журнал. – 1995. – № 4; Петров В.Е. Сущность, содержание и формы государства. – Л., 1991; Тарасов Е.Н. Государство как институт политической системы // Социально-политический журнал. – 1994. – № 1-2; Фарукщи М.Х. Политическая система общества // Социально-политические науки. – 1991. – № 5; Абдулатипов Р.Г. Человек, нация и общества. - М., 1991.

[10] Гиеев К.Национальные-интересы: социально-философские аспекты.- Душанбе. 2000; Хамрохон Зарифи. Дипломатия Таджикистана. - Душанбе, 2010; Саидов З.Ш.Таджикистан: межгосударственные отношения в период становления внешней политики. - Душанбе, 2012 и др.

ҷанбаҳои назариявию методологии масъалаи системаи сиёсиро таҳқиқ намуда, хусусиятҳои таҳлили сохторию функсионалии онро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон додаанд.

Бо назардошти омӯзиши таҷрибаи таърихӣ ва таҳлили адабиёти илмӣ гуфтан мумкин аст, ки системаи сиёсии ҷомеа фазои сиёсие мебошад, ки дар он субъектҳои гуногуни сиёсӣ пайдо гардида, фаъолият менамоянд. Дар заминаи чунин қонуният тӯли солҳои охир барои рушду такомули назарияи системаи сиёсӣ ва барои омӯзиши амалияи сиёсӣ муваффақиятҳои назаррас ба даст омадаанд: масъалаҳои умумии системаи сиёсӣ коркард гардидаанд; тасаввуроти илмӣ нисбат ба ин падидаи ҳаёти сиёсии ҷомеа амиқу дақиқ гардидааст; унсурҳои таркибии системаи сиёсӣ таҳлилу баррасӣ гардидаанд; фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, шароити мавҷудияти меъёрҳои сиёсӣ, режими сиёсӣ ва ташаккулёбии идеологияи сиёсӣ ҳамаҷониба таҳлилу таҳқиқ гардидаанд; қонуниятҳои амалишавии алоқаҳои мустақим ва алоқаҳои баргарданда дар байни системаи сиёсӣ ва муҳити берунии он муайян гардидаанд.

Дар баъзе аз мавридҳо андешаҳоеро вохӯрдан мумкин аст, ки мувофиқи он системаи сиёсӣ дар самти амалӣ намудани мақсадҳои муҳимтарини иҷтимоӣ восита ва механизми маҷбурнамоӣ ва ҳукмронӣ дониста мешавад. Масалан, барои ба вуҷуд овардани ҳамгироии ҷомеа, мутобиқгардонии он бо воқеияти давру замон ва ғ. мисоли равшани мақсадҳои мазкур мебошанд. Ғайр аз ин, баъзан системаи сиёсиро дар ин ё он дараҷа бо мафҳуми давлат ҳамвазн медонанд. Аммо системаи сиёсӣ механизме мебошад, ки ба воситаи он раванди ворид гардидани ангезаҳои иҷтимоӣ ба дохили система ва нисбати онҳо қабул гардидани қарорҳои дахлдору иҷроиши онҳоро таъмин менамоянд. Дар чунин шароит муайян намудани хусусиятҳои ин механизм ва нишон додани сарҳади муҳити берунии система мушкилии асосии ин масъала мебошад.

Мафҳуми «системаи сиёсӣ» ба монанди як қатор мафҳумҳои дигар аз соҳаи сотсиология ба илмҳои сиёсӣ ворид гардидааст. Ба истисної

таълимоти сиёсию ҳуқуқии Афлотуну Арасту ва Томас Гоббсу Ҷон Локк, ки онҳо ҷомеаро организми зинда ва системаи органикӣ муаррифӣ намудаанд, ҷомеашиносони шинохта Г.Спенсер ва Э.Дюркгейм ҳанӯз дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар асарҳои худ як қатор категорияҳои назарияи иҷтимоии системаро ташаккул додаанд. Масалан, дар асарҳои онҳо мафҳумҳои «институт», «функсия», «системаи танзимнамоии ҷомеа», «идоракунии сиёсӣ» ва ғ. ба таври васеъ истифода бурда шудаанд. Аммо мафҳуми «системаи сиёсӣ» танҳо дар миёнаҳои асри XX дар асарҳои сиёсатшиносони амрикоӣ Д.Истон ва Г.Алмонд илман асоснок карда мешавад.

Ташкили идоракунии иҷтимоӣ вазифаи муҳимтарини давлат мебошад. Аммо худи давлат шакли махсуси амалигардии идоракунии ҷомеа дониста шудааст. Дар раванди ин гуна идоранамоӣ дар баробари мақомоти давлатӣ инчунин шаҳрвандони мамлакат ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ (ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, иттифоқҳои касаба, созмонҳо) низ фаъолона ширкат меварзанд.

Маҷмӯи мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва шаҳрвандоне, ки дар раванди иҷроиши корҳои ҷамъиятӣ ва идоракунии сиёсӣ ширкат меварзанд, системаи сиёсии ҷомеа номида шудааст. Мафҳуми «системаи сиёсии ҷомеа» дар солҳои 70-уми асри гузашта ба таври васеъ ва дар самти гуногун истифода бурда мешавад. Ҳатто дар Конститутсияи Иттиҳоди Шӯравӣ, ки соли 1977 қабул гардида буд, бори аввал мафҳуми «системаи сиёсӣ» истифода бурда шудааст. То ин дам ба ҷойи системаи сиёсӣ мафҳумҳои «сохтори сиёсии ҷомеаи синфӣ» ва «системаи демократияи сотсиалистӣ» истифода бурда мешуд.

Чӣ гунае ки дар боло таъкид гардид, то имрӯз нисбат ба мафҳуми «системаи сиёсӣ» таърифҳои гуногун ба вуҷуд оварда шудаанд, ки онҳо пеш аз ҳама, аз рӯи хусусиятҳои консептуалии худ аз ҳамдигар тафовути ҷиддӣ доранд. Мавриди баррасӣ қарор додани баъзе аз онҳоро зарур мешуморем.

Дар навбати аввал дар зери мафҳуми «системаи сиёсии ҷомеа» маҷмӯи мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатиеро, ки вазифаҳои мушаххаси сиёсиро иҷро менамоянд, фаҳмида мешавад. Дар доираи чунин фаҳмиш ба таркиби системаи сиёсӣ институтҳои иҷтимоию сиёсии зеринро дохил намудаанд: давлат, ҳизбҳо, иттифоқҳои касаба, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳаракату созмонҳо, ки дар ҳаёти ҷамъиятӣ иштирок менамоянд. Масъалаи ба даст овардан, нигоҳ доштан ва истифода намудани ҳокимият қонунияти асосии ҳаёти ҷамъиятӣ ба шумор меравад. Маҳз ҳокимият ва муносибатҳои бо он алоқаманд вазифаҳои сиёсии институтҳои иҷтимоию сиёсиро ба вуҷуд меоваранд ва дар заминаи ин системаи сиёсиро ташаккул медиҳанд.

Дар раванди таҳқиқот маълум гардид, ки системаи сиёсӣ маҷмӯи алоқаҳои ҷамъиятӣ ва муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки ба воситаи фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ зоҳир гардида, ҳокимияти давлатиро амалӣ менамоянд. Системаи сиёсии ҷомеа – ин ягонагӣ ва фаъолияти бо ҳам алоқаманди мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва институтҳои демократӣ мебошад, ки ба воситаи онҳо халқ дар раванди идоранамоии корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ширкат меварзанд. Чӣ гунае ки маълум аст, системаи сиёсӣ аз чаҳор зерсистема иборат мебошад: 1) ташкилоти сиёсӣ; 2) меъёрҳои сиёсӣ; 3) муносибатҳои сиёсӣ; 4) идеологияи сиёсӣ[11].

Таҳлили омилҳои иҷтимоию сиёсӣ нишон медиҳад, ки системаи сиёсӣ маҷмӯи муносибатҳои мутақобилаи институтҳои сиёсӣ, фаъолияти сиёсии онҳо, меъёрҳо ва андешаҳоро ифода намуда, ба воситаи он амалишавии ҳокимияти сиёсӣ ва алоқамандии шаҳрвандон ва давлат таъмин карда мешавад. Дар чунин шароит таъмини ягонагии ҷомеа ва амалҳои ягонаи одамон дар сиёсат вазифаи асосии системаи сиёсӣ дониста мешавад. Дар маҷмӯъ, унсурҳои асосии системаи сиёсиро ба

[11] Краткий энциклопедический словарь-справочник. -Ростов-на Дону – Москва: «Финикс», 1997.- С.365.

таври зерин муаррифӣ намудаанд: сохтори сиёсии ҷомеа, меъёрҳои сиёсию ҳуқуқӣ, фаъолияти сиёсӣ, шуури сиёсӣ ва маданияти сиёсӣ.

Системаи сиёсии ҷомеа маҷмӯи институтҳои сиёсӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, муносибатҳои сиёсӣ, равандҳои сиёсӣ, меъёрҳои тарзи ташкили сохтори сиёсӣ мебошад, ки бо тартиби муайян мавҷудияти худро нигоҳ дошта, дар доираи меъёрҳои сиёсию иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, идеологӣ ва фарҳангӣ, инчунин дар заминаи анъанаҳои таърихӣ ва муқаррароти режими сиёсии ҷомеаи мушаххас амал менамоянд. Системаи сиёсӣ сохтори ҳокимияти сиёсӣ, муносибатҳои байни давлат ва ҷомеа, тарзи баамалоии равандҳои сиёсӣ, шарту шароити фаъолияти сиёсӣ, дараҷаи муайяни маданияти сиёсиро дар худ нигоҳ медорад.

Дар раванди таҳқиқот бо такя ба таҳлили адабиёти илмӣ унсурҳои таркибии сохтори системаи сиёсиро муайян намудем. Одатан, унсурҳои таркибии системаи сиёсиро ба гурӯҳҳои зерин тақсим намудаанд:

а) Институтҳои дорои характери сиёсӣ: давлат, ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои алоҳидаи ҷамъиятӣ.

Нишонаҳои фарққунандаи ташкилотҳои мазкур дар он ифода меёбад, ки онҳо бо сиёсат алоқамандии бевосита дошта, ба соҳаи сиёсат таъсири хеле фаъол мерасонанд. Ташкилотҳои мазкур бо мақсади дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои сиёсии пайравони онҳо созмон дода мешаванд. Масалан, дар марҳилаҳои гуногуни рушди ҷомеа ба вуҷуд овардан ва дар амал татбиқ намудани сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ; амалӣ намудани таъсиррасонии сиёсию идеологӣ ба табақаҳои гуногуни ҷамъиятӣ; ҳимоя намудани манфиатҳои сиёсии табақаҳои нуфузманд ва умуман ҳимояи манфиатҳои кулли ҷомеа.

б) Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ғайрисиёсӣ. Ташкилоту созмонҳое, ки пайдоиши онҳо сабабҳои сиёсӣ надошта, баръакс омилҳои иқтисодӣ ва ё иҷтимоӣ сабаби пайдоиши онҳо мебошад. Масалан, иттифоқҳои касаба, кооперативҳо ва созмонҳои мухталифи иҷтимоӣ ба ин мисол шуда метавонанд. Ташкилотҳои мазкур фаъолияти худро на дар соҳаи сиёсат,

балки дар соҳаҳои истеҳсолот, фарҳанг, иҷтимоию маишӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ амалӣ менамоянд. Таъсиррасонӣ намудан ба ҳокимияти давлатӣ ҳеҷ гоҳ мақсади онҳо буда наметавонад. Фаъляити сиёсӣ хоси ташкилотҳои мазкур нест ва ҳеҷ яке аз самтҳои фаъолияти онҳоро ташкил намедиҳад. Ташкилотҳои мазкур имкони пешбурди фаъолияти сиёсиро надоранд.

в) Ташкилотҳое, ки ба соҳаи сиёсат умуман сару кор надоранд. Ташкилотҳои мазкур дар заминаи майлу рағбати шахсӣ ва манфиатҳои ин ё он табақаи иҷтимоӣ ба вуҷуд омада, фаъолияти он дар яке аз соҳаҳои маҳдуди ҳаёти ҷамъиятӣ амалӣ мегардад. Масалан, иттифоқи сайёҳон, бостоншиносон, нависандагон, композиторон ва ғ. ба ин мисол шуда метавонанд. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар миёни унсурҳои таркибии системаи сиёсии ҷомеа давлат нақши муҳим ва ҳалкунанда мебозад.

Чӣ гунае ки дар боло қайд гардид, системаи сиёсӣ аз зерсистемаҳои ҷудогона иборат мебошад, ки онҳо бо ҳамдигар алоқамандии зич дошта, дар амал татбиқ намудани ҳокимияти расмиро таъмин менамоянд. Аз рӯи нишонаҳои амалишавии ҳокимият зерсистемаҳои мазкурро ба таври зерин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст: институтсионалӣ, меъёрӣ, коммуникативӣ, фарҳангӣ ва функсионалӣ[12].

Зерсистемаи институтсионалӣ дар худ чунин институтҳоро дар бар мегирад: давлат, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ, муносибати байни онҳо, ки дар маҷмӯъ системаи сиёсии ҷомеаро ташаккул медиҳанд. Дар зерсистемаи мазкур давлат институти марказӣ ба шумор меравад. Ғайр аз давлат инчунин ибодатхонаҳо ва воситаҳои ахбори омма низ дар зерсистемаи мазкур нақши хеле калон мебозанд, зеро онҳо дар раванди ташаккулёбии афкори ҷамъиятӣ таъсири хеле зиёд мерасонанд.

---

[12] Краткий энциклопедический словарь-справочник.- Ростов-на Дону: «Финикс»- Москва: «Зевс», 1997. - С.372.

Зерсистемаи меъёрӣ чунин унсурҳоро дар бар мегирад: арзишҳо ва меъёрҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ; анъанаҳо ва урфу одатҳо. Ба воситаи унсурҳои мазкур системаи сиёсӣ ба фаъолияти институтҳои сиёсӣ ва рафтори шаҳрвадон таъсири доимӣ мерасонад ва муносибати байни онҳоро ба танзим медарорад. Зерсистемаи меъёрӣ одатан меъёрҳои имконпазири ҳаёти ҷамъиятиро ба вуҷуд оварда, ба воситаи онҳо дар ҳаёти сиёсии ҷомеа рафтори одамонро муайян ва муқаррар менамояд. Масалан, иштироки одамон дар раванди пешбарии талаботи худ, табдил додани талаботи мазкур ба қарорҳои сиёсӣ, дар амал татбиқ намудани қарорҳои қабулшуда ва ғ. ба воситаи меъёрҳои мазкур амалӣ карда мешаванд. Ҳамзамон меъёрҳои мазкур қоидаҳои асосии иштирок дар ҳама навъи раандҳои сиёсӣ дониста мешаванд. Меъёрҳои мазкурро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: урфу одатҳо ва қонунҳо.

Зерсистемаи функсионалӣ одатан роҳу усулҳои пешбурди фаъолияти сиёсӣ ва воситаҳои дар амал татбиқ намудани ҳокимиятро дар бар мегирад. Зерсистемаи мазкур асоси режими сиёсии мамлакатро ташкил намуда, мавҷудияти он барои таъмини самаранокии ҳокимияти сиёсӣ ва механизми истифодабарии он зарур дониста мешавад.

Зерсистемаи коммуникативӣ ҳамаи шаклҳои муносибатҳои мутақобилаи чи дохили системаи сиёсӣ (масалан, муносибати байни давлат ва ҳизбҳои сиёсӣ) ва чи муносибати он бо системаи сиёсии мамлакатҳои дигарро дар бар мегирад. Зерсистемаи коммуникативӣ алоқамандии байни институтҳои сиёсиро таъмин менамояд. Зерсистемаи мазкур низ як қатор унсурҳои муҳимро дар худ нигоҳ медорад. Масалан, шабакаҳои интиқоли иттилоот ба ҳукумат (шунидани баррасии масъалаҳои муҳим дар ҷаласаҳои васеъ, комиссияҳои махсус оид ба тафтиши сабабҳои пайдоиши мушкилиҳои ҷамъиятӣ, машваратҳои махфӣ бо гурӯҳҳои манфиатдор ва ғ.), инчунин воситаҳои ахбори омма

(телевизион, радио, маҷаллаҳо, китобҳо, интернет ва ғ., ки пешкаши шумораи зиёди хонандагон ва бинандагон гардонида мешаванд)[13].

Ҳамчунин дар раванди таҳлили ҷанбаҳои назариявию методологии системаи сиёсӣ навъҳои мухталифи он низ муайян карда шуд. Дар тӯли таърихи инсоният навъҳои мухталифи системаи сиёсии ҷомеа арзи ҳастӣ менамуд ва махсусан дар замони муосир шумораи онҳо хеле зиёданд. Навъи системаи сиёсӣ маҷмӯи аломатҳои уммие мебошанд, ки хоси як гурӯҳи системаҳои сиёсӣ ҳастанд. Категорияи мазкур, пеш аз ҳама, ҳолати тағйирёбӣ ва рушди системаи сиёсиро ифода менамояд. Аммо бояд дар назар дошт, ки гурӯҳбандии системаи сиёсӣ бо назардошти масъалаҳои мухталиф амалӣ карда мешавад:

–дар асоси муносибати форматсионӣ системаҳои сиёсии ҷомеаи ғуломдорӣ, феодалӣ, буржуазӣ ва сотсиалистиро аз ҳам фарқ менамоянд;

– дар асоси баинобатгирии мавқеи инсон дар ҷомеа, аз рӯи дараҷаи мутаммарказ будани ҳокимият ва роҳу усулҳои амалигардонии ҳокимият ду навъи асосии системаҳои сиёсиро нишон медиҳанд: системаҳои сиёсии авторитарӣ ва демократӣ;

– дар асоси муносибати неруҳои сиёсӣ бо воқеият системаҳои сиёсии консервативӣ ва реформистиро низ нишон медиҳанд. Дар шароити мавҷудияти системаҳои сиёсии консервативӣ мавҷудият ва фаъолияти институтҳои сиёсӣ нисбатан устувор мебошанд. Аммо дар шароити системаи сиёсии реформистӣ институтҳои сиёсӣ марҳила ба марҳила ташаккул ёфта, мавқеи худро иваз менамоянд. Вобаста ба самти рушду инкишоф ва тарзи таъмин намудани он инчунин системаҳои сиёсии прогрессивӣ ва реаксиониро низ аз ҳам фарқ менамоянд.

Аз рӯйи шарту шароити мавҷудияти сохтори сиёсӣ ва шакли зоҳиршавии маданияти сиёсӣ навъҳои зерини системаҳои сиёсиро нишон медиҳанд: системаи сиёсии англо-амрикоӣ, континенталию аврупоӣ, тоиндустриалӣ ва тоталитарӣ.

---

[13] Ҳамон ҷо. С.373.

Системаи сиёсии навъи англо-амрикоӣ (ИМА, Британияи Кабир, Канада, Австралия) ифодагари якрангии маданияти сиёсӣ мебошад. Мақсадҳои сиёсӣ ва роҳу усулҳои дар амал татбиқ намудани онҳо аз ҷониби аъзоёни ҷомеа ба таври якхела тасаввур мегарданд. Аксарияти аҳолӣ озодиҳои шахсӣ, сатҳу сифати зиндагии арзанда ва амнияти миллиро аз ҳама боло мегузоранд. Системаи мазкур ба таври мукаммал ташкил карда шуда, нисбатан барои амалӣ намудани мақсадҳои мазкур устувор мебошад. Дар он ҳар як унсури таркибӣ вазифаи худро ба хубӣ иҷро карда метавонад.

Системаи сиёсии навъи континенталию аврупоӣ (Фаронса, Олмон, Италия) маданияти сиёсии омехтаро дар бар гирифта, одатан мавҷудияти маданияти кӯҳна ва маданияти нав дар таркиби он ба мушоҳида мерасад. Ба системаҳои сиёсии мазкур мавҷудияти ҳизбҳои сиёсии гуногун ва идеологияҳои мухталиф хос мебошад, ки онҳо одатан анъанаҳоеро пайгирӣ менамоянд, ки дар ҷомеа таъсири амиқ мерасонанд.

Системаҳои сиёсии тоиндустриалӣ ва баъзан қисман индустриалӣ (аксари давлатҳои Осиё, Африқо, Амрикои Лотинӣ) дорои маданияти сиёсии омехта мебошанд, аммо ин гуна омехтагӣ аз маданияти сиёсии омехтаи Аврупои Ғарбӣ ба куллӣ тафовут дорад. Зеро системаҳои сиёсии тоиндустриалӣ метавонанд дар худ арзишҳои мухолифатнокро низ фаро гиранд. Масалан, арзишҳои ғарбӣ, анъанаҳои динию мазҳабӣ, этникию маҳаллӣ. Авторитаризми шахсӣ ва дараҷаи баланди маҷбурнамоӣ хоси системаҳои сиёсии мазкур мебошанд.

Системаи сиёсии навъи тоталитарӣ (Италия ва Германияи фашистӣ, Иттиҳоди Шӯравӣ) бо ду хусусияти асосӣ аз навъҳои дигари системаҳои сиёсӣ фарқ менамояд: ҳокимияти марказонидашуда ва дараҷаи баланди маҷбурнамоӣ.

Аз рӯйи муносибати системаи сиёсӣ бо муҳити берунаи он, инчунин системаҳои сиёсии кушода ва пӯшидаро низ нишон додаанд. Системаи

сиёсии пӯшида бо муҳити берунии система алоқаҳои зиёд надорад, арзишҳои системаҳои дигарро дар худ намепазирад, дар дохили худ манбаъҳои зарурииро нигоҳ медорад ва дар маҷмӯъ аз муҳити берунӣ вобаста нест ва кӯшиш менамояд, ки чунин вобастагӣ ба вуҷуд наояд.

Баръакс, системаҳои сиёсии кушода бо муҳити берунии система алоқаи зич барқарор намуда, байни онҳо мубодилаи манбаъҳо сурат мегирад ва фаъолона арзишҳои пешқадамонаи системаҳои дигарро дар худ қабул намуда, характери динамикӣ дорад.

Яке аз хусусиятҳои муҳими системаи сиёсӣ характери интегралӣ доштани он мебошад. Яъне системаи сиёсӣ ҳамгироӣ ва ҳамкории тамоми унсурҳои таркибии худро таъмин намуда, бо ин роҳ ягонагии худро нигоҳ медорад. Ҳеҷ яке аз унсурҳои таркибии системаи сиёсӣ ин гуна хусусиятро соҳиб нестанд. Ҳатто системаи сиёсӣ бо муҳити беруна низ алоқаҳои доимии худро нигоҳ медорад.

Барои дарки пурраи системаи сиёсӣ ба инобат гирифтани сохтори мураккаби он хеле зарур дониста мешавад. Сохтор маҷмӯи унсурҳои бо ҳам алоқаманде мебошад, ки дар байни онҳо муносибатҳои доимӣ дида мешавад ва бо ин роҳ системаи мукаммал ташаккул меёбад. Бинобар ин, система маҷмӯи элементҳои бо ҳам алоқамандест, ки сохтори мураккаби системаро ташкил медиҳанд. Системаи сиёсӣ низ дорои сохтори хеле мураккаб буда, пеш аз ҳама, бо фаъолияти сиёсии одамон алоқаманд мебошад. Чунин фаъолият дар раванди ба амал омадани муносибатҳои мутақобилаи байни синфҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, коллективҳои меҳнатӣ ва шахсони алоҳида дар муносибат бо ҳокимияти давлатӣ дида мешавад. Таҳлили паҳлуҳои гуногуни системаи сиёсӣ нишон медиҳад, ки муносибатҳои сиёсӣ ва худи сиёсат ҷавҳари асосии системаи сиёсии ҷомеаро ташкил медиҳад.

Чӣ гунае ки дар боло таъкид гардид, нисбат ба омӯзиши системаи сиёсӣ муносибатҳои мухталифи илмӣ мавҷуданд. Аммо ба гуногунрангии ҷанбаъҳои методологии он нигоҳ накарда, гуфтан

мумкин аст, ки системаи сиёсӣ маҷмӯи муносибатҳои хеле мураккаби байни синфҳо, миллат, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, умумиятҳо ва институтҳои сиёсии онҳо ба шумор меравад. Масалан, муносибати институтсионалӣ имкон медиҳад, ки ниҳодҳои асосии таркиби системаи сиёсии ҷомеа муайян карда шаванд ва бо ин роҳ таҳлили сохтории рафтори субъектҳои алоҳида ва фаъолияти расмии онҳо амалӣ гардад. Муносибати функсионалӣ системаи сиёсиро аз лиҳози самтҳо ва шаклҳои фаъолияти институтҳои сиёсӣ, тарзи бамалоии равандҳои сиёсӣ ва шакли ифодагардии режими сиёсӣ баррасӣ намуда, дар низоми муносибатҳои сиёсӣ нақш ва мавқеи институтҳои алоҳидаи онро муайян менамояд. Муносибати меъёрӣ барои омӯзиши системаи сиёсӣ хеле муҳим мебошад. Ба воситаи он маҷмӯи меъёрҳое, ки барои танзими фаъолияти институтҳои сиёсӣ истифода мегарданд, мавриди омӯзиш қарор дода шуда, мавқеи онҳо дар рушди система нишон дода мешаванд. Масалан, урфу одатҳо, анъанаҳо, меъёрҳои ахлоқӣ, андешаҳо, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ғ. ба сифати меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои сиёсӣ дониста мешаванд.

Муносибати идеологӣ имкон медиҳад, ки андешаҳо, идеяҳо ва тасаввуротҳои муҳаққиқон нисбат ба табиати системаи сиёсӣ ҳангоми баррасии ин масъала ба инобат гирифта шаванд. Муносибати мазкур инчунин имкон медиҳад, ки бо назардошти афзалиятҳои назарияи сиёсӣ фаъолияти самараноки системаи сиёсӣ муайян ва муқаррар карда шавад. Муносибати коммуникативӣ бошад алоқаҳои дар сатҳи гуногун бамалояндаи соҳаи сиёсат ва махсусан алоқаҳои байни институтҳои сиёсиро муайян менамояд.

Инчунин дар раванди омӯзиши системаи сиёсӣ муносибати фардиро ба инобат гирифтан хеле зарур мебошад, чунки аз лиҳози таълимоти фалсафӣ инсон дар таркиби ҳар як система унсури аввалиндараҷа ба шумор меравад ва моҳияти ҳама гуна муносибатҳоро рафтори инсонҳо ташкил медиҳад. Нақш ва мавқеи шахс дар системаи

сиёсии ҷомеа аз рӯйи мавқеъҳои ҳуқуқию сиёсии вай муайян карда мешавад. Мавҷудият ва фаъолияти ҳар як система (системаи иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва ғ.) дар ниҳояти кор аз рафтору фаъолияти инсонҳо боваста мебошад. Одамон системаи сиёсиро ташаккул дода, дар амалисозии имкониятҳои он фаъолона ширкат меварзанд. Инчунин одамон ҷомеаи шаҳрвандиро ташкил менамоянд, ки ба паҳлуҳои гуногуни ин навъи ҷомеа таъсири системаи сиёсӣ эҳсос мегардад. Бинобар ин, фарҳангу маданият, урфу одат ва анъанаҳо ва ниҳоят психологияи одамон ба характер, шакли зоҳиршавӣ ва самаранокии системаи сиёсӣ таъсири хеле калон мерасонанд.

Системаи сиёсии ҷомеа инчунин хусусияти муттаҳидкунанда дорад. Зеро муттаҳидшавии институтҳои сиёсӣ ва муносибати байни онҳо ва дар сатҳи муайян истифода намудани таҷрибаи ҳаёти сиёсӣ хоси системаи сиёсӣ мебошад. Ташкилоти сиёсии ҷомеа ифодагари сохтори сиёсии он мебошад ва ҳамзамон алоқамандии институтҳои сиёсӣ ва дигар муассисаҳоро инъикос менамояд. Ба ибораи дигар, ташкилоти сиёсии ҷомеа хусусиятҳои институтсионалии системаи сиёсии ҷомеаро ифода менамояд. Маҷмӯи муассисаҳои давлатию ҷамъиятӣ мундариҷаи асосии ташкилоти сиёсии ҷомеаро ифода менамоянд, зеро онҳо сохтори ташкилию институтсионалии ҳаёти сиёсии мамлакатро фаро мегиранд. Дар чунин шароит муассисаҳо ва ташкилотҳои сиёсӣ, вазифаҳои аз ҷониби онҳо иҷрошаванда, мундариҷаи фаъолияти онҳо, муносибатҳои мутақобилаи байни онҳо, аз ҷониби онҳо ифода гардидани манфиатҳои табақаи муайяни ҷамъиятӣ ва ғ. объекти асосии таҳқиқоти илмӣ бояд бошанд.

Системаи сиёсии ҷомеа –низоми махсуси муносибатҳои мутақобила ва ё фаъолиятҳои якҷояи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои сиёсӣ мебошад, ки ифодагари ирода ва манфиатҳои синфҳои ҷамъиятӣ, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, миллатҳо дониста мешавад. Онҳо бо назардошти салоҳият ва ваколатҳои давлат ва бо мақсади ҳимояи манфиатҳои гурӯҳӣ

барои амалӣ намудани ҳокимият мубориза мебаранд. Ҳамин тариқ, унсурҳои асосии системаи сиёсии ҷомеаро, ки таркиб ва сохтори онро ифода менамояд, ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

– институтҳои сиёсӣ (давлат, ҳизбҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ);

– муносибатҳои сиёсӣ, ки дар миёни унсурҳои таркибии системаи сиёсӣ ба амал меоянд;

– меъёрҳо ва анаъанҳои сиёсие, ки муносибатҳои дар ҳаёти сиёсии мамлакат бамалояндаро танзим менамоянд;

– шуури сиёсӣ, ки инъикосгари хусусиятҳои идеологӣ ва психологии системаи сиёсӣ мебошад;

– фаъолияти сиёсӣ, ки дарбаргирандаи амалҳои мушаххаси шахсони алоҳида ва ташкилотҳои сиёсӣ мебошад.

Аммо системаи сиёсӣ дар аксар маврид ягонагии диалектикии чаҳор унсур муаррифӣ мегардад. Инҳо унсурҳои институтсионалӣ, меъёрӣ, функсионалӣ ва идеологӣ мебошанд. Дар робита бо ин гуфтан зарур аст, ки меъёрҳои сиёсӣ ва муносибатҳои дар заминаи онҳо баамалоянда институтҳои сиёсӣ номида мешаванд. Раванди ташаккулёбии меъёрҳо, қоидаҳо ва талаботҳои ҷамъиятию сиёсӣ, ки барои нигоҳ доштани мавҷудияти ташкилотҳои сиёсӣ муҳиманд, раванди институтсионализатсия номида мешавад. Ташаккулёбии унсурҳои таркибии системаи сиёсии ҷомеа маҳз дар чунин шароит таъмин карда мешавад.

Бо назардошти таҳқиқоти анҷомшуда бояд қайд намуд, ки барои омӯзишу баррасии системаи сиёсӣ муносибатҳои мухталифи методологӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд, ки ҳар яке аз онҳо афзалият ва норасогии худро доранд. Ҳамзамон ба воситаи муносибатҳои методологии мазкур мазмун, мундариҷа ва хусусиятҳои муҳими системаи сиёсии ҷомеа возеҳу равшан гардонида мешаванд.

## 2. 2. Мақоми давлат дар системаи сиёсӣ ва таъсири он ба раванди тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ

Дар параграфи якуми таҳқиқоти мазкур ҷанбаъҳои назариявию методологии масъалаи системаи сиёсиро таҳлил намуда, ҳамзамон хусусиятҳои муҳимми таҳлили сохторию функсионалиро нишон додем. Дар параграфи мазкур кӯшиш менамоем, ки хусусиятҳои давлатро, ки он институти асосии системаи сиёсӣ мебошад, мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Давлат ҳамчун институти марказии системаи сиёсӣ дар шароити дигаргуншавии ҷомеа ба муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсири хеле калон расонида, тарзи баамалоии онҳоро низ тағйир медиҳад. Таҳлили сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки масъалаи таъсири давлат ба муносибатҳои ҷамъиятӣ дар шароити дигаргуншавии ҷомеа дар сатҳи зарурӣ омӯхта нашудааст. Махсусан паҳлуҳои сохторию функсионалии ин масъала ба таври бояду шояд мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Як қатор олимон хусусиятҳои давлатро мавриди омӯзиш қарор дода, онро ҳамчун институти асосии системаи сиёсӣ муаррифӣ намуда, таъсири онро ба тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ нишон дода, иброз намудаанд, ки чунин шароит барои таъмини рушди устуори ҷомеа зарур мебошад.

Бо назардошти чунин ҳолат, мо дар таҳқиқоти худ давлатро ҳамчун институти асосии системаи сиёсӣ муаррифӣ намуда, дар шароити дигаргуншавии ҷомеа таъсири онро ба муносибатҳои ҷамъиятӣ нишон медиҳем. Чи гунае ки маълум аст, ҷаҳони муосир системаи бузурге мебошад, ки сохтори он пеш аз ҳама аз давлатҳои алоҳида иборат аст, ки дар байни онҳо муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқию байналхалқӣ, дипломатӣ, фарҳангӣ, илмию техникӣ ба мушоҳида мерасанд, аммо мустаҳкам намудани мавқеи давлат дар дохили мамлакат барои ҳар як кишвар афзалияти хеле калон дорад.

Амалияи сиёсӣ нишон медиҳад, ки дар ҳаёти ҷамъиятии ҳар як ҷомеаи мутамаддин давлат нақши муҳим мебозад. Давлат яке аз институтҳои муҳимми иҷтимоию сиёсие мебошад, ки барои идомаи таърихи инсоният зарур дониста мешавад ва ба раванди мазкур таъсири ҳалкунанда мерасонад. Аммо барои муайян намудани нақш ва мавқеи давлат дар раванди таърихи инсоният онро дар доираи падидаҳои васеъ, масалан, дар доираи системаи сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор бояд дод.

Баррасии масъалаи бо ҳам алоқамандии системаи сиёсӣ бо давлат, муайян намудани омилҳои иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсие, ки нақш ва мавқеи давлатро дар системаи сиёсӣ мустаҳкам менамоянд, дар шароити муосир аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ дорад. Бояд дар назар дошт, ки давлат ҳеҷ гоҳ ҳамшабеҳи системаи сиёсӣ нест ва онҳо муродифи якдигар низ нестанд. Баръакс, давлат ҷузъи таркибии системаи сиёсӣ буда, ҳамчун институти мукаммали сиёсӣ шуда баромад менамояд.

Дар адабиёти ватанию хориҷӣ паҳлуҳои гуногуни сохтори таркибии давлат ва фаъолияти он ба таври васеъ баррасӣ гардидааст. Давлат ҳамчун категорияи сиёсӣ аз мавқеъҳои гуногуни методологӣ омӯхта мешавад. Чунончӣ, як қатор олимон барои муайян намудани моҳият, мундариҷа ва шаклҳои давлат муносибатҳои сохторию функсионалиро истифода намуда, нишондодҳои сифатию миқдории онро возеҳу равшан намудаанд.

Аммо ба ҳамаи ин кӯшиш нигоҳ накарда як қатор масъалаҳои бо фаъолияти давлат алоқаманд аз мадди назар дур мондаанд. Бо назардошти муносибатҳои сиёсӣ мавриди омӯзиш қарор додани давлат имкон медиҳад, ки нақш ва мавқеи давлат дар системаи сиёсии ҷомеа муайян карда шавад ва ҷониби дигар муносибати худи давлат бо ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ нишон дода шавад. Давлат воситаи асосии бамалбарории ҳокимияти сиёсӣ шуморида мешавад. Чунин ҳолат давлатро имкон медиҳад, ки вай институти

марказии системаи сиёсии ҷомеа бошад. Барои иҷроиши ин рисолат давлат сохтори хеле мураккабро дар худ ташаккул медиҳад, вазифаҳои махсусро иҷро менамояд, дар шаклҳои гуногун зоҳир мегардад ва нишонаҳои зиёдеро соҳиб мегардад.

Давлат на танҳо иттиҳодияи сиёсии шаҳрвандон мебошад, балки новобаста ба мансубияти синфӣ, синнусолӣ, касбӣ ва мазҳабӣ ҳамаи аъзои ҷомеа аз лиҳози ҳуқуқию сиёсӣ бо давлат дар алоқамандии зич қарор мегиранд. Давлат ифодагари ҷаҳонбинӣ ва манфиатҳои умумии онҳо мебошад. Гузашта аз ин, имконияти воқеии иштироки одамон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа бо фаъолияти давлат ва бо соҳаи идоракунии давлатӣ алоқамандӣ дорад. Идеяи иштироки одамон дар ҳалли масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷамъиятӣ, масъулияти ҳар шахс нисбат ба тақдири ояндаи мамлакат дар як қатор қонунҳо ва Эъломияи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба таври мушаххас баён гардидаанд. Дар адабиёти соҳаи ҳуқуқшиносӣ андешаҳоеро дидан мумкин аст, ки мувофиқи онҳо давлат институти асосии системаи сиёсӣ буда наметавонад. Барои мисол, яке аз ҳуқуқшиносони рус М.Н. Марченко қайд менамояд, ки «Давлат асоси системаи сиёсӣ нест ва чунин буда ҳам наметавонад. Вақте давлат ба сифати унсури асосӣ ва ё марказии системаи сиёсӣ муаррифӣ мегардад, омехтагии унсурҳои дигарро ба вуҷуд меоварад. Дар чунин шароит давлат бо асосҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, идеологии системаи сиёсӣ омезиш меёбад» [14].

Нақш ва мавқеи давлат дар системаи сиёсии ҷомеа ба воситаи омилҳои зерин муайян карда мешавад:

– давлат дар рушду инкишофи ҷомеа нақши хеле муҳим мебозад. Давлат ҳамчун молик ва дар бисёре аз мавридҳо ҳамчун танзимгари воситаҳои истеҳсолӣ рушди мамлакатро ба фоидаи ҷомеа бо назардошти манфиатҳои ҳар як аъзои ҷомеа таъмин менамояд;

[14] Марченко М.И. Теория государства и права: учебник для вузов. – М.: Проспект,- 2004.

– давлат ҳамаи шаҳрвандонро муттаҳид намуда, ҷомеаро намояндагӣ менамояд. Бо ин мақсад давлат қарорҳои муҳими сиёсие қабул менамояд, ки ба ҳамаи аъзоёни ҷомеа тааллуқ дошта, ҳамзамон иҷроиши онҳо барои ҳама ҳатмӣ гардонида мешавад. Гуфтан мумкин аст, ки чунин раванди ифодагари ҳамгироии сиёсии ҷомеа дар ҳудуди муайян ба шумор рафта, мавҷудияти ҳукмронии сиёсӣ ва тобеиятро имконпазир мегардонад.

Давлат ҳокимияти олиро дар ихтиёри худ нигоҳ дошта, онро дар ҳудуди мамлакат истифода менамояд. Ба андешаи Гегел, давлат воқеияти иродаи олӣ мебошад ва он нисбат ба қудрати худ худшиносии махсусеро нигоҳ дошта, барои худ чунин ҳолатро зарур мешуморад[15].

Дар омӯзиши давлат муносибати синфӣ низ мавҷуд аст, ки онро К.Маркс, Ф.Энгелс ва В.И.Ленин ташаккул додаанд. Ба андешаи онҳо, давлат натиҷаи муборизаҳои синфӣ мебошад. Давлат дар натиҷаи тақсими ҷамъиятии меҳнат, ташаккулёбии оила, пайдоиши моликияти хусусӣ ва азбайнравии алоқаҳои авлодӣ пайдо гардидааст. Ба андешаи Ф.Энгелс, шакли классикии давлат Афина мебошад, ки дар Юнони қадим дар зери таъсири мухолифатҳои синфӣ пайдо гардида буд. Асосгузорони марксизм ба нишонаҳои маҷбурнамоии ҳокимияти давлатӣ диққати аввалиндараҷа дода, дар заминаи ин консепсияи диктатураи синфиро ба вуҷуд овардаанд. Ба андешаи онҳо, ба сари қудрат омадани як синф ҳама вақт маънои ивазшавии муносибатҳои иқтисодиро дорад, ки дар натиҷаи форматсияи иҷтимоию иқтисодии ҷомеа низ иваз мегардад. Ба андешаи асосгузорони марксизм, ҳифз намудан ва мустаҳкам нигоҳ доштани шароитҳои иқтисодию сиёсии мавҷудияти як синф вазифаи асосии давлат мебошад. Ин аст, ки онҳо давлатро машинае муаррифӣ намудаанд, ки он барои таъмини намудани ҳукмронии як синф аз болои синфи дигар лозим дониста мешавад.

---

[15]Маркс К., Энгельс Ф. Соч., Т. 3, Т. 22.

Бояд эътироф кард, ки назарияи синфии давлат ба озмоиши давру замон тоб оварда натавонист. Зеро назарияи синфӣ дар муносибат бо аксари ҷомеаҳои постиндустриалии замони муосир носозгор мебошад. Зеро дар ҷомеаҳои мазкур аз рӯи фаҳмиши марксистӣ синфҳо дида намешаванд ва инчунин онҳо сохтори мураккаби иҷтимоӣ доранд. Дар ҷомеаҳои мазкур мавқеи инсон на аз рӯйи муносибати ӯ бо воситаҳои истеҳсолӣ, балки мавқеи ӯ аз рӯи системаи истеҳсолот ва тақсими фоидаи он муайян карда мешавад[16].

Таҳлили ҳаёти сиёсии ҷомеаҳои гуногун нишон медиҳад, ки давлат дар системаи сиёсии ҷомеа мавқеи махсусро ишғол менамояд. Чунин мавқеи баланд, пеш аз ҳама, ба воситаи ҳокимияти олии давлат муайян карда мешавад. Яъне давлат дар муқоиса бо дигар субъектҳои ҳокимият манбаъҳои зиёди онро дар ихтиёр дорад. Қарорҳои аз ҷониби давлат содиршаванда нисбат ба қарорҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ афзалияти бештар дошта, волоияти онҳо ба воситаи низоми ҳифзи ҳуқуқ таъмин карда мешавад. Давлат ҳеҷ гоҳ манфиатҳои маҳаллӣ ва ё манфиатҳои доираи маҳдуди одамонро ифода накарда, баръакс манфиатҳои оммаи мардумро доимо пайгирӣ менамояд. Бинобар ин, ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби халқ эътироф гардида, маҳз дар чунин шароит дар зинаи аз ҳама баландтари идоракунӣ қарор мегирад ва муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медарорад.

Давлат оид ба эҷоди қонунҳо ҳуқуқи монополӣ дорад, дар ҷомеаи тартиботи ягона ҷорӣ менамояд ва барои иштирокчиёни ҳаёти сиёсии мамлакат шароити ягонаи пешбурди фаъолиятро фароҳам меоварад. Давлат мавқеи ҳуқуқии иттиҳодияҳои ҷамъиятиро (ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, иттифоқҳои касаба, ташкилотҳои тиҷоратӣ) на танҳо дастгирӣ менамояд, балки мустаҳкам нигоҳ доштани онро кафолат медиҳад.

---

[16] Ленин В.И. Собр. соч.- Т. 39.

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ манфиатҳои табақаҳои гуногуни аҳолиро ташаккул дода, намояндагӣ менамоянд ва дар фаъолияти ҳамарӯзаи худ онҳоро ҳимоя мекунанд. Давлат дар заминаи ташкили ҳамгироии намояндагии аҳолӣ мақсадҳои дарозмуддат ба вуҷуд оварда, барои таъмини хайрияти умуми онҳоро сафарбар менамояд. Давлат дар ҳолатҳои мавҷудияти мунокишаҳо ва низоъҳо ҷомеаро ба як воҳиди том табдил дода, ҳамгироии онҳоро дучанд мегардонад. Бинобар ин, дар амалияи сиёсӣ мушоҳида намудан мумкин аст, ки баъзан қарорҳои сиёсӣ дар асоси баинобатгирии дархосту пешниҳоди иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ қабул карда мешаванд.

Давлат иттиҳодияҳои ҷамъиятиро ба қайд гирифта, фаъолияти онҳоро қонунӣ мегардонад. Минбаъд иттиҳодияҳои мазкур маҷбур мегарданд, ки дар доираи қонунҳое, ки аз ҷониби давлат қабул гардидаанд, амал намоянд. Ҳамзамон дахолати давлат нисбат ба фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ манъ карда мешавад, чи гунае ки иттиҳодияҳои давлатӣ ба фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор дахолат карда наметавонанд. Хизмачиёни давлатӣ метавонанд аъзоёни иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бошанд, аммо ҳангоми иҷроиши ваколатҳои хизматӣ онҳо бояд манфиатҳои хизматии худро дар мадди аввал гузоранд. Дар дохили мақомоти давлатӣ, дар таркиби қисмҳои низомӣ ва сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ташкили сохтор ва зерсохторҳои ташкилотҳои сиёсӣ манъ карда мешавад.

Давлат дар доираи қонун таъсис ёфтани иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва фаъолияти қонунии онҳоро назорат менамояд. Дар ҳолати қонунвайронкунӣ давлат дар муносибат ба онҳо чораҳои маҷбурнамоиро истифода менамояд ва дар баъзе мавридҳо фаъолияти онҳоро манъ месозад.

Вазифаи назорати давлатӣ аз ҷониби прокуратура, судҳо, мақомоти адлия, мақомоти корҳои дохилӣ, хадамоти андоз ва чанде дигарон ба амал баровардa мешаванд. Дар навбати худ иттиҳодияҳои

ҷамъиятӣ низ нисбат ба фаъолияти қонунии мақомоти давлатӣ ва самаранокии идоракунии давлатӣ назорати ҷамъиятиро пеш мебаранд. Давлат риояи ҳуқуқ ва озодиҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятиро кафолат дода, фаъолияти онҳоро дастгирӣ менамояд ва ба онҳо дар лаҳзаҳои зарурӣ имтиёзҳои давлатӣ пешниҳод намуда, дастгирии давлатиро дар қонунҳо мустаҳкам менамояд. Дар аксар маврид дархосту пешниҳодҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки барои ташаккулёбии низоми идоракунии давлатӣ тавсия гардидаанд, аз ҷониби давлат ба инобат гирифта шуда, дар заминаи амалигардонии барномаҳои давлатӣ дар амал татбиқ карда мешаванд. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар раванди коркард ва амалигардонии сиёсати давлатӣ фаъолона ширкат меварзанд[17].

Ҳангоми омӯзиши паҳлуҳои гуногуни давлат ва муайян намудани ҷанбаъҳои методологии он, ба андешаи мо, ба чунин масъалаҳо, аз қабили моҳияти давлат ва қонуниятҳои рушду инкишофи он диққати махсус додан зарур мебошад. Иқрор бояд шуд, ки давлат падидаи ҷамъиятию сиёсие мебошад, ки доимо дар ҳоли рушду инкишоф қарор дорад. Давлат тамомияти ҷомеаро таъмин намуда, онро идора менамояд. Давлат ташкилоти сиёсие мебошад, ки аҳолӣ, ҷомеа ва мамлакатро намояндагӣ менамояд. Бидуни давлат пешрафти ҷамъиятӣ, мавҷудияти ҷомеа ва рушду инкишофи он ғайриимкон аст. Ба андешаи олими рус С.С. Алексеев, «давлат муташаккилии ҷомеаро таъмин намуда, ҳокимияти халқро ба амал мебарорад. Инчунин давлат озодии иқтисодӣ ва мухторияти шахсро таъмин менамояд»[18]. Андешаҳои мазкур масъалаҳои ҷудогонаи давлатро боз ҳам аҳамиятноктар мегардонанд.

Дар миёни масъалаҳои баррасишавандае, ки дар адабиёти илмӣ ба мушоҳида мерасанд, аксари муҳаққиқон ҳангоми омӯзиши давлат ба масъалаи пайдоиши он диққати хеле зиёд додаанд. Дар маҷмӯъ, таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки айни замон нисбат ба пайдоиши давлат назарияҳои зерин мавҷуданд: назарияи теологӣ (Ф.Аквинский),

---

[17] Тавадов Г.Т.-Политология. Учебник для вузов. -М.: «Проект», 2002, с.93.
[18] См: Алексеев С.С. Государство и право.- М., 1993.

назарияи патриархалӣ (Арасту, Филлер, Михайловский), патримониалӣ (Геллер), шартномаи ҷамъиятӣ (Т.Гоббс, Ҷ.Локк, Ж.Ж.Руссо, П.Голбах), назарияи зуригарӣ (Дюринг, Л.Гумплович, К.Каутский), назарияи психологӣ (Л.И. Петражитский), назарияи марксистӣ (К.Маркс, Ф.Энгелс, В.И.Ленин). Ғайр аз ин боз назарияҳои дигареро низ мушоҳида намудан мумкин аст, ки пайдоиши давлатро дар асоси омилҳои гуногун асоснок менамоянд.

Дар адабиёти илмии замони муосир моҳияти давлат дар сатҳи зарурӣ омӯхта шудааст. То солҳои охир дар зери ин мафҳум ташкилоти сиёсию ҳудудиеро мефаҳмиданд, ки дорои ҳокимияти олӣ ва дастгоҳи махсуси маҷбурнамоӣ мебошад, ки бо ёрии онҳо иродаи худро барои аъзоёни ҷомеа ҳатмӣ мегардонад. Ба андешаи Лазарев В.В., давлат шакли махсуси ташкили ҳокимияти сиёсии синфи ҳукмрон мебошад, ки он дастгоҳи махсуси идоранамоӣ ва маҷбурнамоиро соҳиб буда, ҷомеаро намояндагӣ менамояд ва ҳамгироии табақаҳои гуногуни ҷамъиятиро таъмин месозад[19].

Давлат ба сифати омили муттаҳидкунандае баромад менамояд, ки он бо истифода аз имкониятҳо ва механизмҳои худ ҳамгироии системаи сиёсӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро таъмин менамояд. Давлат бо шарофати хусусиятҳои иҷтимоии худ ғамхории иҷроиши корҳои ҷамъиятиро бар ӯҳда мегирад. Давлат ба хотири ҳифз намудани шаъну шарафи худ ва бо мақсади ба даст овардани обрӯ ва эътибор маҷбур аст, ки ҳалли масъалаҳои иҷтимоиро бар уҳдаи худ гирад. Аз ҷумла, сохтани хонаи пиронсолон, таъмини мардум бо алоқа, таъмиру тармими роҳҳо, таъмини амнияти энергетикӣ ва экологии наслҳои ояндаи ҷомеа пурра бар дӯши давлат вогузор гардидааст. Давлат ҳамчун молики воситаҳои истеҳсолӣ ва соҳиби замин (замин моликияти истисноии давлат мебошад) соҳаҳои ҳаётан муҳимми илму техника ва мудофиаи мамлакатро маблағгузорӣ менамояд. Давлат ба воситаи мақомоти

[19] Лазарев В.В.Общая теория права государства. - М., 1997.- С.64

идоранамоии худ устувории системаи сиёсиро ҳифз намуда, тартиботи ҳуқуқии ҷомеаро таъмин менамояд. Албатта, дар раванди иҷроиши вазифаҳои мазкур як қатор мухолифатҳо сар мезананд, ки онҳо аз омилҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ вобаста мебошанд. Баъзан сатҳу сифати иҷроиши вазифаҳои давлат низ боиси ба амал омадани мухолифатҳои иҷтимоӣ мегарданд. Бинобар ин, давлатеро иҷтимоию демократӣ номидан мумкин аст, ки агар он барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон шароити муосид фароҳам оварда бошад.

Мустақилияти ҳокимияти давлатӣ барои системаи сиёсии ҷомеа аҳамияти муттаҳидкунандагӣ дорад. Танҳо давлат ҳуқуқ дорад, ки аз номи халқ ва аз номи ҷомеа чӣ дар дохили мамлакат ва чӣ дар хориҷ аз он баромад намояд. Воридшавии системаи сиёсии ин ё он ҷомеа ба ҷомеаи ҷаҳонӣ дар аксар маврид аз мустақилияти ҳокимияти давлатӣ вобаста мебошад. Барои оне ки давлат дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ ҳамчун субъекти комилҳуқуқ баромад намояд, бояд истиқлолияти сиёсии он аз ҷониби давлатҳои дигар эътироф гардида бошад.

Бояд гуфт, ки унсурҳои иқтисодию иҷтимоӣ, муносибатҳои иҷтимоию синфӣ, омилҳои идеологию психологии системаи сиёсӣ доимо дар ҳоли тағйирёбӣ қарор доранд. Ҳамаи унсурҳои системаи сиёсӣ гӯё ки дар як сатҳ ва дар як дараҷа амал менамуда бошанд. Чунки онҳо дар як вақт манфиатҳои гурӯҳҳои иҷтимоиро бо ҳам алоқаманд намуда, бо манфиатҳои миллӣ мувофиқат намудани онҳоро таъмин карда, натиҷаи ин равандро ба қарорҳои сиёсӣ табдил медиҳанд. Аммо вақте ки дар ҷомеа ҳолатҳои фавқуллода ба вуҷуд меояд, ҳалли мушкилиҳои дар пешистода пурра бар души давлат вогузор карда мешавад. Дар чунин шароит сухан дар атрофи давлат намеравад, балки сухан дар бораи сатҳу сифати ҳокимияти давлатӣ меравад. Танҳо ҳокимияти қонунии давлат ҷомеаро ба таври осоишта ба ҳолати муътадил оварда мерасонад.

Ҳамин тариқ, баррасии мазмуну мундариҷаи давлат, қонуниятҳои рушду инкишофи он имкон медиҳанд, ки онро ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсии хеле мураккаб ва ҳамзамон дар ҳоли рушду инкишоф қарордошта муаррифӣ намоем. Таҳлили назарияи сиёсӣ ва консепсияҳои илмӣ имкон медиҳанд, ки дар самти омӯзиши мазмуну моҳияти давлат гуногунандешии илмиро нишон диҳем. Танҳо омӯзиши паҳлуҳои гуногуни давлат имкон медиҳад, ки моҳият, нишонаҳо ва қонуниятҳои рушду инкишофи он муайян карда шаванд.

Таҳқиқи хусусиятҳои давлат, баррасии он ҳамчун институти асосии системаи сиёсӣ тақозои онро менамояд, ки омилҳои мухталифи ҳаёти сиёсии ҷомеа ба таври мушаххас бояд таҳлил гарданд. Дар раванди таҳқиқот мо ба хулосае омадем, ки давлат ҳамчун институти сиёсӣ нишонаҳоеро доро мебошад, ки маҳз ба воситаи онҳо давлатро аз дигар институтҳои сиёсӣ фарқ намудан мумкин аст. Ба ибораи дигар, давлат дорои нишонаҳое мебошад, ки онҳо хоси институтҳои дигари сиёсӣ нестанд. Бинобар ин, давлат дар раванди идоранамоии корҳои ҷамъиятӣ ба муносибатҳои мухталифи байни одамон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ таъсири амиқ мерасонад. Давлат ҳокимияти олии худро дар ҳудуди муайян амалӣ менамояд ва аз ин рӯ, сарҳадоти давлатиро муайян менамояд. Бинобар ин, ҳудуди як давлат аз давлати дигар ба воситаи сарҳадоти давлатӣ фарқ менамояд.

Бояд қайд намуд, ки давлат шакли махсуси ҳокимияти сиёсиро соҳиб буда, механизмҳои мураккаби идоранамоӣ, низоми мақомоти давлатӣ ва муассисаҳои гуногуни маъмуриро дар ихтиёри хеш нигоҳ медорад ва ба воситаи онҳо ҷомеаро идора менамояд. Механизми идоранамоии давлатӣ ба воситаи ниҳодҳои ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад. Барои таъмини шарту шароити мавҷудияти ҷомеа давлат неруҳои маҷбурнамоиро сафарбар намуда, ба воситаи мақомоти қудратӣ амнияти ҷамъиятиро таъмин месозад.

Таҷрибаҳои нишон медиҳанд, ки давлат ҳаёти ҷамъиятиро дар заминаи ҳуқуқ ташкил менамояд. Зеро танҳо давлат метавонад, ки ба воситаи қонунҳо ҳаёти ҷамъиятиро танзим намуда, риояи муқаррароти қонунҳоро барои ҳама ҳатмӣ гардонад. Давлат риояи муқаррароти санадҳои меъёрию ҳуқуқиро ба воситаи мақомоти дахлдори ин соҳа таъмин менамояд. Давлат дорои ҳокимияти олӣ мебошад. Ҳокимияти олии давлат ба воситаи мустақилияти он дар муносибат бо ҳокимияти дигар иттиҳодияҳои дохили мамлакат ва мустақилияти он дар муносибат бо давлатҳои дигар зоҳир мегардад. Ҳокимияти олии давлат дар чунин шароит зоҳир мегардад:

а) Ҳатмӣ будани қарорҳои қабулнамудаи он барои ҳаолии мамлакат.

б) Имконпазир будани бекор намудани қарорҳои ташкилотҳои ғайридавлатию ҷамъиятӣ.

в) Мавҷудияти як қатор ҳуқуқҳои истисноӣ, масалан ҳуқуқи эҷод намудани қонунҳое, ки риояи он барои ҳамагон ҳатмӣ мебошанд.

г) Мавҷудияти воситаҳои таъсиррасонию маҷбурнамоие, ки онҳо хоси ташкилотҳои ҷамъиятӣ нестанд (масалан, дастгоҳи маҷбурнамоӣ).

Ғайр аз ин давлат ҳуқуқи ситонидани андоз ва дигар партохтҳоро дорад, ки чунин хусусият мустақилияти иқтисодии онро таъмин менамояд.

Таҳлили таърихи сиёсӣ ва давлату давлатдорӣ нишон медиҳад, ки дар раванди таърихи инсоният нишонаҳои номбаршудаи давлат аз лиҳози мундариҷа ва механизми амалишавии ҳокимият то ба имрӯз бетағйир боқӣ мондаанд. Танҳо нишонаҳои мазкур шаклҳои зоҳиршавии худро дар зери таъсири як қатор омилҳо каме дигаргун намудаанд ва ба шарту шароитҳои давру замон мувофиқ гаштаанд. Масалан, таносуби мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, пеш аз ҳама аз рӯи иҷроиши он вазифаҳое муайян карда мешавад, ки дар ҷомеаи мушаххас онҳоро давлат иҷро менамояд. Ҳаҷми вазифаҳои мазкур аз рушду

инкишофи соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷомеа, аз нақши мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва меъёрҳои ташаккулёбии онҳо вобаста мебошад[20].

Давлат дар ҳар як мамлакат ва дар ҳар марҳилаи рушду инкишофи худ ташкилоти мураккаб ва гуногунсамт мебошад. Вай доимо кӯшиш менамояд, ки табақаҳои мухталифи ҷомеаро дар атрофи худ муттаҳид намояд. Ғайр аз ин, ба он хотир давлат дар системаи сиёсии ҷомеа мавқеи марказиро ишғол намудааст, ки вай воситаҳои хеле зиёди моддию молиявиро дар ихтиёри худ нигоҳ медорад. Дар як қатор мамлакатҳои олам давлат соҳиби воситаҳои асосии истеҳсолот мебошад.

Инчунин давлат низоми воситаҳои ҳуқуқиро дар ихтиёри худ нигоҳ медорад, ки ба воситаи онҳо соҳаҳои гуногуни мамлакатро идора намуда, муносибатҳои гуногуни ҷамъиятиро ба танзим медарорад. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар доираи салоҳият ва ваколатҳои худ на танҳо санадҳои меъёрию ҳуқуқии дахлдорро қабул менамоянд, балки амалишавии онро таъмин месозанд. Чунин раванд бо роҳҳои гуногун ба амал бароварда мешавад: бо роҳи таълиму тарбия, боваркунонӣ, назорат аз болои риояи санадҳои мазкур, дар шароити зарурӣ истифода намудани воситаҳои маҷбурнамоӣ.

Раванди дигаргуншавии сохтори иҷтимоии ҷомеа шаҳодат аз он медиҳад, ки дар замони муосир як қатор тамоюлоти манфӣ дар самти амалишавии ҳокимияти давлатӣ таъсири амиқ расонида истодаанд. Таҳлили таҳқиқотҳои анҷомшуда нишон медиҳанд, ки дар марҳилаи навбатии рушду инкишофи давлат як қатор мушкилоти ҳаёти ҷамъиятӣ дар самти таъмини самаранокии ҳокимияти давлатӣ монеа эҷод намуда истодаанд. Чунончӣ, тафриқаҳои моддӣ, бо суръати хеле паст инкишоф ёфтани синфи миёна, маргинализатсияи сохтори иҷтимоӣ ва ғ.

Чи гунае ки таҷрибаи мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон нишон медиҳад, идеяи шарикии иҷтимоӣ, ҷустуҷӯ ва дар амал татбиқ намудани

---

[20] Тавадов Г.Т.Политология. Учебник для вузов. - М.: «Проект», 2002, с.96-97.

муколамаи иҷтимоии созгор барои ҳар як ҷомеа, аз ҷумла дар шароити дигаргуншавии ҷомеа хеле мувофиқ мебошад. Ҳалли бисёре аз масъалаҳо аз нишондодҳои сифатии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, касбияти онҳо, кушоду равшан будани қабули қарорҳо, наздик будани мақсадҳои стратегӣ бо манфиатҳои миллӣ вобастагии калон доранд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло қайд намудан бамаврид аст, ки давлат дар таъмини рушду инкишофи системаи сиёсӣ нақши хеле калон мебозад. Масъалаи мазкур дар як қатор асарҳои илмии олимони кишварҳои ИДМ В.С Власов, А.Б Венгеров, А.В Васильев, И.А. Иванников, В.В Лапаева, Ю.А.Дмитров, Л.И. Спиридонов, Р.А. Хомелева[21] мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Олимони мазкур дар асарҳои хеш нишон медиҳанд, ки давлат чи тавр мавҷудият ва устувории системаи сиёсиро таъмин менамояд. Аксари онҳо таъкид месозанд, ки давлат ба воситаи таъсиррасонӣ намудан ба муносибатҳои ҷамъиятӣ устувории системаи сиёсиро дар сатҳи зарурӣ нигоҳ медорад.

Мафҳуми давлат ифодагари моҳияти ин падида мебошад. Яъне қонуниятҳои асосии рушди давлат, омилҳои устуворкунандаи он, нишонаҳои муайянкунанда ва вазифаҳои мушаххаси он моҳияти давлатро ташкил медиҳанд. Гузашта аз ин, як қатор назарияҳои сиёсие мавҷуданд, ки ба воситаи онҳо моҳияти давлатро то андозае муайян намудан мумкин аст. Чунончи, назарияи элитарӣ, ки дар ибтидои асри XX аз ҷониби В. Паретто ва М. Гоэтано ба вуҷуд оварда шуда, минбаъд дар асарҳои Г. Лассуэл ва Д. Сартори ташаккул дода шудааст. Моҳияти назарияи мазкур дар он ифода меёбад, ки давлат аз ҷониби элитаи сиёсӣ

---

[21] Власов А.В. Теория права и государства. -М., 2011; Венгеров А.Б.Теорему государство и права: учебник для вузов А.Б.Венгеров.- М.: Омега-Л., 2011; Иванников И.А.Общая теория государства и права: учебное пособие для вузов/И.А.Иванников. - М.: Дашков и К., 2007; Лапаев В.В.Закон о политических партии: Вопросы взаимодействия партии и государства / В.В. Лапаева // Журнал Российского права.2011; Дмитров Ю.А.Соотношение понятий политической и государственной власти в условиях формирования гражданского общества // государства и права. 1994, № 7; Власов В.С.Основы государства и права.- Ярославль, 1995; Спиридонов Л.И. История государства и права.- СПб., 1995; Хомелева Р.А. К построению онтологической концепции власти: теоретико-методологический подход // Журнал социологии и социальной антропологии. 2000. - Т. 3 Выс. 1 и др.

идора карда мешавад, зеро оммаи мардум қобилияти иҷроиши ин вазифаро надоранд;

–назарияи технократӣ, ки дар солҳои 20-уми асри XX пайдо гардида, дар солҳои 60-70 хеле зиёд рушду инкишоф ёфтааст. Моҳияти назарияи мазкур дар он ифода меёбад, ки ҷомеа аз ҷониби нафароне бояд идора карда шавад, ки онҳо қобилияти ҳалли масъалаҳои ҷамъиятӣ ва қудрати пайдо намудани роҳу усулҳои таъмини рушду инкишофро дошта бошанд;

–назарияи демократияи плюралистӣ, ки дар ибтидои асри XX аз ҷониби М.Дюверже, Р.Дал ва Г.Ласки ба вуҷуд оварда шудааст. Мутобиқи назарияи мазкур ҳокимият характери синфии худро аз даст додааст. Зеро ҷомеа аз маҷмӯи табақаҳои ҷамъиятӣ ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ иборат мебошад. Онҳо ташкилотҳои гуногунеро созмон медиҳанд, ки ба воситаи ташкилотҳои мазкур ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ таъсири амиқ расонида мешавад.

Муносибатҳои мутақобилаи давлат ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ инъикосгари ҷомеаи демократӣ мебошад, ки чунин муносибатҳои дар заминаи меъёрҳои ягона ва мавҷудияти сохторҳои давлатию ғайридавлатӣ, инчунин дар асосии ташаббусҳои шаҳрвандӣ амалӣ мегардад.

Бояд гуфт, ки ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар доираи режими ҳуқуқии мамлакат, ки аз ҷониби давлат муқаррар карда шудаанд, амал менамоянд.Давлат вазифадор аст, ки фаъолияти самараноки ташкилотҳои ҷамъиятиро дар доираи муқарраротӣ низомномавӣ таъмин намояд ва ҳамзамон барои рушду инкишофи онҳо шароити мусоид ба вуҷуд оварад. Пеш аз ҳама, чунин шароит ба воситаи кафолати ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон оид ба ташкили иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва муттаҳид гардидани онҳо дар доираи ташкилотҳои мазкур таъмин карда мешавад. Ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ташкилотҳои ҷамъиятӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ ҳифз карда мешавад. Дар баробари ин,

ташкилотҳои ҷамъиятӣ низ уҳдадор мегарданд, ки дар ҳалли як қатор масъалаҳои ҷомеа бо давлат ҳамкорӣ намоянд.

Дар шароити рушди ниҳодҳои демократӣ муносибатҳои мутақобилаи иттифоқҳои касаба, созмонҳои ҷавонон, иттифоқҳои эҷодӣ бо давлат баръало ба мушоҳида мерасанд ва иттиҳодияҳои мазкур дар раванди идоракунии давлатӣ то андозае таъсиргузор мегарданд. Аммо чунин ҳолат ҳеҷ гоҳ маънои ворид гардидани ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба низоми дастгоҳи давлатиро надорад. Ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҳеҷ гоҳ ниҳодҳои давлатӣ буда наметавонанд, онҳо танҳо унсурҳои ҷудогонаи системаи сиёсӣ дониста мешаванд ва дар ҷомеа вазифаи муайян ва нақши муайянеро иҷро менамоянд. Бояд гуфт, ки ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар иттиҳодияҳо ҳангоми иҷроиши вазифаҳои оинномавии худ чорабиниҳоеро ба нақша мегиранд, ки бо сиёсати пешгирифтаи давлат мувофиқат менамоянд. Ташкилотҳои ҷамъиятӣ бояд фаъолияти худро дар самти дастгирии сиёсати давлатӣ ва дар заминаи ҳамкорӣ бо давлат ба роҳ монанд.

Ҳамин тариқ, мустаҳкам гардидани ҳамкориҳои дуҷонибаи ниҳодҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ аз рушди демократия шаҳодат медиҳанд ва дар чунин шароит аъзоёни ҷомеа имкон пайдо менамоянд, ки ҳам дар раванди идоранамоии корҳои давлатӣ ва ҳам корҳои ҷамъиятӣ фаъолона ширкат варзанд.

Аммо дар шароити муосир раванди мазкур дар зери таъсири як қатор омилҳо қарор гирифта, дигаргуниҳои иҷтимоию сиёсиро ба вуҷуд меоваранд, ки дар натиҷа рушди бомароми ҷомеа халалдор мегардад. Ба андешаи ҷомеашиносон ва сиёсатшиносон, дар баробари омилҳои объективӣ баъзан қарорҳои сиёсӣ низ ҷомеаро ба бухронҳои иҷтимоӣ рӯ ба рӯ менамоянд. Таҳлили тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ нишон медиҳад, ки низоми муносибатҳои мутақобилаи миёни ҳокимият ва ҷомеа аз ҷониби ҳокимият ташаккул дода мешавад ва аз ин рӯ, дигаргуниҳои иҷтимоии ҷомеа ва рушду инкишофи он низ аз ҳокимият

вобаста мебошад. Дар шароити мамлакатҳои мухталиф низоми муносибатҳои мутақобилаи миёни ҳокимият ва ҷомеа бо назардошти урфу одатҳои мардумони он сарзамин, шуури ҷамъиятӣ ва мафкураи онҳо муайян карда мешавад. Инчунин омилҳои мазкур ба низоми муносибатҳои тарафайни ҳокимият ва ҷомеа таъсири амиқ мерасонад.

Хусусиятҳои рушди ҷамъиятӣ ва равандҳои гуногуни сиёсӣ имкон медиҳанд, ки ҳаҷми зарурии салоҳиятҳои сиёсӣ дар сатҳи ҳокимияти давлатӣ дар дасти шахсони алоҳида ва ё гурӯҳҳои иҷтимоӣ мутаммарказ гарданд. Маҳз истифодабарандагони салоҳиятҳои сиёсӣ ё худ шахсони салоҳиятдор қодиранд, ки бо истифода аз қобилият ва мавқеи худ стратегияи рушди ҷамъиятиро муайян созанд.

Ҳамзамон раванди ташаккулёбии сохтори иҷтимоии ҷомеа низ ба меъёрҳои амалишавии муносибатҳои сиёсӣ таъсири амиқ расонида, муҳити иҷтимоию сиёсии ҷомеаро тағйир медиҳанд. Дар шароити муосир бо назардошти раванди дигаргуншавии сохтори иҷтимоии ҷомеа мушоҳида намудан мумкин аст, ки як қатор тамоюлоти манфӣ ба амалишавии ҳокимияти давлатӣ таъсиргузор буда, шароити иҷтимоию сиёсии ҷомеаро ба дигаргунӣ дучор менамоянд.

Бояд гуфт, ки хусусиятҳои иҷтимоию сиёсии давлат бо назардошти вазифаҳои он муайян карда мешавад. Вазифаҳои давлат самтҳои асосии фаъолияти он мебошанд, ки барои қонеъ намудани талаботи объективии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба амал бароварда мешаванд. Аз ин рӯ, давлат дар ҳаёти ҷамъиятии ҳар як мамлакат нақши хеле муҳим мебозад. Давлат институти сиёсие мебошад, ки ба раванди ташаккулёбии тамаддун таъсири амиқ мерасонад. Муайян намудани нақш ва мавқеи давлат дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ замоне имконпазир мегардад, ки онро агар дар заминаи омӯзиши масъалаҳои фарохтар баррасӣ намоянд. Масалан, омӯзиши давлат бо назардошти хусусиятҳои муҳими системаи сиёсӣ имкон медиҳад, ки онро ҳамчун

унсури таркибии система муаррифӣ намуда, дар муносибат бо унсурҳои дигар нақш ва мавқеи он муайян карда шавад.

Бояд гуфт, ки рушди ҷомеа ва институтҳои ҷудогонаи он, аз ҷумла давлат низ дар зери таъсири омилҳои субъективӣ ва ҳам дар зери таъсири қонунҳои объективӣ ба таври табиӣ ба амал меояд. Яке аз шаклҳои зуҳуроти қонунҳои объективӣ тағйирёбии вазифаҳои давлат мебошад. Давлат ҳамчун унсури ҷудогонаи системаи сиёсӣ, пеш аз ҳама, аз рӯи вазифаҳои худ аз унсурҳои дигари система фарқ менамояд. Аз ин рӯ, барои оне ки давлат аз унсурҳои дигари системаи сиёсӣ тафовут дошта бошад, вазифаҳои он низ тағйир мeёбад ва ба муҳити иҷтимоию сиёсии баамаломада мувофиқ мегардад. Бинобар ин, вазифаҳои давлат характери объективӣ доранд. Онҳо аз шуур ва иродаи гурӯҳҳои иҷтимоӣ вобаста набуда, дар зери таъсири омилҳои объективӣ ташаккул меёбанд. Вазифаи муҳимтарини давлат дар амал татбиқ намудани корҳои умумии ҷомеа мебошад, ки ба хотири қонеъ намудани талаботи объективии одамон ва нигоҳ доштани мавҷудияти онҳо ба амал баровард мешавад. Масалан, нигоҳ доштани солимии одамон, таъмини шароити мусоид барои кору фаъолият, таъмини шароитҳои иҷтимоию фарҳангӣ, иқтисодию сиёсӣ ва ғ. Иҷроиши вазифаи мазкур чи дар сиёсати хориҷӣ ва чӣ дар сиёсати дохилии давлат ба мушоҳида мерасад. Вазифаҳои хориҷии давлат асосан аз инҳо иборатанд: мудофиа, ба роҳ мондани ҳамкориҳои дуҷонибаю бисёрҷониба бо субъектҳои дигари низоми муносибатҳои байналхалқӣ, ҳимояи манфиатҳои миллию геополитикии мамлакат. Вазифаҳои дохилии давлат бошанд аз ин иборатанд: таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, вазифаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, хоҷагидорӣ ва ғ.

Масъалаи алоқамандии давлат бо системаи сиёсӣ ва таносуби онҳо аз ҷониби як қатор олимону муҳаққиқон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Ба ин масъала, пеш аз ҳама, файласуфон, ҷомешиносон, сиёсатшиносон, ҳуқуқшиносон ва иқтисоддонон таваҷҷуҳи бештар

додаанд. Онҳо кӯшиш намудаанд, ки қонуниятҳои асосии муносибатҳои мутақобилаи миёни давлат ва системаи сиёсиро муайян намоянд ва дар ҳолатҳои фавқулода роҳу усулҳои пешгирӣ намудани инқилобҳои иҷтимоӣ, табаддулотҳои давлатӣ ва фоҷиаҳои миллиро пайдо намуда, монеаҳои рушду инкишофи ҷомеаро бартараф созанд.

Ҳамин тариқ, дар шароити муосир давлат дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятии ҳар як ҷомеа мавқеи марказиро ишғол менамояд. Нақши аввалиндараҷаи давлат дар системаи сиёсии ҷомеа низ баръало ба мушоҳида мерасад. Дар маҷмӯъ, нақши аввалиндараҷа доштани давлатро бо омилҳои зерин асоснок намудан мумкин аст:

1.Давлат, пеш аз ҳама, бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва табақаҳои гуногуни синфӣ дар рақобати доимӣ қарор дорад. Аммо дар муносибат бо онҳо нақш ва мавқеи давлат доимо дар зинаи аввал қарор мегирад. Дар тӯли таърих давлат бақои инсониятро таъмин намуда, дар замони муосир низ ин вазифаи муҳими худро идома дода истодааст. Дар чунин маъно гуфтан мумкин аст, ки мавҷудияти системаи сиёсии ҷомеа аз мавҷудияти давлат вобаста мебошад.

2. Давлат ҳамчун ташкилоте мебошад, ки дар он одамон муттаҳид гардида, ба воситаи он ҳар як шахс вориди системаи сиёсии ҷомеа мегардад.

3. Давлат натиҷаи фаъолияти сиёсии одамон мебошад ва доимо ба сифати ифодагари манфитҳои гурӯҳӣ ва ҳимоятгари манфиатҳои умумӣ баромад менамояд. Давлат инчунин ифодагари хусусиятҳои синфии ҷомеа мебошад.

4.Давлат омили муттаҳидкунандае мебошад, ки ҳамгироии унсурҳои ҷудогонаи системаи сиёсӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таъмин менамояд.

5.Системаи сиёсӣ бинобар сабаби тағйирёбанда будани муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоию синфӣ, тағйирпазир будани фазои идеологию психологии ҷомеа доимо дар ҳоли дигаргуншавӣ қарор

дорад. Замоне ки барои тағйири шакли идоранамоӣ ва дигаргунсозии режими сиёсӣ зарурат ба амал меояд, чунин рисолати азимро маҳз давлат ба анҷом мерасонад. Танҳо ҳокимияти қонунии давлат метавонад ҷомеаро ба таври осоишта аз як марҳилаи рушду инкишоф ба марҳилаи навбатӣ ворид созад.

Ҳамин тариқ, дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ давлат ба сифати ташкилоти сиёсӣ баромад намуда, ҳамчун институти марказии системаи сиёсӣ сирф характери сиёсӣ дорад. Давлат дар баробари вазифаҳои сиёсии худ инчунин дар ҷомеа вазифаҳои иқтисодӣ, хоҷагидорӣ, молиявӣ, илмию техникӣ ва ғайраро низ иҷро менамояд. Ҳар як фаъолияти сиёсӣ дар кадом шакле, ки набошад, дар ниҳоят бо ҳокимияти давлатӣ алоқаманд мегардад.

# БОБИ 2. НАҚШИ ДАВЛАТ ДАР ТАҒЙИРПАЗИРИИ СИСТЕМАИ СИЁСӢ ДАР ШАРОИТИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

## 2.1. Заминаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва иҷтимоию таърихии ташаккули давлати соҳибистиқлоли тоҷикон

Таҳлили таҷрибаи таърихӣ ва манбаъҳои муътамади илмӣ собит месозанд, ки системаи сиёсии ҷомеа дар ҳолати рушди доимӣ қарор дорад. Зикр намудан бамаврид аст, ки дар системаи сиёсии ҷомеа давлат нақши меҳвариро иҷро мекунад. Мақом ва нақши давлатро дар системаи сиёсӣ маънидод намуда, қайд кардан зарур аст, ки дар дилхоҳ марҳилаи рушди ҷомеа он ҳамчун ташкилоти оммавӣ ва фарогир баромад мекунад. Ҳамчун ниҳоди сиёсии марказӣ давлат дар ташаккули муносибати байниҳамдигарии ҷузъҳои системаи сиёсӣ низ нақши бузург дошта, қодир аст дар дохил ва ё атрофи худ дигар ниҳодҳои ҷамъиятию сиёсиро муттаҳид намояд.

Системаи сиёсӣ бошад ҳамчун фазои таъминкунандаи рушду такомули муносибатҳои сиёсӣ дар шароити тағйипазирии ҷомеа, махсусан дар шароити ташаккули давлат, нақши муҳим дорад. Олимони сиёсатшиноси рус ва тоҷик О.В.Шабронов, С.В. Клименко, А.Л.Чичерин, А.В.Васильев, И.А.Иванников, С.А.Камаров, Ю.А.Димитров, М.Н. Марченко, Н.И. Матузов С.С. Алексеев, А.В. Малько, Маҳмадов А.Н., Шарипов С.И., Зокиров Г., Ятимов С.С., Олимов К.О., Хидирова М.У., Нуриддинов Р.Ш. ва ғ. ба омӯзиши масъалаҳои гуногуни тағйирпазирии системаи сиёсӣ диққати ҷиддӣ дода, хусусияти равандҳои сиёсӣ ва нақши давлатро дар танзими онҳо мушаххас мавриди таҳлил ва хулосабарорӣ қарор додаанд.

Олими рус Г.Т. Тавадов системаи сиёсии давлатро таҳлил намуда менависад, ки «системаи сиёсии ҷомеа ин маҷмуи муназзами субъектҳои сиёсат аст, ки дар асоси ҳуқуқ, дигар меъёрҳои иҷтимоӣ, фарҳанги сиёсӣ

ва муносибатҳои сиёсӣ ташаккул ёфтаанд, ки дар чаҳорчӯбаи он ҳаёти сиёсӣ амалӣ гашта, ҳокимияти сиёсӣ татбиқ мегардад».[22]

Дар зербоби мазкур, ки ба масъалаҳои омӯзиши заминаҳои иҷтимоию таърихӣ ва иҷтимоию сиёсии ташаккули давлатдории навини тоҷикон бахшида шудааст, тағйирпазирии системаи сиёсӣ яке омилҳои заминасоз ба шумор меравад.

Раванди таҳлили масъала нишон дод, ки ин раванд марҳилаи дурударозро дар бар гирифта, истиқлолхоҳӣ ҳамчун категорияи равонию сиёсӣ ифодакунандаи рӯҳияест, ки ҷомеаҳо бо такя ба он нерӯи равонӣ ва иҷтимоии худро қавӣ гардонида, ҳадафҳояшонро марҳила ба марҳила амалӣ месозанд. Хусусияти ин падида дар он аст, ки дар ҷомеаҳо ва низомҳо рӯҳбаландии иҷтимоӣ устувор гардида, субъектҳои сиёсат бештар ба он меҳваре таваҷҷуҳ менамоянд, ки ин ғояро тақвият мебахшад.[23]

Заминабахши ҳама гуна истиқлолияти давлатӣ, пеш аз ҳама, мафкура ва ҷаҳонбиниест, ки инсонҳоро дар шинохти асолат ва рисолати хеш муваффақ гардонида, талош ва кӯшиши онҳоро баҳри мустақилона муайян намудани тақдири худ, дарёфти роҳи муваффақият баҳри расидан ба саодати комил, раҳидан аз вобастагию тобеият такон мебахшад. Маҳз аз ҳамин сабаб, омилҳои иҷтимоию таърихӣ ва сиёсӣ ба ин раванд таъсири ҳалкунанда дошта, дар густариши истиқлолхоҳӣ таъсиргузор мебошанд. Ба андешаи ҳуқуқшиноси шинохтаи ватанӣ Имомов А. соҳибихтиёрии давлатӣ дар заминаи соҳибихтиёрии халқ амалӣ мегардад ва яке аз шаклҳои ифодагардии соҳибихтиёрии халқ соҳибихтиёрии миллӣ мебошад.[24] Бо ҳамин роҳ мо робитаи байни мафҳумҳои соҳибихтиёрии давлатӣ, миллӣ ва халқиро ошкор мекунем, ки чун ҷузъҳои пайвасткунандаи занҷири истиқлолият баҳри таҳкими он хизмат мекунанд.

[22] Тавадов Г.Т. Политология. Учебник для вузов. М.: Проект, .-С.84.
[23] Хидирзода М.У. Истиқлолият ва стратегияҳои муваффақ.- Душанбе, 2017.- С.9.
[24] Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, 2004.- С.195.

Маълум аст, ки раванди ташаккулёбӣ, омилҳои иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодии таъсиргузор ба рушди давлатдории миллӣ дар заминаи қонуниятҳои умумипазируфта метавонад ҷараён дошта бошад. Истиқлолхоҳӣ ҳамчун хислате, ки дар ботини инсонҳои комил ҷой дорад, руҳияи фарогирандаи тамоми ҷомеа гашта, ба он имконият медиҳад то моҳият ва мақсади мавҷудияти худро шиносад, зеро саодати комили ҳамагуна ҷомеа фақат ҳамон вақт ба даст меояд, ки агар онҳо имконияти мусоиди мавҷудияти мустақилонаро дошта бошанд. Чуноне, ки сиёсатшиноси тоҷик Муҳаммад А.Н. қайд мекунад, «...истиқлол арзишест, ки решаи асосии он истиқлоли шахсӣ аст. Истиқлол хоси инсон аст ва ҷомеае, ки истиқлолашро аз даст дода бошад, бад-ин маъност, ки афроди он ҷомеа аз истиқлоли худ бехабаранд»[25]. Маҳз аз ҳамин сабаб ба «Истиқлолият» ҳамчун арзиши муҳими сиёсӣ баҳогузорӣ намуда, ба даст овардани онро омили муҳими рушди арзандаю устувор метавон эътироф намуд. Холиқов А.Ғ. соҳибихтиёрии давлатиро «ҳамчун истиқлолияти комили давлат дар муносибаҳои дохилӣ ва хориҷӣ» маънидод намуда, дар ин замина давлатро ҳамчун падидаи томи комилҳуқуқ маънидод мекунад.[26] Яъне, давлат дар ҳамон вақт ба маънии томи ин институти сиёсӣ ташаккул меёбад, ки агар тавонад мустақилияти худро дар муайян намудани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ нигоҳ дорад. Фаҳмиши классикии соҳибистиқлолӣ низ маҳз дар ҳамин нуҳуфта аст. Бо дарназардошти гуногунмаъноӣ ва мавҷудияти фикру ақидаҳои гуногун оид ба моҳияти мафҳуми «соҳибистиқлолӣ» мо кушиш намудем, дар доираи таҳқиқоти худ ҷанбаҳои гуногун ва заминаҳои мухталифи ин раванди давомдорро таҳлил намоем.

Мавзӯи мазкур тайи солҳои дароз аст, ки дар адабиёти илмӣ ва доираҳои илмӣ мавриди баҳсу баррасиҳои гуногун қарор дорад. Новобаста ба ин, гузашти вақт ва хусусиятҳои рушди имрӯзаи ҷомеа

[25] Муҳаммад Абдураҳмон. Истиқлоли сиёсӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ.- Душанбе, 2016.- С.23
[26] Холиқов А.Ғ. Андешаи давлати миллӣ.- Душанбе, 2013. - С.97.

тақозо менамоянд, то масъалаи мазкур аз диди гуногун мавриди баррасӣ қарор дода шуда, дар ин замина қадамҳои минбаъда тарҳрезӣ карда шаванд, зеро таҳлилу омӯзиши масъала нишон медиҳад, ки раванди истиқлолхоҳии ҳар як халқу миллат бо хусусиятҳои хоси худ фарқ карда, ҳар як миллат ин масирро бо назардошти таҷрибаи таърихӣ ва имкониятҳои моддию маънавии худ амалӣ мегардонад.

Таҷрибаи таърихию сиёсӣ собит менамояд, ки ташаккул ва рушди давлатдории миллӣ ва мустақил дар Тоҷикистон ин натиҷаи шароитҳои мушаххаси таърихӣ, хамгироии зичи ҷомеа, талошҳои созанда, рӯҳияи истиқлолхоҳӣ буда, тағйирпазирии ин раванд аз омилҳои гуногуни дохилӣ ва берунӣ, объективӣ ва субъективӣ низ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, инкор намудани хусусиятҳои ҳар як марҳилаи рушд омили таҳдидовар ба истиқлолияти комил буда, ба инобат нагирифтани онҳо метавонад боиси пайдоиши мушкилиҳо ва бухронҳои амиқи иҷтимоию сиёсӣ дар раванди минбаъдаи давлатсозӣ гарданд. Зеро “дар сарҳади ду тамаддуни аз назари иқтисод тафовутдошта (капитализм ва сотсиализм), ду идеологияи таърихан ноошно (дунявият ва ислом) ва гурӯҳи забонҳои аз қадим дар рақобатбуда (забонҳои форсӣ ва туркӣ), давлати Тоҷикистон қарор гирифта, баъд аз пошхӯрии давлати шӯравӣ як нуқтаи ниҳоят дарднок ва осонгирро мемонд”[27]. Ин воқеияти ҷуғрофию маданӣ ва сиёсӣ тақозо мекард, ки вижагиҳои таъсиррасонии беруна ба инобат гирифта шуда, манфиатҳои миллию давлатӣ ҳифз карда шаванд.

Таҳлили заминаҳои таърихию сиёсии ташаккули давлати соҳибистиқлоли тоҷикон нишон медиҳад, ки решаҳои истиқлолхоҳӣ аз замонҳои қадим маншаъ гирифта, давра ба давра он бо таъсири омилҳои гуногун гоҳ авҷ гирифта, гоҳ авҷаш сусттар гаштааст, вале ҳаргиз он аз байн нарафтааст. Таҷрибаи таърихӣ собит месозад, ки собиқаи давлатдории тоҷикон таърихи беш аз ҳазорсола дошта, ба ақидаи Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Сулолаи

[27] Холиқов А.Ғ. Андешаи давлати миллӣ.- Душанбе, 2013.С.98.

Сомониён дар муттамарказонии ҳокимияти давлатӣ нақши ҳалкунанда бозидааст. Дар таърихи халқи тоҷик ин сулола кореро анҷом додааст, ки ба кори анҷомдода дар самти ташаккули давлати муттамаркази Рус баробар аст. Ин раванд бо як қатор дигаргуниҳои ҷиддии таърихӣ фарқ мекунад. Дар маҷмӯъ раванди дурударози ташаккули тоҷикон ҳамчун миллати ягона ба анҷом расид, нақши асосиро халқҳои тоҷикзабон бозидаанд"[28]. Лозим ба ёдоварист, ки маҳз дар ҳамин давра забони адабии тоҷик рушду нумӯъ ёфта, дар низоми давлатдорӣ васеъ истифода мешуд. Чуноне, ки олимон таъкид менамоянд, умумияти забонӣ яке аз омилҳои муҳими ташаккули давлатдорӣ ба ҳисоб рафта, ифодакунандаи руҳияи иҷтимоию равонии ҷомеа баҳри ҳамгироии кулл мебошад. Вобаста ба ин масъала, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуда буданд, ки "Забони мо дар марҳилаҳои ҳассоси халқамон ҳамеша нақши тақдирсоз бозида, аҷдоди бошарафу тамаддунсози моро аз гирдоби ҳаводиси пуртаззоди асрҳои миёна то имрӯз эмин нигоҳ доштааст"[29].

Нақши давлати Сомониёнро дар таърихи давлатдории тоҷикон махсус қайд намуда, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон менависад, ки "Ягон миллат ва халқият бе рӯйоварӣ ба тамаддуни якҷояи инсоният наметавонад ба зинаи баланди фарҳанг баромада, худро дар тули таърихи ҳазорсола ҳифз намояд. Бузургии миллати тоҷик ҳам дар он аст, ки дар тули таърихи ҳазорсола тавонист ҳуҷуми ғосибони бегонаро мардонавор паси сар намуда, дар як вақт синтези тамаддуни бегонаро бо дастовардҳои абадии фарҳанги худ таъмин намуда, ба марҳилаҳои сифатан нави рушд ворид шавад"[30]. Гуфтаҳои боло аз он дарак медиҳанд, ки замони Сомониён воқеан ҳам заминаҳои иҷтимоӣ, таърихӣ ва сиёсиро баҳри тақвияти минбаъдаи давлатдории миллӣ,

---

[28]Эмомали Рахмон. 1100-летия образования государства Саманидов. В книге: 1100-летия образования государства Саманидов. -Санкт-Петербург, 1990. - С. 10.
[29] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2013.- С.56.
[30]Эмомали Рахмон. Таджики в зеркале истории. Книга первая: От Арийцев до Саманидов.- Душанбе-Лондон. 1999.-С.127.

ташаккули афкори миллии истиқлолхоҳӣ, ки тули муддати дурударози таърихӣ мафкураи миллатро тарк накард, гузошт. Ин аст, ки чун сухан сари ташаккули давлатдории миллӣ равад, бевосита ин раванди тақдирсозро ба замони сомониён муттаалиқ медонанд.

Дар чаҳорчӯбаи тадқиқоти мазкур, ки заминаҳои иҷтимоию таърихии ташаккулёбии давлатдории тоҷикон мавриди назар қарор дорад, нақши муҳими таърихии давлати Сомониён дар ин раванд тасдиқ гардида, истиқлолияти комили давлат ба даст оварда шудааст. Таҷрибаи таърихӣ собит месозад, ки дар ин давра бо мақсади таъмини истиқлолияти фарҳангӣ, яке аз масъалаҳои муҳимми давлатӣ, ин ҷамъ овардани мероси гузаштагон, адабиёти илмию бадеӣ, дастхатҳо ва дигар офаридаҳои аҳаммияти таърихию фарҳангидошта буда, ин хазинаи бузург таҳти назорати вазирон ва мутасаддиёни дарбор буд.[31]

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки баъд аз шикасти давлати Сомониён зиёда аз ҳазор сол миллати тоҷик даврони бедавлатиро аз сар гузаронид. Сар карда аз охири асри 1Х ва аввали асри Х ишғолгарони аҷнабӣ ҳамаҷониба кӯшиш мекарданд, то ба муттаҳидшавии миллат таъсир расонида, онро дар шароити парокандагӣ нигоҳ доранд. Таърихи гузашта нишон медиҳад, ки тули муддатҳои дарози таърихӣ миллати мо дар зери зулми муғулҳо, шайбониҳо ва манғитиҳо қарор дошта, давлатдории мустақили худро надоштанд.

Аз садаи Х11 сар карда ғосибони бегона мероси ғании фарҳангӣ ва адабии миллати тоҷикро ғорат намуда, садди роҳи рушди он ҳамчун миллати тамаддунсозу давлатдор мегаштанд. Сохтори мавҷудаи феодалӣ, тақсимоти ҳудудҳои таърихӣ ба хонигарӣ, аморат ва бекигариҳои алоҳида, ки байни худ доимо дар низоъ ва кашмакишиҳо қарор доштанд, вазъи сиёсию иҷтимоиро баҳри рушди минбаъда

[31]Гафуров Б.Г. Таджики: древнейшая, древняя, средневековая и новейшая история.- Душанбе, 1998; Рахмонов Э.Ш. 1100-летие образования государства Саманидов.- Санкт-Петербург, 1998; Лутфуллоев М. Эҳёи педагогикаи Аҷам.- Душанбе, 1997; Расулов Қ.Р. Саҳми давлати Сомониён *дар* пешрафти афкори сиёсӣ, илм ва фарҳанги Осиёи Марказӣ.- Душанбе, 1994; Тахиров Ф.Т. Истории государства и права Таджикистана. - Душанбе, 2001 и др.

халалдор мекарданд. Тамоми дастгоҳи идеологии феодалӣ, аз қабили масҷид, мадраса, мактаб василаҳои ғуломгардонии мардум буда, истифода ва паҳн намудани адабиёти динӣ, китобҳои фалсафию динӣ мақсади дар ғуломӣ ва торикӣ нигоҳ доштани мардуми одиро доштанд.[32] Вале ба ин ҳама нигоҳ накарда, дар ҳама давру замон талоши нигоҳ доштани ҳувияти миллӣ, ҳифзи забон, фарҳанг ва ҳастии таърихӣ василаҳои муҳими нигоҳ доштани ягонагии миллӣ гашта, баъди ҳазорсолаҳо бошад ҳам, бахри амалӣ гаштани ин ормони миллӣ мусоидат намуд. Муаррихи тоҷик Шарипов И. бо такя ба манбаъҳои таърихӣ қайд мекунад, ки дар давлатдориҳои турку муғул дар давраи асрҳои Х1-Х1Х "тамоми дастгоҳи идоракунии давлатӣ асосан аз ҳисоби тоҷикони босавод, таҷрибадор ва бофарҳанг интихоб карда шуда, низоми идоракунӣ, фаъолияти молиявӣ, мукотиба ва муносибатҳои байналмилалӣ тавассути тоҷикон амалӣ карда мешуданд"[33]. Ин далели таърихӣ бори дигар тасдиқ мекунад, ки тоҷикон новобаста ба оне, ки соҳиби давлат набуданд, дар идоракунии давлат бевосита иштирок мекарданд.

Дар ин масири пурпечутоби таърихӣ ҳаводиси муҳими асрҳои Х1Х ва ХХ низ аҳамияти бағоят бузург доранд. Аз он ҷумла, ҳамроҳшавии Осиёи Марказӣ ба ҳайати империяи Россия, Инқилоби Октябр, ташаккул ва пойдории беш аз 70-солаи давлати шӯравӣ, ки имконияти ҳамзистиро дар муҳити ягонаи идеологию сиёсӣ бо дигар халқу миллат муҳайё карда буд, дар шинохти ҷаҳон, тағйири ақида, шиносоӣ бо фарҳангҳои гуногун, тарзи ҳаёт ва зиндагӣ, таъмини рушди иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистони шӯравӣ низ нақши бориз дошт. Баҳодиҳӣ ба даврони шӯравии рушди миллати тоҷик имрӯзҳо гуногун, дар баъзе ҳолатҳо баҳсбарангезанда ва ҳатто хусусияти инкоркунандаи рушдро низ дорад. Дар муқобили ақидаҳои манфӣ таърихшиноси тоҷик Аъзамов Х.С. менависад, ки фақат дар натиҷаи ғалабаи Инқилоби Октябри кабир

[32]Там же, с,75.

[33] Шарипов И. Становление таджикской государственности. Душанбе, 2013.С.19

соли 1917, барқарор намудани ҳокимияти шӯравӣ аввал дар қисми шимолӣ (с.1917), баъдтар дар қисми боқимондаи Тоҷикистон (с.1920) аз нав соҳиби давлати худ гардид”[34]. Соли 1924 ташкил ёфтани Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон ва соли 1929 ба Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ табдил ёфтани он марҳилаҳои муҳимми аввалин қадамҳои ба сӯйи мустақилияти нисбӣ буд. Бинобар ҳамин ҳам, ба ақидаи мо, маҳз ҳамин марҳила густариши минбаъдаи худшиносӣ ва ифтихори миллию давлатдориро дар умқи ҷомеа пойдор намуда, имкониятҳои мусоиди рушди иқтисодию иҷтимоиро бахри таъмини заминаи истиқлолияти имрӯза гузоштааст.

Дар ин масир нақши фарзандони сарбаланди миллат С.Айнӣ ва Б.Ғафуров дар ташаккули миллати тоҷик бағоят калон буда, тавассути асарҳои оламшумули ҳуд онҳо тавонистанд миллати тоҷикро китобдору тамаддунсоз муаррифӣ намоянд.

Масири мушкили эҳёи давлатдории тоҷиконро Президенти мамлакат таҳлил намуда, менависад, ки “Дар ин раванди таърихӣ нақши Инқилоби Октябр калон буда, ба миллати ҷабрдида имконият дод, то азсари нав эҳё шавад. Баъд аз ҳазор соли шикасти давлати Сомониён тоҷикон давлатдории худро соҳиб гашта, онро дар харитаи ҷаҳон қайд намуданд. Бо шарофати инқилоби Октябр Тоҷикистон ҳудудҳои таърихии худро соҳиб гашта, аз зулм озод шуд. Дар одамон ташаббус барои фаъолият ва фазо барои эҷоду меҳнат фароҳам гашт”.[35] Шаклгирии давлати миллӣ низ дар шароити комилан нави таърихӣ дар бисёр ҷанбаҳо маҳз аз ҳамин давра маншаъ мегирад. Чуноне ки дар луғати фалсафии нав оварда шудааст, “Давлати миллӣ шакл ва дараҷаи муайяни инкишофи давлат буда, ба истиқлоли миллӣ асос ёфтааст ва иродаи ин миллатро ифода менамояд. Бинобар ҳамин ҳам марҳилаи ташаккулёбии давлати миллӣ ҳамчун шакли худмуайянкунии сиёсии

[34] Азамов Х.С. Демократическое и правовое государство. Душанбе,2011.С159.
[35]Эмомали Рахмон. Таджики в зеркале истории. Книга первая: «От Арийцев до Саманидов». – Душанбе – Лондон, 1999. - С.219.

миллатҳо пас аз имзои шарномаи Вестфал вусъат меёбад. Дар шакли идеалӣ чунин давлат дар заминаи принсипи “як миллат- як давлат” асос меёбад.[36].

Ба ақидаи ҷомеашиноси тоҷик Маҳмадов А.Н. “Давлати миллӣ ҷамъияти ҳудудие мебошад, ки кулли аъзои он новобаста ба мансубияти этникӣ умумияти худро эътироф намуда, дар рӯҳияи ҳамфикрӣ бо ҳам фаъолият намуда, тобеи меъёрҳои институтсионалии ҷомеаи худ мебошанд”.[37] Чунин маънидодкуниҳои давлати миллӣ нишонаи он мебошанд, ки вобаста ба муайян намудани хусусиятҳои ин сохтори муҳими ичтимоию сиёсӣ то ба имрӯз дар илм мавқеъҳо гуногун мебошанд. Ташаккул ва рушди давлатдориҳои миллии муосир аз он далолат мекунанд, ки ин равандро ҳар яки онҳо бо назардошти хусусиятҳои миллию минтақавӣ ва ҳудудии ҳуд паси сар кардаанд. Таърихи пурмоҷарои миллати тоҷик низ гувоҳи он аст, ки марҳилаҳои мушкилу тақдирсоз ва ҳассосу пурхатар дар ин масир хеле зиёд буданд.

Таҳлили омилҳои ичтимоию сиёсӣ ва таърихӣ нишон медиҳанд, ки дар ташаккули давлатдории миллии тоҷикон нақши инқилоби Октябр хеле калон аст. Маҳз тавассути бедории сиёсӣ ва болоравии эҳсоси худшиносии миллӣ Тоҷикистон қадами устувор ба самти мустақилияти комил гузошт. Марҳилаи рушди мустақилияти нисбӣ дар ҳайати шӯравӣ марҳилаи омодагии ҷиддӣ бахри рушд дар вазъияти соҳибистиқлолӣ низ маҳсуб меёбад. Ҳарчанд аз диди идорӣ ва сохторӣ дар бисёр масъалаҳо мустақилияти нисбии сиёсиро соҳиб будем, вале наметавон инкор кард, ки мансубият ба оилаи бузурги шуравӣ ва мавҷудият ба сифати “бародари хурдӣ” имконияти хуб бахри таъмини рушди инфрасохтори иқтисодию ичтимоӣ, ташаккули низоми давлатдорӣ, тарбияи кадрҳои роҳбарикунанда, ташаккули боварӣ ба қувваи худ буд.

Масъалаи истиқлолияти давлатӣ аз диди муҳаққиқон ҷанбаҳои гуногун дошта, дар илми сиёсӣ имрӯз таълимоти мукаммали истиқлол

---

[36] Ниг.: Философский словарь.- М.,7 изд., 2010.- С.68.
[37] Маҳмадов А.Н. Истиқлоли сиёсӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ. - Душанбе, 2016.- С.55.

боз ҳам ташаккул ёфта, усули муносибат ва методологияи он боз ҳам диққати олимонро ҷалб намуда истодааст. Маҳмадов А. менависад, ки истиқлоли том ин ҳолати устувори сохти ҷамъиятие мебошад, ки шаҳрвандон ба монеаҳои дохилию хориҷӣ нигоҳ накарда, якпорчагӣ ва қобилияти худро барои рушду нумуи кишвар нигоҳ дошта метавонанд.[38]

Дар баробари ин тафовути байни мафҳумҳои "истиқлоли сиёсӣ" ва "истиқлоли давлатӣ"-ро Зокиров Г. таҳлил намуда менависад, ки "баъзеҳо истиқлоли сиёсӣ ва давлатиро як мешуморанд, ки ин хатост. Мафҳуми "истиқлоли сиёсӣ" назар ба мафҳуми "истиқлоли давлатӣ" васеътар буда, ҳодисаҳои гуногуни сиёсии ҷомеаро фаро мегирад. Яъне истиқлоли давлатӣ яке аз шаклҳои зуҳури истиқлоли сиёсӣ мебошад. Истиқлоли сиёсӣ фаъолияти субъектҳоест, ки ба воситаи давлат дар ҳудудҳои он амал менамояд ва кафолат медиҳад, ки мустақилият ва соҳибихтиёрӣ дар инкишофи ҷомеа риоя гардад"[39]. Ҳамин тариқ, мулоҳизарониҳо нишон медиҳанд, ки дар таносуби муайян намудани афзалиятҳо байни истиқлоли давлатӣ ва истиқлоли сиёсӣ ақидаҳо гуногун мебошанд. Файласуфи дигари тоҷик Назри Яздон истиқлоли сиёсиро асоси мавҷудияти миллат мешуморад. Ба ақидаи ӯ "Миллате, ки истиқлоли сиёсӣ надорад, маҳкум ба маҳв шудан аст. Таърихи 1100-солаи вобастагии тоҷикон ва дар чунин шароит зинда мондан ҳамчун миллат як падидаи ғайриоддӣ дар таърихи тамаддун аст"[40]. Воқеан, таҳлили ақидаҳои зикршуда бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки раванди истиқлолхоҳии мо ҳамчун раванди дурударози таърихӣ дар мафкура ва зеҳни мардум мақоми махсус дошта, тӯли садсолаҳо дар мушкилтарин лаҳзаҳои таърихӣ ҳидоятгару роҳнамо барои соҳиб шудан ба имрӯзи муборак буданд.

Масири истиқлолхоҳӣ дар вобастагӣ аз марҳилаҳои муайяни таърихию сиёсӣ имкониятҳоро фарохтар ё баръакс маҳдудтар

---

[38] Маҳмадов А.Н. Асари номбаршуда.- С.77
[39] Ниг.:Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ. - Душанбе, 2011.- Ҷ.1. - С.487
[40] Назри Яздон. Ҳикмати озодагон. - Душанбе, 2009.- С.17.

мегардонид. Шароити пуртаззоди марҳилаи охири фаъолияти давлати бузурги шӯравӣ барои Тоҷикистон низ дар роҳи интихоби рушди оянда як қатор мушкилиҳоро пеш оварда буд. Ин мушкилиҳо ҳам хусусияти объективӣ ва ҳам субъективӣ дошта, дар фазои номуайянии идеологию сиёсӣ интихоби роҳи дурусти рушди минбаъдаро печида мегардонид. Ҳаводиси маълуми солҳои бозсозӣ ва плюрализми афкор дар шикасти низоми пӯшидаи сиёсии шӯравӣ накши ҳалкунанда бозида, баҳри ташаккули даҳҳо давлатҳои соҳибистиқлол дар ин фазо имконияти таърихӣ ба вуҷуд овард.

Дар ин масир ба халқи тоҷик муяссар гашт, то баъди гузашти ҳазорсолаҳо аз нав соҳиби давлати миллии худ гардад, аз нав ба ҷаҳониён оид ба соҳибдавлату соҳибтамаддун будани худ эълон дорад, аз нав тоҷи давлатдориро дар сар гузошта, давлатеро бо номи Тоҷикистон ба харитаи сиёсии ҷаҳон ҷой диҳад. Вале ин тӯҳфаи тақдир имтиҳони ҷиддиеро назди миллати мо гузошт. Паст будани фарҳанги сиёсии ҷомеа, нокифоягии таҷрибаи давлатдории ҷадиду мустақилона, ба ҳисоб нагирифтани хусусиятҳои давраи нави инкишоф, боло гузоштани манфиатҳои гурӯҳию ҳизбӣ аз манфиатҳои умумимиллию умумидавлатӣ ва дахолати қувваҳои манфиатдори беруна кишвари тозаистиқлоли моро ба вартаи ҷанги шаҳрвандӣ тела доданд.[41] Аз ҷониби дигар давлатҳои манфиатдори фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ дар Тоҷикистон қувваҳои бетаҷрибаи сиёсӣ, ҷавонони зудбовар, баъзе унсурҳои ифротгаро, дасисабоз ва мансабпарастро аз ҷиҳати маънавӣ ва молиявӣ дастгирӣ мекарданд.[42]

Шароити бамиёномадаи сиёсӣ дар аввали солҳои 90-ум дар назди ҷомеа масъалаи муҳим вобаста хусусияти давлати мустақили миллиро пеш гузошта буд. Ин баҳси сиёсие буд, ки ҷанбаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ,сиёсӣ ва геополитикӣ низ дошт, зеро фурӯпошии Иттиҳоди

---

[41] Хидирзода М.У. Истиқлолият ва стратегияҳои муваффақ. - Душанбе, 2017.- С.38.
[42] Олимов К. Роҳҳои маъқул ва воқеии амалисозии чорабиниҳо ҷиҳати эҷоди боварӣ//Муколама бо роҳи амал:таҷрибаи тоҷикон./ Зери таҳрири Сатторзода А. - Душанбе, 2009.-С. 20.

Шӯравӣ ва таҳаввулоти фарогири бавуҷудомада фазои геополитикии ҷаҳонро ба пуррагӣ тағйир дода, вазъияти Тоҷикистонро ҳамчун кишвари дар чорроҳаи тамаддунҳо ҷойгирбуда мушкил гардонид. Вобаста ба вазъи сиёсии ҳамонвақта Олимов К. менависад, ки "Дар солҳои бозсозӣ ва ошкорбаёнии горбачевӣ ба асосҳои ахлоқии давлатдорӣ зарбаи шадид зада шуд. Яъне якбора, бе омодагии ҷиддӣ ба таҳаввулоти эволютсионии демократӣ, беобрӯ кардани роҳбарони ҳизбию давлатӣ ва мақомоти гуногуни дигар дар муассисаю идораҳо оғоз ёфт, ки ба ин кор худи мақомоти олии Ҳизби коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ онҳоро ҳавасманд мегардониданд. Ба назар мерасид, ки худи Горбачев М.С. истеъдод ва тавоноии идора кардани ҳазб ва давлатро надошт, бозичае дар дасти "идеологи" бозсозӣ Яковлев А.Н. буд".[43]

Мавқеи геополитикии кишвари мо, ки минтақаи бархӯрди манфиатҳои абарқудратҳо низ маҳсуб меёфт, ташаккул ва рушди минбаъдаи давлати мустақилро мушкил мегардонид. Воқеияти таърихию сиёсӣ далели он аст, ки солҳои аввали соҳибистиқлолӣ бо сабаби азбайнравии фазои ягонаи идеологӣ, ба вуҷуд омадани холигии ғоявию сиёсӣ, паст будани сатҳи шуури сиёсию маърифати сиёсии мардум ва то ба охир дуруст дарк накардани қонуниятҳои марҳилаи навини рушди кишвар мардуми тоҷик ба хатари амиқи аз даст додани давлатдории миллии худ рӯ ба рӯ гашта буданд.

Пайдоиши нобоварии иҷтимоӣ дар ҷомеа метавонад робитаҳои устувору ташаккулёфтаро дар байни мардум аз байн барад, ки натиҷаи он маҳз парешонии ҷомеа мегардад. Вобаста ба ин Сафаров С. қайд мекунад, ки "Тайёр набудани элитаи сиёсӣ барои ғояҳои олии демократӣ, фарҳанги пасти сиёсию ҳуқуқии аксарияти мардум, набудани пешвоёни миллӣ, набудани дурнамои рушди миллӣ, надоштани зиёиёни миллӣ, сарфаҳм нарафтан ба бозиҳои давлатҳои абарқудрат" вазъи

[43] Олимов К. Роҳхои маъқул ва воқеии амалисозии чорабиниҳо ҷиҳати эҷоди боварӣ//Муколама бо роҳи амал:таҷрибаи тоҷикон./ Зери таҳрири Сатторзода А. - Душанбе, 2009.- С.20.

сиёсиро печидатар мегардонид.[44] Чунин ҳолати бӯҳронии барои ҳастии давлатдории миллӣ хатарнок дар марҳилаи аввали соҳибистиқлолӣ ба вуҷуд омада буд. Маҳз дар чунин шароит баргузор гардидани иҷлосияи ХУ1 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тағйирпазирии тамоми системаи сиёсӣ нақши муайянкунанда бозид.

Иҷлосияи XVI дар замони зуҳуроти бесарусомониҳо барпо гашта, масъулиятро баҳри ба даст гирифтани идоракунии раванди сиёсии бениҳоят мушкилу пурхатар ва танзими авзои бениҳоят мушкили иҷтимоию сиёсӣ ба дӯши худ гирифт. Албатта, дар марҳилае, ки қудратҳои гуногун зери таъсири қувваҳои дохилию хориҷӣ издиҳоми мардумро ба кӯчаҳо бароварда, ба муқобили якдигар шӯронида буданд, на ҳар мақомот чунин масъулияти таърихию тақдирсозро ба уҳда гирифта метавонист. Шӯрои Олии кишвар ҳамчун ниҳоди қонунгузори ҷомеа дар мушкилтарин вазъият ба ҳимояи Конститутсия ва ҳалли масоили тақдирсози халқ бархост.[45]

Аҳамияти таърихии ин иҷлосияро муҳаққиқон эътироф намуда, қайд мекунанд, ки ин зуҳуроти сиёсӣ воқеан ҳам гардиши бузургро дар равандҳои сиёсӣ ба вуҷуд оварда, масири рушди минбаъдаи осоиштаро заминагузор гашт. Чуноне ки Хидирзода М.У. қайд мекунад, «Стратегияи нахустини мукаммал ин баровардани кишвар аз ҷанги шаҳрвандӣ, ки ба решакан намудани зуҳуроти зӯроварӣ ва хушунату куштор, рӯҳияи ноумедӣ, нобоварӣ ба ҳокимият, парокандагии ғоявӣ, бадбинӣ, бозгардонидани гурезагони иҷборӣ, куллан тағйир додани имиҷи давлат дар арсаи байналмилалӣ асос ёфта буд, самаранокии худро собит намуда, нишон дод, ки барои муваффақ гаштан дар самтҳои дигар, пеш аз ҳама, раҳоӣ аз бӯҳрони сиёсӣ зарур мебошад. Ин аст, ки ҳамчун нишондиҳандаи рушди устувор суботи сиёсӣ қабул гашта, дар заминаи он таҳкими муносибатҳои созанда ва пешрафти иқтисодӣ имконпазир

[44] Сафаров С.С. Таҳдидҳои дохилӣ ба истиқлолияти давлати Тоҷикистон.//Традиции и процессы демократизации в Таджикистане.Т.3.- Душанбе, 2013.-С. 162.
[45]Хидирова М.У. Иҷлосияи ХУ1 ва таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ// «Садои мардум», 15 ноябри соли 2007, №125 (2212).

мегардад. Ин стратегия муносибати комилан нави сиёсиро, ки ба созиш ва гузаштҳо асос ёфта, принсипи ҳалкунанда дар он таҳаммулпазирӣ ва фарҳанги баланди сиёсӣ буд, ба ҷомеа муаррифӣ намуда, стреотипҳои мавҷудаи сиёсиро вобаста ба муносибатҳои ҳокимият ва идоракунӣ дарҳам зад. Яъне ин талаботи ҷомеа, ки дар ҳамон вақту ҳамон макон татбиқи он зарур ва ногузир буд, аз ҷониби сарвари сиёсӣ ба хубӣ дарк карда шуда, механизми татбиқи он самаранок фаъолият намуд»[46]

Заминаҳои иҷтимоию таърихӣ ва сиёсии ташаккулёбии давлатдории мустақили тоҷиконро таҳлил намуда, метавон ин масири пурпечутобро ба марҳилаҳои зерин ҷудо намуд:

- марҳилаи аввал аз сентябри соли 1991 оғоз ёфта, то моҳи ноябри соли 1992 то баргузории иҷлосияи ХУ1 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон идома ёфт. Ин марҳила марҳилаи муташаниҷи сиёсӣ, кашмакашҳои гурӯҳӣ, ҳизбӣ ва маҳалгароӣ буд. Фалаҷи ҳокимияти сиёсӣ, ки дар натиҷаи таҳрики қувваҳои беруна ва амали хоинонаи қувваҳои дохилӣ ба вуҷуд омада буд, боиси хунрезӣ, қатлу куштор ва дар маҷмуъ аз байн рафтани ҳама гуна арзишҳои вобаста ба эҳтироми қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ гашта буд. Дар низоми давлатдорӣ, ба ҷузъ аз мақоми қонунгузор, ягон ниҳоди дигар фаъолият намекард ва ё фаъолияти қонунии онҳоро ҷомеа эътироф намекард. Дар натиҷа бuҳрони шадиди ҳокимият ба вуҷуд омада, кишварро хатари ҷиддии парокандагӣ таҳдид мекард.[47]

- марҳилаи дуюм солҳои 1992-1993-ро дар бар гирифта, марҳилаи пойдор намудани ҳокимияти қонунӣ, бакорандозии механизмҳои ҳокимияти сиёсӣ, ташаккули муносибатҳои нави иҷтимоӣ дар робита ба ҳокимият ва идоракунӣ маҳсуб меёбад. Илм собит намудааст, ки *стратегияи тағйири вазъият* мақсади дигаргуниҳоро дар сохтор ва фарҳанг дар бар гирифта, бояд усулҳои ба даст овардани ин

[46] Хидирзода М.У. Истиқлолият ва стратегияҳои муваффақ. - Душанбе,2017.- С.11.
[47] Хидирзода М.У. Нақши иҷлосияи ХУ1 дар тағйирпазирии муносибатҳои иҷтимоӣ./Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Н.Хисрав. №1/3(47).- Қӯрғонтеппа, 2017.- С.62.

дигаргуниҳоро низ таъмин намояд.[48] Тамаркуз намудани диққат ба масъалаҳои асосӣ дар вазъиятҳои бuҳронӣ ба мушкилӣ даст медиҳад. Зеро вазъи зудтағйирёбанда таҳлилу хулосабарориро мушкил гардонида, баҳри баҳодиҳии бошуурона халал мерасонад. Маҳз аз ҳамин сабаб омӯзиши вазъ муҳим буда, тақозо менамояд, ки дар ин доира ҳудудҳои сохторӣ ва замонӣ муайян карда шаванд;

- марҳилаи сеюм солҳои 1994-1995-ро дар бар гирифта, ба ин марҳила заминагузории асосҳои демократию ҳуқуқбунёдӣ ва дунявияти давлат, оғози баъзе ислоҳотҳои сиёсӣ ва таҳкими минбаъдаи рушди соҳибистиқлолӣ хос мебошад. Дар ин марҳила раванди гуфтушуниди байни тоҷикон мунтазам устувор гардида, фаъолияти давлат дар самти устуворгардонии артиш, пешбарии ислоҳоти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, бозгашти гурезагон қадамҳои ҷиддӣ гузошт.Дар ин марҳила шаклгирии усулҳои нави идоракунӣ бо дарназардошти хусусиятҳои марҳилаи нав зарур буд, зеро буҳрони ҳокимияти сиёсӣ ноқобилии худро вобаста ба масъалаҳои идоракунии самаранок, аз байн рафтани низом ва назорат дар иҷрои ӯҳдадориҳои қонунӣ, эътироф нагардидан аз ҷониби аҳолӣ, таъмин карда натавонистани волоияти ҳуқуқ ва амнияти шаҳрвандон таҷассум ёфта, ҷомеаро ба вартаи ногузири ҳалокат наздик карда буд. Чуноне ки Фукуяма Ф. қайд мекунад, «идоракунии нодурусти давлат принсипи соҳибистиқлолиро вайрон мекунад»[49]. Аз ҳамин сабаб ҳам марҳилаи нав коркарди роҳҳои нави таҳияи фаъолиятро тақозо менамуд;

Марҳилаи чорум аз охири соли 1996 оғоз шуда, то июни соли 1997 идома ёфта, бо имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба анҷом мерасад. 27 июни соли 1997 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, роҳбари иттиҳоди нерӯҳои оппозитсионӣ С.А. Нурӣ ва намояндаи махсуси Котиби Генералии СММ Герд Меррем

[48] Мастенбрук У. Управление конфликтными ситуациями и развитие организации: Пер.с англ. - М., 1996.- С.47.
[49] Фукуяма Ф. Сильное государство. - М., 2006.- С.163.

дар Маскав ба ин созишнома имзо гузоштанд. Мазмуни асосии ҳуҷҷати мазкур хотима гузоштан ба ҷанги бародаркуш дар Тоҷикистон, оғози марҳилаи иҷрои созишҳои пештар бадастомада, бахшиши гуноҳи ҳамдигар, авф, баргардонидани гурезагон, гузаронидани интихоботи шаффофу демократӣ ва барқарор намудани иқтисодиёти касодшуда буд.

Имзои созишномаи мазкур собит намуд, ки сулҳ ва ваҳдати миллӣ барои тамоми тоҷикистониён арзиши бемисл буда, баҳри таҳкими он ҳама дар якҷоягӣ, новобаста ба манфиатҳои гуруҳию ҳизбӣ бояд вазифадор бошад.[50].

Марҳилабандии пешниҳодшуда аз диди муддати фарогирӣ мумкин аст боиси қабул нагардидани он аз ҷониби баъзе коршиносон гардад. Вале масъала сари он аст, ки ин муддатҳои кӯтоҳи таърихӣ тавонистаанд бо аҳамияти сиёсии худ барои давлати соҳибистиқлол, паси сар намудани таҳдиду хатарҳо ва роҳ ба сӯйи мустақилияти комил пеш гирифтани Тоҷикистон аҳамияти махсус пайдо намоянд. Масалан, марҳилаи якум, ки ҳамагӣ як солро дар бар мегирад, бо шинохт ва эътирофи байналмилалии Тоҷикистон вобаста мебошад. 2 марти соли соли 1992 Тоҷикистон расман ба аъзогии СММ пазируфта шуд. Ин вазъи ҳуқуқӣ ба кишвари мо имконият медод ҳамчун давлати соҳибистиқлол аз тамомияти арзӣ ва манфиатҳои сиёсию иқтисодии худ мустақилона дифоъ намояд, бо давлатҳои дигар шартномаҳо дар ин самт бандад ва ҳамкориҳоро ба роҳ монад. Ҳамин буд, ки 15 майи соли 1992 Созишнома дар бораи амнияти дастаҷамъиро ба имзо расонид, ки ҳадафи он таъмини амнияти дастаҷамъи дар фазои ҷадиди Иттиҳоди давлатҳои мустақил буд.

Хусусияти ин марҳила ҳамчунин дар он буд, ки ҷараёни тезутунди равандҳои сиёсӣ онҳоро дар муддати кутоҳ аз муборизаҳои осоиштаи сиёсӣ ба задухӯрдҳои шадид мубаддал

[50]Ниг.:Общее Соглашение об становлении мира и национального согласия в Таджикистане.- Душанбе, 1997.- С.5.

гардонида, хусусияти зӯроварона, идоранашавандагӣ ва беҳокимиятӣ вазъро боз ҳам печидатар мегардонид. Мубориза барои ҳокимият, ки бо роҳи ғайриконститутсионӣ ва зӯроварӣ сурат гирифта, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсии дар ин роҳ будаpo ба маҷрои нодурусти муборизаҳо бурда буд.

Таҳлили хусусиятҳои зикрнамудаи марҳилаҳои ташаккули давлатдории нави миллӣ нишон медиҳад, ки дар натиҷаи татбиқи стратегияи муваффақи тарҳрезигардидаи роҳбарияти нави давлат роҳро ба суйи таҳкими минбаъдаи ҷомеаи демократию дунявӣ ва ҳуқуқбунёд кушода, баҳри ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷой дошта заминаи мусоидро фароҳам овард.

6 ноябри соли 2004 қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қадами устувор дар самти муайян намудани афзалиятҳои сиёсӣ маънидод гардида, ифодагари ҳадафҳои давлати соҳибистиқлоли миллӣ баромад мекард.Яке аз муқарраpоти меҳварӣ, ки инъикоси худро дар матни Конститутсия ёфтааст, ин муқаррар намудани "Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва ягона" мебошад.[51]

Истифодаи мафҳуми дунявият дар марҳилаи зикргардида, яке аз принсипҳои муҳиме маҳсуб меёфт, ки дар атрофи он баҳсҳои сиёсӣ ва муборизаҳо сурат гирифта сурат гирифта буданд. Ин муқарраpот дар сатҳи Конститутсия ин мухолифатро бартараф намуд.Вале ин маънои онро надошт, ки тарғиби идеяи дунявият зарурат надошта бошад. Баръакс, фаъолияти васеъ ва густурдаи идеологию маънавӣ бояд пойдории ин принсипро ҳамроҳӣ мерибаи таърихӣ нишон мекард, то ин, ки масири минбаъдаи ҳамкории давлат ва иттиҳодияҳои динӣ дақиқ муайян бошад.

Таҷрибаи таърихӣ нишод медиҳад, ки дар давоми 70 соли шуравӣ сиёсати секулярӣ амалӣ гашта,ғояҳои атеизм фарогири

[51]Конституция Республики Таджикистан. - Душанбе. 1994. - С.28.

сатҳҳои гуногуни ҷомеа гашта буд.Баъд аз оғози бозсозӣ дини ислом ба яке аз омилҳои муҳими ҳаёти сиёсӣ дар кишварҳои пасошуравии мусулмоннишин гашт. Бо барҳам додани як қатор ниҳодҳои динӣ нигоҳ накарда, дар Осиёи Марказӣ ҳанӯз ҳам сохторҳои иҷтимоие низ мавҷуд буданд, ки анъанаҳои маҳаллию қавмиро нигоҳ медоштанд. Таҷрибаи 70-сола нишон дод, ки дар замони режими коммунистӣ, ки ислом дар ин давра на танҳо зинда монд, балки имкониятҳои устувор нигоҳдории худро дар шаклу намудҳои сохторҳои иҷтимоӣ нигоҳ дошта, бо фароҳам омадани шароити мусоид дар шакли барои технологҳои замони бозсозӣ зарурӣ худро муаррифӣ намуданд.

Дар шароити тағйирпазирии системаи сиёсӣ дар Тоҷикистон таҳаввулоти ҷиддӣ дар самти муносибат ба дин ва мавқеи он дар ҷомеа ба миён омад. Таҳлили вазъи солҳои аввали соҳибистиқлолӣ нишон медиҳад, ки ислом на танҳо ҳамчун дин, ки ҷанбаҳои эътиқодӣ дорад, балки ҳамчун сиёсат ба ҳаёти иҷтимоию сиёсии кишвар таъсиррасон гардид. Олимов К. дар робита ба ин менависад, ки "Бухрони фарҳанги ғарбӣ, ки дар вақташ Освалд Шпенглер онро омили "ғуруби Аврупо" медонист, дар ниқоби демократия дар Тоҷикистон зуҳур мекард. Аз тарафи дигар, аз ҷониби баъзе кишварҳои Шарқ, махсусан давлатҳои исломӣ кӯшиши экспорти инқилоби исломӣ як воқеияти реалӣ гардида, ба сарнагун кардани ҳокимияти дунявӣ ва истиқрори низоми теократӣ боварашонро ҳар- чи бештар мегардонд."[52] Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки дар шароити шадидшавии буҳрони иҷтимоӣ одамон бовариро ба ҳокимияти сиёсӣ аз даст медиҳанд. Дар натиҷа омилҳои таъсиррасон, ки хусусияти эътиқодӣ ва эътимодбахшӣ доранд, ба назарфиребии сиёсӣ гузашта, худро ҳамчун наҷотдиҳандаи асосӣ муаррифӣ намуда, дар сарҷамъ ва роҳнамоӣ намудани ҷомеа муваффақ мегарданд. Вобаста ба воқеияти ҳамонвақтаи Тоҷикистон месазад қайд намоем, ки дар ҳақиқат

[52] Олимов К. Роҳҳои маъқул ва воқеии амалисозии чорабиниҳо ҷиҳати эҷоди боварӣ//Муколама бо роҳи амал:таҷрибаи тоҷикон./ Зери таҳрири Сатторзода А.- Душанбе, 2009.- С.20.

ҳам омили исломӣ ҳамчун василаи таъсиррасон ва муттаҳидкунандаи қишрҳои дорои мафкураи пасти сиёсӣ ва динӣ гашт.

Омили исломӣ, ки имрӯз ҳам дар бораи нақш ва таъсири он васеъ мубоҳисаҳо мегузаранд, василаи ба даст овардани мақсадҳои гуруҳҳои муаяйни геополитикӣ буда, вазъ дар ин самт имрӯз ҳам аз аввали солҳои 90-ум дида печидатар аст.

Лозим ба ёдоварист, ки яке аз муваффақиятҳои асосӣ ва калидии ба дастомада дар давраи таҳлилӣ ин ташаккули низоми нави давлатдорӣ ва муносибатҳои ҳокимият дар кишвар буд. Ин низом бо баргузории интихоботи президентии соли 1994 ва райъпурсии умумихалқӣ оид ба қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд буд. Қабули Конститутсия ва танзими нави муносибатҳои ҷамъиятӣ ифодагари мақсад ва мароми ҷомеа дар давраи нави таърихӣ буд, ки талаб мекард то равандҳои минбаъдаи рушди ҷомеа маҳз ба қонун ва қонуният такя намоянд. Бо қабули Конститутсияи нав тоҷикистон ба зинаи нави инкишофи демократии ҷомеа дохил гашта, дигаргуниҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, ки баъди қабули Конститутсия амалӣ карда шуданд, ба тағйироти сифатан нави муносибатҳои ҷамъиятӣ оварда расониданд.[53]

Нақш ва мақоми Конститутсияро дар ташаккул ва рушди давлати демократию ҳуқуқбунёд қайд намуда, Президенти мамлакат, муҳтарам Э.Раҳмон менависад, ки “ сохтори давлатии мо дар Конститутсияи мо муайян шудааст, ки барои он аксарияти мутлақи ҳамватанони мо раъй додаанд. Бигузор ҳамаи сокинони кишвар донанд, ки мо коммунизм ё Ҷумҳурии исломӣ бунёд намекунем. Мо бо роҳи одӣ, дар асоси бозори озоди иқтисодӣ, бе ягон идеологияи маҷбуран ба мардум боркардашуда давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявие месозем, ки ҳар як ҳамватани мо худро озоду хушбахт дар он эҳсос намояд. Ин интихоби мо

[53] Маҳмудзода М. Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ.- Душанбе, 2017.- С.8.

устуворона аст ва ба хоҳишу талаботи миллионҳо нафар сокинони кишвар ҷавобгӯ мебошад”[54].

Маҳз дар ҳамин замина дар кишвар ба самти бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёду дунявӣ роҳ гирифта шуда, кушишҳо баҳри таъмини принсипи конститутсионӣ дар бораи арзиши олӣ доштани инсон, ҳуқуқ ва манфиатҳои он амалӣ гардида истодаанд.Ақида, эътиқод, мансубияти ҷинсӣ,иҷтимоӣ ва миллию мазҳабӣ дар ин роҳ наметавонанд монеа шаванд. Ин усули танзими муносибатҳои иҷтимоӣ баҳри таҳкими заминаҳои маънавию ахлоқӣ низ заминагузор гаштанд, ки дар шароити баъдинизоӣ он омили муҳим баҳри таъмини боварию эътимод дар ҷомеаи парешонгашта маҳсуб меёфт.

Хусусияти дигари фарққунандаи раванди ташаккулёбии давлати соҳибистиқлоли миллӣ дар он буд, ки ин ҳама мушкилиҳои сиёсию иҷтимоӣ дар раванди давлатсозӣ муваффақона паси сар карда шуда, баҳри ташаккулёбии мафкура ва ҷаҳонбинии нави давлатсозӣ заминагузор гардиданд. Каҷфаҳмиҳо ва назарфиребиҳои сиёсие, ки бо истифода аз
сатҳи фарҳанги пасти сиёсии мардум бар сари ҷомеа сахтиҳои зиёдеро бор намуда буданд, бори дигар собит намуданд, ки ба шикаст дучор шуданд. Шикасти онҳо ин ба ҳам омадани ҷомеа буд, ки ҳолатҳои буҳронии ҷомеаро муташаккилона паси сар намуда, дар раванди худсозии давлати ҷавони миллӣ устуворона пеш мерафт.

Дар ин раванд ташаккули сохтори нави давлат, ки идоракунии онро дар асоси таҷзия ҳокимият ба қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ амалӣ мекунад, заминаи боэътимоди устувории давлати миллӣ буда, таъсиси парлумони дупалатагӣ дар ин раванд нишонаи амиқи тағйирпазирии ҳокимияти сиёсӣ вобаста ба марҳила ва талаботҳои муайяни ҷомеа мебошад.

[54]Эмомали Рахмон. Молодежь - будущее суверенного Таджикистана. / Выступление на встрече с представителями молодёжи 23 мая 1997 года/. - Душанбе, 1997. - С. 35.

Масъалаи дигаре, ки боиси нофаҳмиҳо дар ташаккули муносибатҳои сиёсӣ дар раванди истиқлолхоҳӣ гашта буд, ин масъалаи муносибати давлат ба дин буд. Дунявият ва давлати исломӣ масъалаҳое буданд, ки дар марҳилаи аввали истиқлолият боиси сар задани нофаҳмиҳо гашта буданд. Хамчун омили ихтилофангез ин масъала дар Иҷлосияи ХУ1 ҳалли воқеии худро ёфт ва минбаъд дар Конститутсия дарҷ гашта, баҳри муайян намудани самти рушди давлатдорӣ нақши воқеӣ бозид. Вобаста ба масъалаи мазкур, Олимов К. қайд менамояд, ки "Дар марҳилаи ҳозира муколамаи байни ҷонибдорони ҷаҳонбиниҳои "динӣ-дунявӣ" на ба баррасии масъалаҳои сирф динӣ ва ба мушкилоти иҷтимоӣ робитаи бевосита надошта, балки ба пайдо кардани нуқтаҳои умдае бояд равона шавад, ки заминаи ҳамкориро бо якдигар ба хотири эҷоди оромию осудагӣ дар ҷомеа устувор менамоянд"[55]. Маҳз аз ҳамин сабаб, дар марҳилаҳои аввали соҳибистиқлолӣ ва баъди имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ давлат стратегияи нави муносибат ба динро амалӣ намуд, ки дар заминаи он имконияти фаъолияти озоди ҳизби хусусияти динидошта ба миён омад.

Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки заминаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва иҷтимоию таърихии ташаккулёбии давлати соҳибистиқлоли тоҷикон нишонаи амиқи давлатдории тоҷикон дар замони гузашта буда, эҳёи он дар замони нав натиҷаи мавҷудияти рӯҳи истиқлолхоҳӣ дар зеҳн ва тафаккури мардум мебошад. Ҳамин тавр, метавон хулоса кард, ки:

- Истиқлолияти Тоҷикистон натиҷаи талошҳо чандинасраи мардуми тоҷик барои соҳибдавлатӣ, соҳибхтиёрӣ ва ворисӣ намудани фарҳангу таърихи худ мебошад.
- Заминаҳои иҷтимоию таърихии ташаккулёбии давлати мустақили тоҷикон баҳри пойдор нигоҳ доштани анъанаҳои давлатдорӣ дар хотираи таърихии миллат мусоидат намуда, бо фароҳам омадани шароити мусоиди таърихӣ баҳри аз нав эҳё намудани он мусоидат намуд.

---

[55] . Олимов К. Роҳҳои маъқул ва воқеии амалисозии чорабиниҳо ҷиҳати эҷоди боварӣ//Муколама бо роҳи амал:таҷрибаи тоҷикон./ Зери таҳрири Сатторзода А. - Душанбе, 2009.- С.25.

- Таҳлилҳо нишон доданд, ки яке аз омилҳои муҳим дар самти ташаккули давлати навини тоҷикон ин мавҷудияти таҷрибаи таърихии идоракунӣ буд, ки новобаста ба марҳилаҳои аз даст додани давлатдорӣ ва салтанати мустақил, тоҷикон дар пешбурди кори давлатдорӣ дар низомҳои давлатдории бегонагон низ иштироки фаъолона доштанд.

- Марҳилаи Шӯравӣ дар таърихи миллати тоҷик аҳамияти калон дошта, баҳри ташаккул ёфтани марзию ҳудудии имрӯза, шинохт ва ифтихори миллӣ, нигоҳ доштани ҳувияти худ дар оилаи калони шӯравиҳо мусоидат намуд.

- Давлатдории навини тоҷикон дастоварди бузурги миллати тоҷик дар марҳилаи нави таърихӣ маҳсуб ёфта, заминаи он дар дар тули таърихи тулонӣ гузошта шуда буд, ки бо фаро расидани шароити мусоиди сиёсӣ амалӣ гашт.

## 2. 2. Нақши давлат ва ниҳодҳои он дар раванди демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ дар шароити соҳибистиқлолии тоҷикистон

Ташаккулёбии дилхоҳ давлати миллӣ ҳамчун раванди дурудароз ва пуртаззод пайваста андешидани чораҳои муҳимми вобаста ба ташкил ва такмили пайвастаи идоракуниро тақозо менамояд. Дар ин масир бояд принсипҳои вобаста ба сохтори давлатдорӣ, шакли давлатдорӣ ва шакли идоракунии давлат хусусияти устувор дошта, қонуниятҳои рушд ин нуқтаҳои муҳимро доимо ба инобат гиранд. Дар вобастагӣ ба шароити иҷтимоию сиёсии Тоҷикистон бояд қайд намуд,ки раванди бунёди ҷомеаи демократӣ хусусиятҳои хоси худро дошта, ба инобат гирифтани онҳо дар ин масир ба самаранокии татбиқи ҳадафи гузошташуда мусоидат намуда истодааст.

Яке аз масъалаҳои зарурие, ки дар раванди ташаккули давлатдории миллӣ мавқеи калидӣ дошт, ин масъалаи ташаккул ва таҳкими муносибатҳои иҷтимоии ба принсипҳои демократӣ асосёфта маҳсуб меёфтанд. Маҳаки ин принсип эътирофи мардум ба сифати сарчашмаи ҳокимияти давлатӣ буд, ки асоси онро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамуд. Вале татбиқи ин принсипи конститутсионӣ амалинамоии як қатор чораҳои сохторӣ ва институтсионалиро тақозо мекард, ки дар заминаи онҳо бояд воқеан ҳам мардум худро сарчашмаи ҳокимияти давлатӣ эҳсос мекарданд. Дар марҳилаи баъди қабули Конститутсияи нав, ки ҳанӯз муносибатҳои иҷтимоӣ ва вазъи сиёсӣ дар кишвар муътадил набуданд, тақозо мегашт, ки системаи сиёсии мавҷуда баҳри таҳкими арзишҳои демократӣ дар ҷомеа чораҳои мушаххас андешад. Ин раванд дарки воқеии мазмуни демократия, ҳамкории озоди таҳаммулпазиронаи қувваҳои гуногуни сиёсӣ, ташаккули фарҳанги нави сиёсии орӣ аз ҳама гуна зӯроварӣ ва маҷбурнамоӣ, таъмини озодии андеша ва афкорро тақозо мекард. Дар навбати худ ин омилҳо баҳри таҳаввулоти эволютсионии шуури ҷамъиятӣ ва дасткашӣ аз каҷфаҳмиҳо дар дарки демократияро тақозо мекарданд.

Татбиқи дурусти ғояҳои демократикунонӣ имконият медоданд, ки қонуниятҳои таҳкими давлатдории миллӣ ба шакли мутавозин амалӣ гарданд. Маҳз аз ҳамин нуқтаи назар, муайян гардидани шакли идоракунии демократӣ имконият медод, то эътимоди мардум ба ҳокимияти сиёсӣ устувор гардонида шуда, дар шароити мушкили сиёсӣ дурнамои рушди минбаъда муайян гардад.

Таҳкими боварии мардум ба ҳокимияти сиёсӣ дар он замон омили бениҳоят зарурӣ маҳсуб меёфт. Натиҷаи татбиқи ин стратегия таҳкими ҳокимияти сиёсӣ, раҳоӣ аз бухрони сиёсии марговар, афзудани боварии ҷомеа ба ҳокимияти сиёсӣ, таъмини ҳамгироии иҷтимоии ҷомеа, ташаккули низоми сифатан ва мазмунан нави муносибатҳо дар доираи низоми сиёсии навтаъсис ва шинохту эътирофи Тоҷикистон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ гардид. Татбиқи ин стратегия бори дигар собит сохт, ки сарвари давлат дар стратегияи умумии давлатсозии худ, пеш аз ҳама, ба принсипҳои эҳтироми арзишҳои умумиинсонӣ, адолати иҷтимоӣ, волоияти қонун, ки омилҳои муҳим дар идоракунии самарабахш маҳсуб меёбанд, такя менамояд.[56]

Лозим ба ёдоварист, ки таҳкими равандҳои демократикунонӣ бо дарназардошти халои идеологие, ки баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ дар фазои Тоҷикистони соҳибистиқлол ба миён омада буд, зери фаҳмиши демократия ва озодии баён даҳҳо ташкилоту иттиҳодия ва ҳизбу ҳаракатҳоеро ба майдон овард, ки ҳар кадом демократияро аз диди худ маънидод намуда, онро то ба ҳадди ифрот мерасониданд. Чуноне ки Олимов К. қайд мекунад, "Аз ҷониби дигар давлатҳои манфиатдор фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон, ҳавасмандии ҳудро нишон медоданд. Вале демократияи хом арзишҳои мусбат ва арзишноки давраи шӯравиро комилан инкор мекард"[57]. Комилан инкор намудани арзишҳое, ки тӯли 70 сол шакл гирифтаю дар

---

[56] Хидирзода М.У. Истиқлолият ва стратегияҳои муваффақ.- С.11.

[57] Олимов К. Роҳхои маъқул ва воқеии амалисозии чорабиниҳо ҷиҳати эҷоди боварӣ//Муколима аз роҳи амал: таҷрибаи тоҷикон. Душанбе, 2008. - С.20.

шуури ҷомеа мавқеъ пайдонамуда, дар шароите, ки арзишҳои нав ҳанӯз ташаккул наёфтаанд ва ҷомеа онҳоро ба пуррагӣ напазируфтааст, омили ба бенизомӣ кашидани оммаҳои мардум гашта, қолаби холии пешниҳодшудаи демократия ҳанӯз маънои таъмини бартарияти онро надошт.

Масъалаи дигари мубоҳисаҳои сиёсии дар фазои демократии онвақта ҷараёндошта факат ба масъалаи танқиди номеклатураи коммунистӣ ва ин сохт равона карда шуда, аслан маънои "демократияи танқидӣ"-ро дошт. Вале байни "танқиди демократию" таҳқири оммавӣ қариб ки фарқият гузошта намешуд. Дар асл бошад, муборизаи шадиди идеологӣ мерафт, ки он бештар хусусияти маҳалгароёна ва гуруҳӣ дошта, ба арзишҳои демократӣ зарба мезад. Дар ин раванд бештар бартариятхоҳӣ, таҳаммулнопазирӣ нисбат ба ҳарифи сиёсӣ, дарёфти душмани сиёсӣ дар чеҳраи ҳарифи сиёсӣ, набудани таҷрибаи муборизаи сиёсӣ дар доираи муайяннамудаи қонун ва ғ. хос буданд.

Дарк ва фаҳмиши классикии демократия ҳамчун василаи таъмини ҳокимияти халқ вуҷуд надошта, дар муносибатҳои иҷтимоӣ як навъ анархияи мавҷуд буд, ки коргардонҳои ин саҳнаи бузург онро либоси "демократӣ" пӯшонида буданд.

Таҷрибаи сиёсӣ нишон медиҳад, ки таҳкими ҷомеаи демократӣ баҳри васеъ шудани вазифаҳои ниҳодҳои сиёсӣ замина мегузорад. Маҳз аз ҳамин сабаб ниҳодҳои сиёсии муосир аз рӯйи натиҷаҳои рушди худ махсусгардонида мешаванд. Онҳо дастовардҳо, меъёрҳо, ки чунин арзишҳои умумипазируфтаро, аз қабили салоҳиятнокии сиёсӣ, мустақилият, масъулияти шахсӣ, ки бидуни онҳо фаъолнокии сиёсии шахс, ҳамчун субъекти сиёсат номумкин аст, асоснок мекунанд.

Дар робита ба ин қайд намудан лозим аст, ки раванди тағйирпазирии системаи сиёсии ҷомеа нишон медиҳад, ки хусусияти фарқкунандаи ниҳодҳои сиёсии муосир дар мустақилияти онҳост, ки баҳри шаҳрвандон дар татбиқи ҳуқуқу озодиҳои онҳо қулай ва дастрас

мебошанд. Маҳз ҳамин ҳолат заминаҳои бунёдии демократияро мустаҳкам мекунанд.

Масири демократикунонӣ ин раванди бунёд ва дар амал татбиқ намудани принсипҳои демократӣ, ҳамкории созишкоронаи субъектҳои сиёсӣ, ки бо роҳи қонунӣ ва устуворона аз манфиатҳои худ дифоъ мекунанд, маҳсуб меёбад.

Демократикунонӣ дар Тоҷикистон на танҳо аз амалҳои ҳокимият, балки рафтори ҳар як субъекти сиёсат сахт алоқамандӣ дорад. Ин масъала ба шинохти ҷой ва мавқеи шахс дар муносибатҳои сиёсӣ алоқамандии зич дошта, нишондиҳандаи пазироии ҳокимият аз ҷониби омма мебошад. То иштироки сиёсии бевосита ва ё бавоситаи мардум дар равандҳои иҷтимоию сиёсӣ таъмин нагардад, демократия шакли воқеии худро дарёфт карда наметавонад.

Дар баробари ин таъмини мутобиқат байни принсипҳои асосии демократия ва воқеияти татбиқи онҳо низ яке масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Маҳз ҳамин нуқта демократияи асилро аз демократияи "шиорӣ" фарқ кунонида меистад.

Дар ин радиф таъмини волоияти қонун яке аз омилҳои муҳимми таъмини демократия дар муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, риояи он аз ҷониби тамоми мақомоту сохторҳои давлатию ғайридавлатӣ ва шахсони алоҳида низ зарур мебошад.

Рушди равандҳои демократӣ дар сохтори мавҷудаи мақомоти давлатӣ дар кишвар инъикоси амиқи худро ёфтааст. Мутобиқи моддаи 9 Конститутсияи кишвар "Ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад"[58]. Мавҷудияти ниҳодҳои гуногун, ки дар таъмини мардумсолорӣ нақш доранд, ба рушди демократия такони нав мебахшанд. Ин ниҳодҳо баҳри ҳимоя ва таъмини ҳуқуқу манфиатҳои мардум нақши бориз дошта, дар

[58] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, 2016.- С.7.

банизомдарории муносибатҳо бидуни иштироки давлат низ метавонанд муваффақ гарданд.

Дар байни ин ниҳодҳо ниҳоди интихобот нақши муҳим дошта, дар таъмини қонунигардонии ҳокимият тавассути иштироки бевосита ва ё бавоситаи мардум дар раванди ташаккул ва идоракунии он мақоми махсус дорад. Моддаи 27 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ки "Шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд"[59]. Ин иштироки мардум тавассути интихобот ва раъйпурсӣ сурат мегирад, ки тартиби онро низ моддаи мазкури Конститутсия муқаррар намудааст, ки тибқи он "Шаҳрванд аз синни 18 солагӣ ҳуқуқи дар раъйпурсӣ иштирок кардан, интихоб намудан, инчунин аз синни муқаррарнамудаи Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо ҳуқуқи интихоб шуданро дорад"[60]. Ҳуқуки интихоботӣ ва раванди интихобот бевосита бо самти фаъолияти сиёсии давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ алоқаманд мебошанд. Агар ҳуқуқи интихоботӣ ҳуқуқи сиёсии шаҳрвандонро оид ба интихоб кардан ва интихоб шудан танзим намояд, пас раванди интихоботӣ ҳамчун шакли татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи интихоботӣ нишондиҳандаи фаъолгардӣ ва сохтори иштироки шаҳрвандонро дар раванди идоракунии ҳокимият муайян менамояд. Дар маҷмӯъ онҳо заминаи сиёсию ҳуқуқии фаъолияти ниҳодҳои системаи демократияи намояндагӣ ва интихоботиро ташаккул медиҳанд.[61]

Интихобот ва раъйпурсии умумихалқӣ ҳамчун ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ собит намуд, ки воқеан ҳам таъмини заминаи воқеии меъёрии ҳуқуқӣ ва амалӣ намудани чораҳои мушаххас дар самти боло бурдани маърифати сиёсии аҳолӣ ҷиҳати таҳкими равандҳои демократӣ нақши калон бозид. Маҳз аз ҳамин сабаб интихобот на танҳо як раванди маъмулии сиёсӣ, балки ҳамчун василаи муҳимми ташаккули

---

[59] Хамон ҷо.- С.16
[60] Хамон ҷо.- С.16.
[61] www.dipshop.ru

ҳокимияти сиёсӣ пазируфта шуда, тайи солҳои соҳибистиқлолӣ тавонистааст ин рисолати худро ба пуррагӣ иҷро намояд.

Дар робита ба ин имрӯз бо боварӣ гуфта метавон, ки интихобот ҳамчун ифодаи олии ҳокимияти халқ, раванди муҳими сиёсиест, ки аз натиҷаҳои он пешрафту рушди минбаъдаи давлати мо сахт вобаста аст. Дар ин радиф интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми махсус дошта, иштироки фаъолонаи ҳар як шахси худшиносу худогоҳ ва интихоби огоҳонаи онҳо омили муҳимми субботи сиёсӣ ва пешрафти иқтисодию иҷтимоӣ буда, баҳри ташаккули низоми идоракунии президентӣ дар кишвар василаи асосӣ ба шумор меравад.

Тайи солҳои фаъолияташ институти президентӣ худро ҳамчун ниҳоди муҳимми сиёсӣ нишон дода, собит сохт қодир аст дар мушкилтарин лаҳзаҳои давлатдорӣ сарбаландона аз ӯҳдаи идоракунии он барояд. Бояд гуфт, ки зарурати тақвияти минбаъдаи институти президентӣ дар кишварро вазъи имрӯзаи сиёсӣ, бахусус раванди инкишофи нерӯҳои демократӣ тақозо менамояд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар айни замон роҳбари Ҳукумат ба шумор рафта, рушду нумӯи муназзам ва ҳамаҷонибаи кишварро таъмин менамояд, ҳадафҳо ва масъалаҳои асосии фаъолияти Ҳукуматро муайян месозад. Мувофиқи моддаи 64 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Президент ҳомии Конститусия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдорӣ ва бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи қарордодҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад.

Воқеияти сиёсӣ собит намуд, ки мамлакати мо ба шарофати чунин шакли идоракунӣ тавонист чандин бӯҳронҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиро паси сар намуда, дар ҷодаи бунёди ҷомеаи навини демократӣ ба дастовардҳои назаррас муваффақ гардад.

Интихоботҳои Президентие, ки тайи ин солҳо баргузор гардиданд, рисолати таърихии худро пурра бар ҷой оварданд. Натиҷаи чунин идораи давлатӣ буд, ки дар муддати кӯтоҳи таърихӣ ба даргириҳои дохилӣ хотима дода шуда, оқибатҳои онҳо бартараф карда шуданд. Фирориён ва муҳоҷирони иҷборӣ ба марзу буми аҷдодӣ баргардонида шуда, сарҷамъии миллат таъмин гардид. Иқтисодиёти кишвар ба таври назаррас рушду нумӯъ намуд. Имрӯз як силсила барномаву Стратегияҳои гуногунмуҳлат дар марҳилаҳои гуногуни амалишавӣ қарор доранд.

Дар тайи ин солҳо ба арзишҳои волои таърихиву фарҳангии халқамон бо баргузории ҷашнвораву чорабиниҳои илмӣ-фарҳангӣ арҷгузориву қадршиносӣ ба амал омад. Андеша ва ҳувияти аҳли ҷомеаи кишвар, хусусан ҷавонон, ташаккул ёфта, дар ҳоли рушду нумӯъ мебошад. Тоҷикистон ва сохти давлатдории он дар арсаи ҷаҳонӣ сазовори обрӯ ва нуфузи зиёд гардида, муваффақона раванди шомилшавиро ба созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ба итмом расонид. Ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои мубрами глобалӣ мавриди истиқболу дастгирӣ қарор гирифтанд, ки худ нишонаи амиқи эътирофи давлатдорию сиёсатмадорист.

Ин ҳама натиҷаи идоракунии самаранок ва ҳадафмандона, фаъолияти бомарому ояндабинонаи институти президентист, ки тавонистааст дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон мақоми махсуси худро пайдо намояд. Дар ин радиф метавон қайд намуд, ки ташаккул ва рушди институти президентӣ дар Тоҷикистон бевосита бо фаъолияти сарвари давлат, Президенти мамлакат, Ҷаноби олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон робитаи ногусастанӣ дошта, собит месозад, ки муваффақият ва самаранокии фаъолияти дилхоҳ ниҳоди иҷтимоию сиёсӣ, пеш аз ҳама, аз иродаи сиёсӣ, устуворӣ, кордонӣ, ҷасорат ва донишу малакаи шахсият вобаста аст.

Интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститусионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, таъин ва баргузор мегардад. Ин рӯйдод масъултарин ва муҳимтарин маъракаи сиёсиест, ки ҳамчун омили муҳимми ваҳдати миллӣ ва муттаҳидкунандаи миллат, ҳушёрии миллӣ ва бедории маънавӣ тайи солҳои соҳибистиқлолӣ рисолати худро анҷом дода, рӯҳияи ҷомеаро баҳри бунёди ояндаи пешрафта баланд бардошт. Руҳбаландии иҷтимоии аҳолӣ омили муҳимми таҳкимбахшандаи боварии мардум ба ҳокимият буда, дар амалӣ гардонидани муносибатҳои ҳокимият низ саҳми назаррас дорад. «Ташаккули эътимод амалан барои бадастоварии аҳдофи ҳар як аъзои ҷомеа мусоидат мекунад. Густариши эътимод дар доираи ниҳодҳои иҷтимоӣ ташаккули онҳоро беҳтар мегардонад»,- менависад Идиев Х.У.[62]

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки таъсиси институти идораи президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳимми назарияи конститутсионализм ба шумор рафта, ҳамчун падидаи нисбатан нав рӯи кор омада бошад ҳам, вале худро ҳамчун василаи муассири ҳокимияти олии давлатӣ муаррифӣ намуд. Чунин шакли идораи ҳокимияти давлатӣ тавонист шакли муассири идораи президентиро ба вуҷуд оварда, Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба давраи бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёд ворид гардонад.

Таҳлили ҳаёти сиёсии ҷомеа дар ин самт нишон медиҳад, ки ҷомеаи мо ба равандҳои ҳамгироӣ ва муттаҳидӣ майл дошта, натиҷаи он фаъолияти созишкоронаи ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ мебошад. Мушкилие, ки дар ин самт ба вуҷуд омад ин масъалаи муносибати ҳизби динӣ ба ҳокимият ва равандҳои дар он гузаранда буд, ки дар натиҷа ба поймол

[62] Идиев Х.У. Тоҷикистон дар масири тағйироти иҷтимоӣ.- Душанбе, 2016.- С.80

намудани меъёрҳои конститутсионӣ оварда расонида, низоми мавҷудаи бисёрҳизбии кишварро халалдор намуд.

Моддаи 8 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи Конститутсия ва қонунҳо таъсис меёбанд ва амал мекунанд. Таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё бо роҳи бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст. Ин муқаррароти конститутсионӣ тақозо менамояд, ки ҳар як ҳизби сиёсӣ барнома ва ойинномаи худро тибқи ин меъёр таҳия намуда, дар фаъолияти худ аз он сарфи назар накунад. Лозим ба ёдоварист, ки шаклҳои ҳуқуқии ҳамкории ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар субъектҳои системаи сиёсӣ бо давлат ҷанбаҳои махсус дошта, доираи ҳамкориҳо, пеш аз ҳама, бояд бо назардошти манфиатҳои умумидавлатӣ ва умумимиллӣ муайян карда шаванд.

Дар баробари ин ба инобат гирифтан зарур аст, ки озодиҳои муайяннамудаи демократия дар ягон кишвари дунё хусусияти мутлақ надошта, дар ҳама ҳолат бояд манфиатҳои аксарият ҳимоя карда шаванд.

Ин нишондиҳандаҳо ҷанбаҳои фарққунандаи режими демократӣ буда, нишон медиҳад, ки ҳуқуқу манфиатҳои инсон ва шаҳрванд, тартиботи ҳуқуқӣ ва амнияти ҷомеа, идоракунии он фақат дар заминаи қонун амалӣ гашта, амалан демократия бо маънии “диктатураи” қонун фаҳмида мешавад.

Маҳз аз ҳамин сабаб фаъолияти тамоми мақомоти давлатӣ дар заминаи меъёрии муайяншуда бояд амалӣ гашта, маҳдуд ва ё поймол намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бояд роҳ дода нашаванд.Салоҳият ва ваколатҳои шохаҳои ҳокимият дар доираи муайяннамудаи қонунгузорӣ бояд риоя шуда, низоми мавҷудаи “мувозинат

ва муқобилият” байни онҳо нигоҳ дошта шавад. Мазмуни институтсионалӣ ва функсионалии татбиқи салоҳиятҳои шохаҳои гуногуни ҳокимият ифодакунандаи талаботи сиёсию иҷтимоиест, ки низоми демократӣ ба онҳо пешниҳод менамояд.

Дар ин замина муайян ва мустаҳкам намудани вазъи ҳуқуқии мақомоти давлатӣ ва дигар ниҳодҳои системаи сиёсӣ мебошад.Муҳимияти ин масъала ҳеч гоҳ аз байн намеравад, зеро раванди рушди ҷомеа метавонад ба он тағйиру иловаҳо вобаста ба талаботи пайдошавандаи иҷтимоӣ ворид намояд. Мисоли аниқи ин гуфтаҳо тағйироти дар ин самт ба вуқуъпайваста ба Конститутсияи мамлакат мебошад, гуфтаҳои болоро тақвият мебахшанд. Соли 1994 ҳангоми қабули Конститутсияи аввалини давлати соҳибистиқлол муносибат ба ҳизби хусусияти динидошта вобаста ба вазъи мавҷудаи сиёсӣ, ошкор гардидани нақши бевоситаи ин ҳизб ва омили динӣ дар сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар буд, ки мавҷудияти ҳизби хусусияти динидошта манъ гардида буд. Раванди музокироти тоҷикон, ки натиҷаи муваффақонаи он имзо гаштани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар кишвар буд, ба хотири таъмини ризоияти миллӣ фаъолияти ҳизби динӣ иҷозат дода шуда, тибқи тағйиру иловаҳои ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида аз соли 1999 ҳизби динӣ расман имконияти фаъолият намуданро пайдо намуд. Он замон ин воқеият ҳамчун таҷрибаи нодири фаъолияти ҳизби динӣ дар давлати дунявӣ қабул гардида, аз ҷониби олимону коршиносон мусбӣ баҳогузорӣ карда шуда буд. Масалан, С.Шарипов вобаста ба ин масъала қайд намуда буд, ки “яке аз бахшҳои арзишманди таҷрибаи сулҳи тоҷикон расмият ёфтани фаъолияти ҳизби сиёсии дорои хусусияти динӣ дар шароити давлати дунявӣ ба ҳисоб меравад. Ин навъи муносибат бо неруҳои сиёсии динӣ, ки Тоҷикистон онро пеш гирифта, дар амал татбиқ намудааст, ба як силсила масъалаҳои муҳимтарини раванди бунёди низомҳои давлатии муосир дар ҷомеаҳои мусалмоннишин посухи амалӣ ё моделӣ додааст, ки омӯзиши он метавонад

на танҳо барои кишварҳои минтақа, балки барои аксари ҷомеаҳои мусалмонӣ муфид бошад”[63]. Воқеан ҳам ин таҷрибаи нодир дар раванди сулҳофарӣ ва таъмини фаъолияти озоди ҳизби диние буд, ки боиси ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида шудани кишвар гашта буд.Файласуфи дигари тоҷик Идиев Х.У. дар муносибат ба масъалаи таъсири арзишҳои динӣ ба афкори ҷомеа дахл намуда менависад, ки “Дар амалияи ҷомеасозии муосир камтар мушоҳида шудааст, ки созиши моделҳои пешниҳоднамудаи онҳо ба чигунагии дурнамои тарзи ташкили ҳаёти ҷамъиятӣ бо ҳамдигар бидуни мушкилот ба даст омада бошад”[64]. Дар робита ба ин, раванди рушди ҷомеа нишон дод, ки ин ҳизб ҳаргиз аз мақсадҳои худ дар самти тағйир додани сохти конститутсионӣ, шакли идораи ҷумҳурӣ, моҳияти демократӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат даст накашидааст, ҳарчанд ин меъёр дар моддаи 100-уми Конститутсияи мамлакат дарҷ гардида буд.

Масъалаи дигари таҳкимбахшандаи равандҳои демократӣ дар кишвар ин фаъолияти парлумони дупалатагӣ мебошад, ки баъди ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия 26 сентябри соли 1999 ба фаъолият шурӯъ намуд. Тибқи муқаррароти моддаи 48 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси Олӣ – парламенти Ҷумхурии Тоҷикистон – мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузорӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ин тағйироти моҳиятан калидӣ дар сохтори давлатӣ ба ҳисоб рафта баҳри фаъол гардонидани нақши ин шохаи давлатӣ дар ҳаёти ҷомеа, таъмини иштироки бевосита ва бавоситаи мардум дар идоракунии ҳокимияти давлатӣ, таъмини робитаи зичи байни омма ва мақомоти давлатӣ, ба сатҳи сифатан нав баровардани раванди қабули қонунҳо ва мустаҳкам намудани заминаи меъёрии ҳуқуқии рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа муҳим мебошад.

Муқаррароти конститутсионӣ муҳлати ваколати вакилони Маҷлиси намояндагон ва узви Маҷлиси миллиро 5 сол муайян намуда, тартиби

[63] Ниг.: Шарипов С.И. Перспектива развития и проблемы мусульманского мира// Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. Паёми Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2007, №2(15).- С.24.
[64] Идиев Х.У. Тоҷикистон дар масири тағйироти иҷтимоӣ.- Душанбе, 2016.- С.68.

баргузории интихоботро ба ҳарду палата дар алоҳидагӣ муқаррар намудааст. Мутобиқи моддаи 49 Конститутсия "Интихоботи Маҷлиси намояндагон ба таври умумӣ, баробар мустақим ва бо овоздиҳии пинҳонӣ сурат мегирад". Интихоби узви Маҷлиси миллӣ бошад, ба таври ғайримустақим дар маҷлисҳои якҷояи вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои он вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои онҳо, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (якҷоя) бо овоздиҳии пинҳонӣ интихоб мегардад. Аз чор як ҳиссаи аъзои Маҷлиси миллиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин мекунад.[65] Яъне таҳлили назариявии раванди мазкур нишон медиҳад, ки принсипи демократии интихоби бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ дар ин ҳолат ба пуррагӣ риоя гардида, дар раванди баргузории интихобот дар кишвар ҳам системаи мажоритарӣ ва ҳам пропорционалӣ, яъне низоми омехтаи интихоботӣ татбиқ мегардад. Вобаста ба шакли фаъолияти онҳо бошад қайд кардан зарур аст, ки Маҷлиси намояндагон доимоамалкунандаи касбӣ буда, Маҷлиси миллӣ даъватӣ фаъолият мекунад. Парламентаризми тоҷик новобаста ба ҷавонии худ тавонистааст дар таҳкими фазои ягонаи ҳуқуқии кишвар саҳми муносиб гузошта, рисолати таърихии ба дӯш гирифтаи худро бо сарбаландӣ иҷро намояд. Маҷлиси намояндагон ҳамчун палатаи доимоамалкунандаю касбӣ, ҳамчун шохаи ҳокимияти қонунбарор ва намояндагӣ тавонистааст мавқеи сазоворро дар ҷомеа соҳиб гашта, дар таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ, рушди босуботи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию маънавии мамлакат саҳми муносиби худро гузошта бошад. Таҳлили фазои ҳуқуқии кишвар бори дигар собит месозад, ки парлумони тоҷик марҳила ба марҳила таҷрибаи қонунгузории худро сайқал дода, имрӯз тавонистааст низоми мукаммали ҳуқуқиеро дар кишвар ташкил намояд, ки он ҷавобгӯ ба меъёрҳои байналмилалист. Маҳз тавассути чунин низоми ҳуқуқӣ мо имконият пайдо намуда истодаем, ки озодона ба фазои иқтисоди ҷаҳонӣ ворид

[65] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, 2016.- С.26.

гардида, бад-ин васила пешрафти иқтисодию иҷтимоии мамлакатамонро таъмин намоем.

Дар ҷомеаи демократӣ мақомоти худидоракунии маҳаллӣ накш ва мақоми махсус дорад. Демократия ҳамчун шакли идораи давлатӣ муқобили мутамарказонии мутлақи ҳокимият ва дар ин замина маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд буда, тақсимоти ҳокимият на танҳо ба таври амудӣ, балки ба таври уфуқӣ низ гузаронида мешавад. Намунаи барҷастаи чунин тақсимот вогузор намудани баъзе ваколатҳои мақомоти марказӣ ба мақомоти маҳаллӣ мебошад, ки мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот намунаи аниқи он мебошад.[66]

Моддаи 78 Конститутсия муқаррар намудааст, ки "Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҷамоат аст, ки тартиби ташкил, ваколат ва фаъолияти онро қонун танзим менамояд"[67]. Такмили заминаҳои ташаккул ва фаъолияти худидоракунии маҳаллӣ ҳамчун сатҳи ба аҳолӣ нисбатан наздики ҳокимият баҳри устувории дигаргуниҳои демократӣ дар ҷомеаи тағйирпазир аҳамияти муҳим дорад. "Худидоракунии маҳаллӣ яке аз асосҳои сохтори конститутсиониро дар давлати ҳуқуқбунёд муайян намуда, баҳри демократикунонии дастгоҳи идоракунӣ , ҳалли масъалаҳои хусусияти маҳаллидошта шароит фароҳам меоварад "[68]. Аз ин нуқтаи назар, худидоракунии маҳаллӣ ҳамчун шакли ҳокимияти давлатӣ баҳри устувор гардонидани робитаҳои иҷтимоӣ, таъмини тамомияти муносибатҳои сиёсӣ ва фаъолияти самараноки тамоми системаи сиёсӣ мусоидат менамояд. Вобаста ба аҳамияти худидоракунии маҳаллӣ дар раванди демократикунонии ҷомеа олими рус Тавадов М.Ю. менависад, ки "Худидоракунии маҳаллӣ зуҳуроти объективии ҳаёти ҷомеа буда, ҳамзамон яке аз шаклҳои худташаккулёбии он мебошад. Давлат ҳам ба мисли худидоракунии маҳаллӣ аз рӯйи табиати худ ниҳоди иҷтимоӣ

---

[66] Хидирова М.У. Политическая власть.- Душанбе,2011.- С.91.
[67] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, 2016.- С.52
[68] *Зотова З.М.* Власть и общество: проблемы взаимодействия / Под общей редакцией С.А. Попова.- М., 2001.- С.144.

буда, як шакли худташаккулёбии ҷомеа аст”[69]. Вобаста ба ин қайд намудан зарур аст, ки фарқияти байни ин ду ниҳоди иҷтимоӣ дар мураккабии сохтор ва мавқеашон дар системаи сиёсии ҷомеа мебошад. Вале ба ин ҳама нигоҳ накарда, дар самти тавсифи худташаккулёбӣ ҳар ду ниҳод ҳам дорои хосиятҳои ба ҳам монанд мебошанд.

Тавсифи равандҳои демократӣ бе таҳлили ҷараёни ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ нопурра мемонад, зеро ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун инъикосгари фаъолияти давлат ва сохторҳои давлатӣ вазъи воқеии рушди асосҳои демократияро дар ин ё он давлат маънидод менамояд. Аз ин нуқтаи назар ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон як қатор хусусиятҳои худро дошта, ифодагари моҳияти сиёсати давлат дар самти таъмини озодиҳои шаҳрвандон, ҳуқуқҳои онҳо дар самти муттаҳидшавӣ баҳри ифодаи манфиатҳои умумӣ, кӯшиши онҳо баҳри иштирок дар идоракунии ҳокимияти сиёсӣ ва ҳалли масъалаҳои хусусияти иҷтимоидошта мебошад.

Яке аз дастовардҳои муҳиме, ки имрӯз ҷомеаи мо дорад, ин мавҷудияти платформаи гуфтугӯ байни ҳизбу ҳаракатҳои гуногун мебошад, ки дар шакли Шӯрои ҷамъиятӣ имрӯзҳо фаъолият намуда истодаанд. Шароити таърихие, ки ташаккули ин ниҳоди муҳимми ҷамъиятиро ба миён овард, аз он далолат мекунад, ки фарҳанги созиш ва ҳамкории байни ниҳодҳои гуногун мавҷуд буда, аксарияти онҳо вобаста ба масъалаҳои стратегии рушди давлатдорӣ муттаҳид мебошанд. Дар мурочиатномаи худ аз 20 июни соли 1997, ки дар маҷлиси муассисони ин ҳаракат қабул шуда буд, қайд гардидааст, ки “ Мо, намояндагони интихобкардаи халқ аз шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон дар Душанбе дар маҷлиси муассисони Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Точикистон бо мақсади мусоидат ба барқарории сулҳ, мустаҳкам намудани тамомияти арзии Ватан, таҳкими ҳамдилӣ ва ваҳдати ҳамватанон, соҳибистиқлолии Тоҷикистон, бунёди ҷомеаи демократию дунявӣ ва ҳуқуқбунёд ҷамъ

[69] Каверзин М.Ю. Государство и местное самоуправление: проблемы взаимодействия // *Вестник Российского университета дружбы народов.* Сер.: Политология. 2003.- № 4. - С. 13-19.

омада, неруи созандаи ҳама ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои эҷодӣ, ташкилотҳои динӣ ва шахсони алоҳидаро ба маҷрои ягонаи бозсозии кишвар равона мекунем”[70].

Лозим ба ёдоварист, ки таъсиси ниҳодҳои демократӣ яке аз принсипҳои асосии бунёди демократия ба шумор рафта, бо ин васила механизми ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо дигар ниҳодҳо таъмин гашта, ширкати фаъоли ҷомеа дар равандҳои сиёсии ҳаёти ҷомеа таъмин карда мешавад. Дар робита ба Шӯрои ҷамъиятӣ метавон гуфт, ки ҳадафи муайяннамудаи ин ниҳоди ҷамъиятӣ, ки дар сафҳои худ даҳҳо ҳизбу ташкилотҳо дигарро ҷалб намуда буд, намунаи воқеии муттаҳидии ҷомеа атрофи сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати мамлакат дар масъалаи ҳалли вазифаи стратегӣ ва ҳаётан муҳими давлатдорӣ буд.

Худи талаботи иҷтимоии ҷомеа ба ҳамзистӣ ва фаъолияти дастаҷамъонаи ҳизбу ҳаракатҳои гуногун нишонаи ташаккули фарҳанги сиёсии демократӣ мебошад, ки ба пазироии гуногунандешӣ ва ҳамкорӣ, ташаккули қоидаҳои сиёсию ҳуқуқии рафтори иштирокчиёни раванди сиёсӣ, амалӣ намудани ин қоидаҳо дар ҳолатҳои зарурии амалӣ ва назорати қонунӣ амалӣ намудани ин қоидаҳо асос ёфтааст.

Нишондиҳандаи мусбии ин раванд дар он аст, ки дар заминаи рушди муносибатҳои давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷанбаҳои рафтории муносибат дар ин самт ташаккул ёфтаанд. Ҷанбаҳои рафторӣ масъалаҳои муносибат, ҳамкорӣ, имиҷ ва усули корбариро дар бар гирифта, дар шароити кунунӣ дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

- муносибатҳои муносиб байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки баҳри рушди равандҳои иҷтимоӣ муфид мебошанд;
- мавҷудияти принсипҳои ҳамкории иҷтимоӣ, ки майдони фарохи фаъолияти ҳамоҳангро ба вуҷуд меорад;

[70]Движение национального единства и возрождения Таджикистана. - Душанбе.:«Шарқи озод», 1997.- С.56

- афзалияти ҳадафҳои стратегии умумӣ, ки дар шакли нигоҳ доштани таҳаммулпазирӣ, сулҳ, созиш ва якдилии иҷтимоӣ зоҳир шуда, заминаи устувор баҳри таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ мегардад;

- шаффофияти фаъолияти ҳам давлат ва ҳам ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки боиси устувор гаштани боварӣ байни онҳо мегардад;

- мусоидат ба имкониятҳои баробар барои тамоми ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати татбиқи мақсадҳои худ;

- мусоидат баҳри ҷалби ҳарчи бештари шаҳрвандон ба фаъолияти ҷамъиятӣ, ки баҳри ташаккули эҳсос ва масъулияти шаҳрвандӣ дар онҳо мусоидат мекунад.[71]

Дар робита ба масъалаи зикршуда қайд намудан лозим аст, ки давлат доимо ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ манфиатдор аст, зеро тавассути онҳо масъалаҳои гуногуни давлатию ҷамъиятиро ҳал намудан мумкин аст. Айни ҳол дар Тоҷикистон хашт ҳизби сиёсӣ ва зиёда аз 2400 созмону ташкилотҳои ҷамъиятӣ фаъолият намуда истодаанд, ки бозгуйи воқеяти рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишвар мебошанд. Дар баробари ташкилоту созмонҳои ғайридавлатӣ 270 рӯзномаю маҷаллаи хусусию ҷамъиятӣ, 28 шабакаи радиотелевизионии хусусӣ ва 9 агентии иттилоотии ғайриҳукуматӣ фаъолият намуда истодаанд, ки ифодаи воқеии устуворгардии демократия дар кишвар мебошанд.

Барои ташаккул ва фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар асиси Конститутсия имрӯз дар кишвар тамоми шароити зарурӣ муҳайё буда, эътирофи ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва динию фарҳангии ҳар шахс ҷузъи таркибии сиёсати пешгирифтаи давлат буда, онҳо пайваста такмил дода мешаванд.[72]

Бо дарназардошти ҷараёни кунунии равандҳои демократӣ дар кишвар ва дастовардҳои демократия дар ҷаҳони муосир қайд намудан лозим аст,ки:

---

[71] Хидирова М.У. Политическая власть.- Душанбе, 2011.- С.87.
[72] Маҳмудзода М. Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ.- Душанбе, 2017.- С.184.

- яке аз принсипҳои асосии демократия, ки таъмини иштироки аксариятро дар идоракунии давлат тақозо мекунад, имрӯз дар кишвар ба пуррагӣ таъмин гашта истодааст;

- саҳми парлумон дар қабули қарорҳо ва муайян намудани самти рушди иқтисодию иҷтимоӣ тавассути муҳайё намудани заминаи меъёрию ҳуқуқӣ фаъол гашта, принсипҳои иштироки озод ва ихтиёрӣ дар интихобот ба пуррагӣ таъмин гашта, сатҳи маърифати сиёсии мардум вобаста ба интихоб кардану интихоб шудан ба мақомоти гуногуни намояндагӣ боло рафта истодааст;

- муқаррароти конститутсионӣ дар бораи арзиши олӣ эътироф намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки яке аз муҳимтарин арзишҳои демократия ба ҳисоб меравайд, дар кишвар амалӣ гашта, баҳри таъмини волоияти онҳо тамоми чораҳо андешида мешаванд;

- баробарҳуқуқии шаҳрвандон, новобаста ба мансубияти ҷинсӣ, динӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, сатҳи иҷтимоӣ ва нуқтаи назари сиёсӣ, ки яке аз ченакҳои муосири демократия маҳсуб меёбад, принсипи асосӣ дар қонунгузорӣ ва фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба шумор рафта баҳри таъмини он давлат мунтазам чораҳои амалӣ меандешад;

- нишонаи муҳими демократия таъмини принсипи тақсимоти ҳокимият ба шахаҳои мустақили қонунгузор, иҷроия ва судӣ мебошад, ки дар ин замина фаъолияти самараноки онҳо таъмин гашта, ҳар сеяшон дар раванди татбиқи сиёсати давлатӣ ҳамкорӣ менамоянд;

- озодии андеша ва баён яке аз принсипҳои асосии демократия ба ҳисоб рафта, дар ин раванд баҳодиҳии фаъолияти мақомоти давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар ниҳодҳои ҷамъиятӣ низ сурат мегирад. Озодандешӣ ва озодбаёнӣ, ки онро моддаи 29 Конститутсия муқаррар намудааст, ба шаҳрванд озодии сухан, нашр ва ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахборро ҳуқуқ медиҳад. Ин меъёр баҳри дастрасии шахс ба иттилоот, ташаккули афори мустақили ӯ вобаста ба ин ё он раванди сиёсии дар кишвар ҷараёндошта, фаъолияти дигар субъектони сиёсат

мусоидат намуда, баҳри фаъолгардонии мавқеи шахс дар равандҳои сиёсии ҷомеа мусоидат менамояд;

- воситаҳои ахбори омма (ВАО) ҳамчун шохаи чоруми ҳокимият фаъолият намуда, дар раванди демократикунонии ҳаёти ҷомеа нақши муассир гузошта истода истодаанд. Конститутсияи кишвар сензураи давлатӣ ва таъқиб барои танқидро манъ намуда, баҳри фаъолияти ВАО дар кишвар тамоми шароитҳоро фароҳам овардааст. Дар баробари ин "таблиғот ва ташвиқоте, ки бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва забониро бармеангезанд, манъ аст"[73]. Фаъолияти садҳо нашрияҳо ва воситаҳои дигари электронии ахбори омма дар кишвар, ки ҳам давлатӣ ва ҳам ғайридавлатӣ мебошанд, имконияти фарохи баёни озоди андеша ва афкорро баҳри тамоми ҷомеа фароҳам оварда, баҳри боло бурдани фарҳанги шинохти арзишҳои демократӣ нақши босазо гузошта истодаанд. Дар баробари ин ВАО низ вазифадор карда шудааст, ки масъулиятро барои паҳн намудани ахбори дидаю дониста бардурӯғ, носаҳеҳ ва нодуруст ба уҳда гирад. Ин принсип масъулияти дутарафаи ҳам ВАО ва ҳам ҳокимиятро баҳри эҳтиром ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои якдигар баланд мебардорад;

- дар низоми демократӣ таъмини озодонаи фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ яке аз меъёрҳои асосӣ ба ҳисоб рафта, тавассути онҳо муайян ва ҳифз намудани манфиатҳои гуруҳҳои муайяни иҷтимоӣ аамалӣ карда мешавад. Аз рӯйи ин нишондиҳанда ҳам дар Тоҷикистон раванди рушди демократия хусусияти пешраванда дошта, фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи муайяннамудаи қонунгузории мамлакат ба роҳ монда шудааст;

- мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар шакли ниҳоди давлатӣ фаъолият намуда, заминаҳои амалӣ намудани ваколатҳои онҳо вобаста ба таъмини робитаи зичи давлат ва ҷомеа, таъмини иштироки ҷомеаҳо дар раванди амалисозии барнома ва ҳадафҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии давлат нақши зарурии худро гузошта истодаанд. Ҳамчун ниҳоди

---

[73] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, 2016.- С.16

амаликунандаи принсипи демократӣ дар бораи таъмини иштироки васеи мардум дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ, ташаккули мустақилият ва ташаббуси шаҳрвандӣ дар оммаи мардум ва боло бурдани масъулияти онҳо баҳри ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ мақомоти худидоракунии маҳаллӣ аллакай соҳиби таҷрибаи хуби иҷтимоӣ гаштааст.

## 2.3. Аҳамияти функсионалии давлат дар такмили муносибатҳои сиёсӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ

Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки давлат ҳамчун шакли ташкилии ҳокимияти сиёсӣ дар танзими фаъолияти дигар институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ тавассути режими муайяннамудаи идоракунии худ нақши муҳим дорад. Худи давлат як ҷузъи системаи сиёсӣ ба шумор меравад, дар баробари ин аз ваколатҳо ва салоҳиятҳои бештар дар доираи ин низом бархӯрдор мебошад. Дар робита ба ин дар китоби "Муколамаи давлат ва дин дар Тоҷикистон"[74] омадааст, ки "Давлат намояндаи сиёсии ҷомеа шаҳрвандӣ аст. Он тамоми ҷомеаро идора мекунад. Дуюм, давлат дорои дастгоҳи (мақомоти давлатӣ) худ аст. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ нисбат ба аҳолӣ дар ҷомеа ваколатҳои ҳокимиятиро истифода мебарад. Сеюм, мансубияти ҳудуд ва марз аст".

Дар баробари ин зикр намудан ба маврид аст, ки давлат ҳар қадар муқтадир бошад ҳам, раванди тағйирпазирӣ дар он бояд мутассил давом кунад, зеро талаботҳои иҷтимоӣ доимо аз нав пайдо мешаванд ва дар шаклу намудҳои нав зуҳур меёбанд. Маҳз мавҷудияти талаботҳои зикргардида зарурати тағйирпазирии доимии давлатро пеш меоранд. Вобаста ба зарурати такмил ва тағйироти иҷтимоӣ дар ҷомеа Идиев Х. қайд мекунад, ки "Ҳастии ҷомеа ҳамеша хусусияти таърихӣ дорад, зеро он пайваста ба ҳоли ҳаракати таърихӣ қарор дошта, дар масири дигаргун сохтани худ, аъзояш, муҳиташ ва соири ҷузъҳояш низ дигаргун мешаванд.Тамоми ҷомеаҳо чи ба сурати ногаҳонӣ ва чи ба гунае ором ё номаҳсус ҳар рӯз тағйиротеро, ки мумкин аст бо гузаштагон камубеш ҳамоҳангӣ дошта бошанд, аз сар мегузаронанд"[75]. Яъне ба ақидаи файласуфи тоҷик раванди тағйирпазирии иҷтимоӣ қонунияти маъмулии мавҷудият ва рушди ҷомеаҳо буда, дар шаклҳои гуногун онҳо метавонанд зуҳур намоянд. Дар ин масир, ба ақидаи мо, усулҳо,

---

[74] Ализода Б.П., Абдухолиқов А.М., Искандаров Қ.И., Ниёзов А.С., Нуриддинов. Муколамаи давлат ва дин дар Тоҷикистон.- Душанбе, 2010.- С.15.

[75] Идиев Х.У. Тоҷикистон дар масири тағйироти иҷтимоӣ.- Душанбе, 2016.- С.21.

механизмҳо ва шаклҳои ба амалбарории ин тағйиротҳо аҳамияти зарурӣ дошта, дар кадом самт татбиқ шуданашон бояд то дараҷае идорашаванда бошад.

Омӯзиши таърихи давлатҳо исботи он аст, ки қудратҳои сиёсӣ давраҳои муайяни мавҷудияти худро аз назари қонунияти ҳар як ҳодисаи иҷтимоӣ ва табиӣ дар пайдоиш, инкишоф ва нузулёбӣ паси сар кардаанд. Чунин сурат гирифтани инкишофи давлатҳо зинаҳои лаппишмонанди инкишофи таърихро мемонад, ки марказҳои тамаддун ва тараққии ҷомеаро аз як минтақа ба минтақаи дигар мекӯчонд.[76] Ин гуфтаҳо шаҳодат аз он медиҳанд, ки воқеан ҳам, раванди рушди ҷомеаҳо бо тағйирпазириҳои сохторию институтсионалӣ дучор омада, дар ҳолатҳои муайян соҳиби қудрати зиёдтар ва ё баръакс боиси аз даст додани қудрат мегарданд. Аз ин нуқтаи назар тағйирпазирии давлатро метавон ҳамчун раванди маъмулӣ маънидод намуда, қонуниятҳои онро дар доираи муқарраршуда ва санҷидашудаи муносибатҳои мавҷуда ва нав ташаккулёбанда бояд роҳандозӣ намуд. Чунин тағйирпазирии муносибатҳо дар иҷрои вазифаҳои функсионалии давлат низ нақши босазо дошта, бахри дар сатҳи зарурӣ амалӣ гаштани онҳо мусоидат карда метавонад. Дар баробари ин ба инобат гирифтан зарур аст, ки қонуниятҳои вобаста ба идоракунӣ, хусусиятҳо онҳо дар муносибат ба шароити мушаххаси таърихию сиёсӣ, ташкили ҷараёни дурусти роҳандозии онҳо зарур буда, ба он ҳам омилҳои объективӣ ва ҳам омилҳои субъективӣ метавонанд таъсиргузор бошанд. Вобаста ба ҳолати зикргардида дар шароити Тоҷикистон метавон қайд намуд, ки иҷрои вазифаҳои функсионалӣ аз ҷониби давлат дар марҳилаҳои аввали соҳибистиқлолӣ муваффақона набуданд, ки боиси сар задани бенизомӣ дар муносибати байни давлат ва ҷомеа, пайдоши хатарии нестии давлат гашт.

---

[76] Холиқзода А.Ғ. Назарияи идоракунии шарқӣ (дар афкори мутафаккирони форс-тоҷик). - Душанбе, 2017.- С.11.

Раззоқов Б.Х. қайд мекунад, ки “Ҷанги шаҳрвандӣ ва раванди ваҳдати миллӣ нақши худро дар ташаккули системаи сиёсии Тоҷикистон гузоштаанд. Дар замони ҳозира системаи сиёсии дорои хусусиятҳои хоси худ, ба монанди ҳокимияти пурқуввати президентӣ, теъдоди нисбатан зиёди ҳизбҳои сиёсӣ, оппозитсияи заиф ташаккул ёфтааст. Амалан гуфтан мумкин аст, ки давлати дорои низоми демократӣ, ки дар Конститутсия муқаррар гаштааст, ниҳоди устувори президентӣ бо маҷмӯи василаҳои таъмини суботи иҷтимоӣ дар ҷомеа ташаккул ёфтаанд”[77]. Вале ин ҳама наметавонад бе ба инобат гирифтани талаботи зуҳурёбандаи иҷтимоӣ фаъолияти самаранок дошта бошад. Яъне хусусияти қолабӣ дар муносибатҳои иҷтимоӣ боиси пайдоиши рукуди сиёсӣ шуда метавонад.

Таҳлили раванди тағйирпазирии системаи сиёсӣ нишон медиҳад, ки давлат дорои имконият ва захираҳои махсус, аз қабили системаҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва арзишӣ, дин ва фарҳанг буда, қодир аст онҳоро барои нигоҳ доштани қудрати идоракунии худ истифода барад. Дар ҷомеаҳои дорои суботи демократӣ робитаи функсионалӣ байни давлат ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ на танҳо тавассути чораҳои сиёсии таъсиррасон, балки ба воситаи меъёрҳои умумипазируфтаи ахлоқӣ ва фарҳангӣ низ устувор буда метавонад. Ин раванд метавонад баҳри ташаккули мустақилият ва қобилияти худтанзимнамоии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат намуда, самаранокии фаъолияти онҳоро таъмин намояд.

Масъалаи тағйирпазирии системаи сиёсӣ, ки на танҳо барои кишвари мо, балки қариб барои тамоми кишварҳои пасошӯравӣ муҳим мебошад, мавзӯи омӯзиш ва баҳси доираҳои васеи илмӣ дар ин фазо мебошад. Аз он ҷумла, дар робита ба тағйирпазирии иҷтимоӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон Идиев Х.У. қайд менамояд, ки “Аслан таҳаввули иҷтимоиро иборат аз маҷмӯи тағйиротҳое медонанд, ки дар тӯли як

[77] Раззоков Б.Х. Проблемы, теории и практики организации исполнительной власти Республики Таджикистан./Дис.док.юрид.наук. - М., 2014.- С.14.

давраи тӯлонӣ дар ҷомеа ба амал меоянд. Бинобар ҳамин ҳам равандҳои марбут ба таҳаввули иҷтимоиро наметавон дар як муддати кӯтоҳ мушоҳида намуда ё ба қайд гирифт. Тағйироти иҷтимоӣ на танҳо марбути даврони тӯлонӣ, балки аз падидаҳои дар муддати замони кӯтоҳ баррасишавандае ҳам иборатанд, ки ҳар фард метавонад дар тӯли ҳаёти худ онҳоро мушоҳида кунад. Илова бар ин, тағйироти иҷтимоӣ метавонад дар доира ва сатҳу муҳити маҳдуд (сиёсӣ, ҷуғрофӣ) низ ба амал ояд, вале таҳаввули иҷтимоӣ дар доираи фарохтар ва густурдатар татбиқ мегардад”[78]. Ба ақидаи Идиев Х.У. мафҳумҳои “таҳаввули иҷтимоӣ” ва “тағйироти иҷтимоӣ” аз якдигар бо фарогирии сатҳ ва муддати амалишавиашон фарқ мекунанд. Ин бори дигар аз он дарак медиҳад, ки тағйироти иҷтимоӣ дар раванди таҳаввулоти иҷтимоӣ ҳамчун ҷузъи раванди том фаҳмида шуда, решаи мафҳуми “тағйир" ё “тағир” маънои аз байн рафтани яке ва ҷойгузин шудани дигареро дорад, ки метавонад тадриҷӣ, яку якбора ва дафъӣ гузарад.[79]

Вобаста ба хусусият ва аҳамияти тағйирпазирии иҷтимоӣ Хидирова М.У. қайд мекунад, ки “Сохтори иҷтимоии ҷомеа дар раванди рушди худ дигаргуниҳои гуногунро паси сар мекунад, ки бевосита таъсири худро ба раванди идоракунии ҷомеа низ мерасонад” [80]. Аз ин ҷо, хулоса баровардан лозим аст, ки раванди тағйирпазирии ҷомеа ба дигаргунии муносибатҳо байни субъектҳои сиёсат низ дахл намуда, такмили раванди идоракунии онҳо василаи самарабахши таъмини тағйирпазирии иҷтимоӣ дар ҷомеа мебошад. Ё худ муаллиф дар ҷараёни татбиқи тағйироти иҷтимоӣ масъалаи идоракуниро яке аз омилҳои муҳим медонад.

Дар баробари ин қайд намудан бамаврид аст, ки тағйиротҳои иҷтимоӣ, ки раванди маъмулӣ дар рушди дилхоҳ ҷомеа мебошанд, муҳаррики таъминкунандаи инкишофи онҳо низ маҳсуб меёбанд.

---

[78] Идиев Х.У. Тоҷикистон дар масири тағйири иҷтимоӣ. -Душанбе, 2016.- С.14..
[79] Ниг.: Асари номбаршуда.- С.14
[80] Хидирова М.У. Институт лидерства в контексте трансформационного общества. - Душанбе,2008.- С.113.

Вобаста ба ин давлат бояд доимо ва дар ҳама ҳолат василаҳои таъсиррасон баҳри идораи дурусти ин тағйиротҳоро дошта бошад. Маҳз аз ҳамин сабаб аҳамияти функсионалии давлат дар тағйирпазирии муносибатҳои сиёсӣ дар ҷомеа муҳим мебошад.

Муносибатҳои сиёсӣ ҳамчун зуҳуроти фарогирандаи тамоми қишрҳои иҷтимоӣ, гурӯҳҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ, гурӯҳҳои миллию этникӣ ва миллатҳои том, давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар ҷузъҳои системаи сиёсии ҷомеаро дар бар гирифта, ифодакунандаи сатҳи шуур ва фарҳанги сиёсии ҷомеа дар маҷмӯъ мебошанд.

Ҷомеаи демократии муосир манфиатҳои ҷамъиятиеро, ки ифодагари манофеи умумӣ мебошанд, дар худ муттаҳид намуда, созиш ва ҳамкории онҳоро таъмин менамояд. Табиати иҷтимоии давлат тақозо менамояд, ки он дар робита бо дигар ҷузъҳои низоми сиёсӣ қарор дошта бошад.

Муносибатҳои сиёсӣ дар ҷаҳони муосир, ки хусусиятҳои хоси худро дошта, таҳавуллоти дар он падидоянда фарогири тамоми ҷанбаҳои муносибатҳои инсонӣ мебошанд (на танҳо сиёсӣ), тақозо менамоянд, ки давлат ҳамчун институти ба танзимдорорандаи ҳамаи ин муносибатҳо бояд ин вижагиҳоро ба инобат гирад. Аз он ҷумла, ба инобат гирифтани омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ ҳамчун ҷузъи таркибии муносибатҳои сиёсӣ, ки имрӯз онҳоро нодида гирифта намешавад, ба мазмун ва моҳияти ин раванд таъсири бевосита расонида истодааст.

Зуҳуроту ҳодисоти хусусияти сиёсӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва иттилоотию демографидошта аз он шаҳодат медиҳанд, ки ин омилҳо аҳамияти махсуси захиравӣ пайдо намуда, дар баамалбарории ҳокимияти сиёсӣ ва функсияҳои давлат ба таври амиқ таъсиргузор гашта истодаанд. Тағйирпазирии арзишҳое, ки зери таъсири равандҳои глобализатсионӣ гузашта истодаанд, башаклдарории меъёрҳо ва қоидаҳои нави рафторро тақозо менамоянд. Таҳаввулоти омилҳои

иҷтимоию фарҳангӣ қувваи танзимкунанда ва роҳнамоикунанда баҳри рушди минбаъда гашта истодаанд.[81]

Мавқеъгириҳои арзишӣ ҳамчун танзимкунандаи рафтори иҷтимоии субъектҳо дар ҷомеа омӯхта шуда, онҳо ҳангоми бархӯрди талаботҳо ба низоми томи иҷтимоӣ, мавҷудияти шароитҳои умумии иҷтимоӣ баҳри фаъолияти инсон ба вуҷуд меоянд, ки хусусиятҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии муҳитеро, ки дар он субъекти иҷтимоӣ зиндагӣ дорад, дар бар мегиранд.[82] Вобаста ба ин хулоса баровардан мумкин аст, ки тамоюлҳои арзишӣ бевосита ифодакунандаи талаботҳои иҷтимоии субъектҳои сиёст буда, ин зуҳурот майли онҳоро ба суйи тағйирпазирӣ муайян мекунад. Чуноне, ки Г.Гегел қайд мекунад, "Амалҳои инсон аз талабот, шавқ ва манфиатҳои онҳо бармеоянд"[83].

Маҳз аз ҳамин сабаб, ҳамчун танзимкунандагони рафтори иҷтимоӣ баҳри ташаккули талаботҳои нав замина фароҳам оварда, тақозо менамоянд, ки давлат ин талаботҳои бамиёнояндаро ба инобат гирифта, баҳри роҳнамоӣ намудан ҷиҳати амалӣ гаштани онҳо замина фароҳам оварад. Муваффақияти вазифаи танзимнамоии давлат ҳам ҳамон вақт таъмин карда мешавад, ки агар сари вақт ҳама омилҳои таъсиррасон ба муҳит ошкор карда шаванд. Яъне вокуниши саривақтии давлат ба ҳама "садоҳое", ки аз муҳит, чи дохилӣ ва чи беруна, мерасанд, омили таҳкими муносибатҳои сиёсӣ дар ҷомеа мегардад.

Вобаста ба ин, таҳлили вазъи воқеии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар марҳилаи кунунӣ дар ҳақиқат ҳам тағйирпазирии иҷтимоие, ки дар худ пеш аз ҳама ҷанбаҳои амиқи иҷтимоию фарҳангӣ доранд, пурзӯр шуда истодаанд. Раванди муосири давлатдорӣ наметавонад дар рушди минбаъдаи худ бе ба инобат гирифтани омилҳои таъсиррасоне, ки рушди технологияҳои иттилоотӣ пеш овардааст, самтҳои минбаъдаи рушди худро муайян намояд. Яъне омезиши арзишҳо, ки босуръат дар ҷаҳон

[81] Хидирзода М.У., Маҳмадалиева Д. Институт лидерства: вопросы обеспечения устойчивости.//Известия Института философии, политологии и права Академии наук РТ. №2, 2017.-С.71.
[82] Сурина И.А. Ценностные ориентации. //Энциклопедия гуманитарных наук. 2005, №4.- С.162
[83] Гегель Г.В. Лекции по философии религии.//Гегель Г. Философия религии. - М., 1977, Т.2.- С.342

идома дорад, ба сифати яке аз вазифаҳои функсионалии давлат вазифаи таъмини ҳамгирой бо ҷомеаи ҷаҳонӣ маҳз дар заминаи арзишҳоро тақозо менамояд. Ба ақидаи Шосаидов С.Н. “Барои марҳилаи имрӯзаи рушди иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон, ки ҳанӯз муҳлати тӯлонии таърихиро тай накардааст, дигаргуниҳои ҷиддии сиёсӣ ва иқтисодӣ хос буда, онҳо ба тамоми самтҳои ҳаёти ҷомеа таъсир расонидаанд. Таҳияи стратегияҳои нави рушди ҷомеаи тозаистиқлоли тоҷик дар заминаи омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, қабл аз ҳама омӯзишу баррасии стратегияҳои рушди инсон аст”[84]. Аз ин нуқтаи назар, захираҳои демографӣ низ дар татбиқи вазифаҳои давлат ҳамчун унсури калидӣ баромад намуда, маҳз идоракунии дурусти онҳо метавонад ҳамчун омили таъсиррасон дар самти ба даст овардани мақсадҳои ниҳоӣ гардад. Зеро омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ дар шароите, ки “омезишу бархӯрди ҷаҳонфаҳмии хоси даврони шӯравӣ ва тарзи нави воқеияти идроки замони соҳибистиқлолӣ ... ногузир ба монеаҳои муайяни объективӣ ва субъективӣ мувоҷеҳ мегардад”[85] Ба ақидаи Бондаренко В.А. «Раванди мутобиқат бо функсияи азнавсозии узвҳо, механизмҳо, коркарди малакаҳои навшуда, одатҳо ва хислатҳо вобаста мебошад, ки ба мутобиқати шахсият ва муҳит мусоидат менамоянд. Раванди мутобиқшавӣ хусусияти духӯра дорад. Дар он имкониятҳои нав ба даст оварда шуда, ҳамзамон имкониятҳои мавҷуда навсозӣ мешаванд. Нигоҳ доштани самаранокии фаъолият дар он вақте ба даст меояд, ки шахс барои одат кардан дар муҳити нав омода бошад. Қобилият ба мутобиқшавӣ на танҳо одат кардан ба вазъи тағирёбанда, балки дар коркарди усулҳои маъмулии рафтор низ инъикос меёбанд, ки имконият медиҳанд мушкилиҳои гуногунҷанба ва баъзан шадидро паси сар намоянд»[86].

[84] Шосаидов С.Ҳ. Омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии идоракунии захираҳои инсонӣ//Идоракунии давлатӣ, Душанбе, 2017, №1(33). С.54.
[85] Ҳамон ҷо.
[86] Бондаренко В.А. Социальная адаптация личности: понятие и сущность.// www.superinf.ru

Бо дарназардошти ин нукта вазифаи функсионалии давлат ҳамчун ҳифзкунанда ва нигоҳдорандаи манфиатҳои миллӣ дар шароити соҳибистиқлолӣ ин нигоҳ доштани асолати миллӣ ва ҳифзи ҳуввияти миллӣ мебошад. Холиқов А.Ғ. қайд мекунад, ки “Агар Тоҷикистон барои мавқеияти сиёсии аввалия ва маркази тамаддуни башарӣ мубориза набарад ҳам, вай имконият дорад ҳамчун давлати дар пояи халқияти қадима, ки аҷдодонашон замоне номбардори давлату давлатдорӣ, илму маърифат ва фарҳанги ҷаҳонӣ буданд, ба сифати давлати пешқадами ҷаҳонӣ аз нигоҳи илмӣ, иқтисодӣ, ва сиёсати давлатдорӣ баромад намуда, саҳми беандозаи худро дар ин самт гузорад”[87]. Яъне таҷрибаи бойи давлатдорӣ ва тамаддуни побарҷо имрӯз ҳам имконият медиҳад бо истифода аз захираҳои мавҷуда бахри таҳкими мавқеи худ дар арсаи байналмилалӣ давлати тоҷикон имконияти бештаре дошта бошад. Барои ноил гаштан ба ин мақсад зарур аст, ки низоми мавҷудаи муносибатҳои сиёсии ҷомеа пайваста такмил дода шуда, бахри ҷавобгӯ буданашон ба талаботи мунтазам тағирёбандаи муосир механизмҳои дохилӣ ва захираҳои экстраксионӣ васеъ истифода шаванд. Бояд қайд намуд, ки арзишҳои миллӣ маҳз ҳамон зуҳурот ва объектҳои моддию ғайримоддие мебошанд, ки дар тули таърих муҳимияти онҳоро миллат эътироф намудааст, тавассути нигоҳдошт ва рушди онҳо пешравии худро таъмин намудааст, дар заминаи онҳо тарзи рузғордорӣ, урфу одат ва анъанаҳои худро нигоҳ доштааст. Маҳз дар ҳамин замина миллат ҳамчун умумияти томи дорои хусусиятҳои умумӣ, тарзи тафаккур ва урфу одат дар ҳудуди таърихии худ пойдор мондааст. Пойдории миллат пойдории давлатдории миллиро заминагузор гаштааст.

Таҳдидҳое, ки ба ин раванд тавассути таҳоҷумҳои иттилоотӣ сурат мегиранд, хусусияти осоишта дошта, аз руйи нишондиҳандаҳои хатарнокӣ аз диди аввал таҳдидовар нестанд. Вале моҳияти муборизаҳои фарҳангӣ ва иттилоотии имрӯза, ки қисми ҷудонашавандаи набардҳои

---

[87] Холиқов А.Ғ.Назарияи идоракунии шарқӣ (дар асоси афкори мутафаккирони форсу тоҷик). - Душанбе,2017.- С.19.

геополитикӣ мебошанд, нишон медиҳанд, ки ин омилҳо ва василаҳои "мулоими" ба даст овардани мақсад аз давлат коркарди стратегияи дарозмуддати мудофиавиро тақозо менамояд. Моҳияти ин стратегия бояд самтҳои зеринро дар бар гирад:

- ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ ва таъмини рушди минбаъдаи онҳо тавассути андешидани чораҳои ҳуқуқию сохторӣ;
- таъмини ваҳдат ва ягонагӣ дар кишвар тавассути густариши минбаъдаи идеяи миллӣ ва татбиқи ғояи "Тоҷикистони соҳибистиқлол –Ватани азизу маҳбуби ҳамаи мо";
- тақвияти чораҳои институтсионалӣ баҳри пешгирии паҳншавии ҳаракатҳои террористӣ ва ифротӣ дар ҷомеа;
- густариши ҳамгироии минтақавӣ бо мақсади таъмини суботу амният дар минтақа.

Ба ақидаи мо, ҳар як давлат бо низоми мавҷудаи муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию сиёсии худ имконияти комили институтсионализатсияи фаъолияти онҳоро дорад, ки дар забони имрӯзаи илми сиёсатшиносӣ он ҳамчун низоми сиёсӣ муаррифӣ гашта, доираи муайяни ниҳодҳои сиёсию иҷтимоӣ ва муносибатҳои дар доираи онҳо амалишавандаро дар бар мегирад, ки дар маҷмуъ ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии давлат, муносибати байни қишрҳои гуногуни ҷомеа, фарҳанг ва шуури сиёсии ҷомеаро фарогир мебошанд. Низоми сиёсӣ дар ин самт метавонад фаъолиятро дар ҷодаи муносибатҳои байнисистемавӣ ва дохилисистемавӣ амалӣ намояд.

Фаъолияти байнисистемавӣ дар марҳилаи кунунӣ, ки ҳамбастагии ҷаҳони муосирро зич гардонда истодааст, бағоят муҳим аст. Воқеияти сиёсии муосир нишон дода истодааст, ки ягон давлат дар алоҳидагӣ ба пуррагӣ наметавонад ин хатарро решакан намояд, зеро доираи паҳншавӣ ва робитаҳои онҳо басо фарох мебошанд. Маҳз аз ҳамин сабаб, ҷаҳони имрӯза терроризму ифротгароиро ҳамчун хатари

умумибашарӣ эътироф намуда, муборизаи дастаҷамъонаро ба муқобили онҳо мувофиқи мақсад мешуморад.[88]

Файласуфи тоҷик Назри Яздон қайд мекунад, ки «Вобастагии сиёсии чандинасра дар шуури мо бадтарин таассубҳоро ҷой кардааст, ки имрӯз барои тараққии миллӣ зарари сахт мерасонанд: ҳам таассуби миллӣ, ҳам таассуби динӣ ва ҳатто таассуби мазҳабӣ…»[89]. Дар робита ба ин метавон қайд намуд, ки қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» як навъ инқилоби иҷтимое маҳсуб меёбад, ки таҳаввулоти ҷиддиро дар мафкура ва зеҳни мардум ба вуҷуд овард. Ин самти фаъолият раванди бениҳоят муҳим буда, онро метавон як навъ инқилоби иҷтимоӣ номид. Чуноне ки олимон маънидод намудаанд, «Инқилобҳои иҷтимоӣ зиддиятҳои сершумореро ҳал мекунанд ва барои пешрафти нерӯҳои истеҳсолӣ замина мекушоянд, ба озодшавии нерӯи инсонӣ мусоидат намуда, оммаҳои халкро ба зинаҳои нави рушд мебардоранд, раванди озодшавии шахсият, рушди маънавӣ ва ахлоқии ӯро ба зинаи навтаре мебардоранд ва ҳамчун инкори диалектикаи сохти пешина аз чизҳои кӯҳна пешқадамтарро нигоҳ медоранд». Вобаста ба ин бояд эътироф намуд, ки дигаргуниҳои иҷтимоӣ, бахусус он таҳаввулоте, ки дар арзишҳо ва меъёрҳои ташаккулёфта ва дар умқи ҷомеа ҷойгирифта мегузарад, сараввал метавонад боиси нофаҳмиҳо ҳам гардад.[90] Вале таҷриба нишон дод, дарки воқеият ва шинохти ҷавҳари анъана ва ҷашну маросимҳо, ки ба тариқи системавӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон амалӣ гашт, гузариши босуботро дар шинохти ва эътирофи арзишҳои нав осон гардонид. Яъне давлат тавонист тавассути ҳадафнок амалӣ намудани вазифаи маърифатии худ бахри ба зинаи сифатан нав баровардани дараҷаи тафаккури мардум, аз қолабҳои асрҳо ташаккулёфта озод намудани онҳо мусоидат намояд. Вобаста ба ин масъала, Маҳмудзода М.

[88] Хидирзода М.У. Роҳҳои пешгирӣ ва муқовимат бо равияҳои ифротӣ// Истиқлолият ва стратегияҳои муваффақ.- Душанбе, 2017.- С.67.
[89] Назри Яздон. Ҳикмати озодандешон.
[90] Ҳидирзода М.У. Асари номбаршуда. С.78.

қайд менамояд, ки “Агар дар доираи муайян давлат ба расму ойинҳо ва анъанҳо бо мақсади хайр даст занад, вай одатан ба муваффақиятҳо ноил мегардад. Яъне давлати адолатпарвар танҳо дар он сурате ба ин кор даст мезанад, ки дин ва ё шакли дигари шуури ҷамъиятӣ бо дуршавӣ аз решаи аслӣ бо дар назари манфиатҳои ҷудогона бидъатҳои мухталифро ҳамчун бори гарон ба сари мардум бор намуда, мардумро аз маънӣ ва мазмуни эътиқод ба шаклпарастию зоҳирбинӣ мубтало мегардонад.[91] Аз ин нуқтаи назар, ба танзим даровардани расму ойинҳо ҷанбаҳои муҳими фарҳангию ҳуқуқӣ ва арзишӣ дошта, баҳри танзим ва нигоҳдошти асолати воқеии онҳо низ нақши босазо дорад.

Вобаста ба ин масъала қайд намудан зарур аст, ки дар замони ҷаҳонишавӣ, дар марҳилае, ки хатари махлутшавии миллатҳои хурд зиёд аст, яке аз вазифаҳои асосии давлат ин муаррифӣ карда тавонистани унсурҳои гуногуни фарҳанги миллӣ мебошад, зеро функсияи фарҳангӣ ва маърифатие, ки бояд давлат ба ҷо оварад, имконият медиҳад, ки фарҳанг на ҳамчун унсури дохилӣ баҳри нигоҳдошти миллат ва ягонагии фарҳангӣ, балки ҳамчун василаи муаррифии миллат ва давлат дар арсаи байналмилалӣ хизмат расонад. Чуноне ки маълум аст, моҳи феврали соли 2010 дар шастумин ҷаласаи роҳбарияти Созмони Милали Муттаҳид ҷашни Наврӯзи мо ҳамчун иди байналмилалӣ эълон гашт. Тавассути амалӣ гаштани ин иқдом мафҳуми “Наврӯз”, ки калимаи тоҷикӣ мебошад, дар тамоми забонҳои олам садо дод ва имрӯзҳо ҳам садо дода истодааст. Вобаста ба ин Пешвои муаззами миллат қайд намудаанд, ки “Ҳамчун ҷашни байналмилалӣ эътироф ва ҷашн гирифтани Наврӯз-ҷашни миллӣ ва суннатии тоҷикон бори дигар мардуми моро ҳамчун миллати фарҳангсоз ва дорои таърих, анъана ва тамаддуни қадима ба ҷаҳониён шиносонид.”[92] Агар паҳншавии дини ислом ба арабҳо имконияти паҳн намудани забони худро дода бошад, пас, хулоса

[91] Маҳмудзода М.Сиёсати ҳуқуқи ва давлати демократӣ.- Душанбе, 2017.- С.470.
[92] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2012.- С.37.

намудан мумкин аст, ки ҷаҳонишавии Наврӯз василаи накӯтарин хислат ва анъанаҳои миллати тоҷикро дар баробари дигар давлатҳои ҳавзаи Наврӯз фароҳам овард. Яъне метавон гуфт, ки паҳншавии ҳудуди арзишҳои миллӣ тавассути василаҳои фарҳангӣ омили муҳим баҳри нигоҳдошти пояҳои давлатдории миллӣ, муқовимати сазовор нишон додан дар фазои муҳорибаҳои фарҳангӣ ва иттилоотии ҷаҳони муосир мебошад. Чуноне ки Ҷонибеки Асрориён қайд мекунад, "Наврӯз маҷмӯи андешаҳо ва мушоҳидаҳои мардум, дониш ва маърифат аст, ки дар замони ҷаҳонишавӣ метавонад, инчунин рисолатро ба анҷом расонад".[93]

Ин амалҳои аз ҷониби давлат амалишаванда ба бедорӣ ва пойдории андешаи миллӣ мусоидат менамояд. Бедории андешаи миллӣ омили муҳими таҳкимбахшандаи фарҳанг, забон ва арзишҳои таърихан ташаккулёфтае мебошанд, ки баҳри муваффақ гаштан дар раванди давлатсозии миллӣ омилҳои муҳим ба шумор рафта, амалҳое дар ин сам амалишаванда ба бедории ҳисси миллӣ, шинохти асолати худ мусоидат менамоянд. Зеро амалия собит намуда истодааст, ки пойдории давлати миллӣ бе таҳкими пояҳои ҳувияти миллӣ аслан номумкин аст. Ин аст, ки пайваста ташвиқ ва дар шуури ҷомеа ҷой намудани ғояҳои ифтихори миллӣ амали зарурӣ ба ҳисоб рафта, он имконият медиҳад то ҳар як шахси ватандор ҳастии худро маҳз ба ҳастии ватану сарзамини аҷдодӣ маҳсуб донанд. Баланд будани рӯҳияи миллӣ омили муҳими таъминкунандаи муваффақият дар раванди давлатсозист. Зеро миллате, ки рӯҳияи баланд надорад, дар рӯ ба рӯйи мушкилиҳои дар ин раванд пешоянда метавонад маъюс гашта, истиқлолияти худро осебпазир гардонад.

Дар хотир гирифтан гирифтан зарур аст, ки яке аз вазифаҳои муҳими давлат дар самти тағйирпазирии муносибатҳои сиёсӣ ин боло бурдани маърифати сиёсии ҷомеа ва муваффақ гардонидани он дар шинохти ғояи сиёсии заруриест, ки метавонад баҳри ба ҳадафҳои

---

[93] Асрориён Ҷ. Дирафши хосаи Наврӯз//Дин ва ҷомеа.- Душанбе,2015. -С.24.

минбаъда расидани давлат мусоидат намояд. Бинобар ин, бо боварӣ метавон гуфт, дар сиёсат бе мавҷудияи ғояи ягонаи муттаҳидкунандаи ҷомеа, ки болотар аз манфиатҳои ҳизбию гурӯҳӣ меистанд, таъмини сафарбаркунии ҷомеа баҳри ба даст овардани мақсади гузошташуда номумкин мебошад. Дар ин ҳолат давлат ҳамчун институти танзимкунанаи муносибатҳо байни субъектҳои гуногуни иҷтимоӣ бояд ба масъалаи ташаккули идеологияи ягона диққати аввалиндараҷа диҳад. Баҳсҳо атрофи масъалаи идеология ва нақши он дар ҷомеа муддатҳои тулонӣ идома дошта, ҳатто дар давраҳои муайян назарияпардозони сиёсӣ ва сиёсатмадорони зинаҳои гуногун назарияҳои "деидеологизатсия"-ро низ пешниҳод намуда буданд. Вале сиёсатшиноси тоҷик Ятимов С.С. қайд мекунад, ки "Новобаста аз ҳама гуна кӯшиш ва талошҳо ҷиҳати беобрӯсозии идеология ҳамчун як шакли шуури ҷамъиятӣ, ҳеҷ кас қудрате надорад онро нодида гирад, манъ кунад ва гузашта аз ин нобуд созад"[94] Чуноне ки Муҳаммад Абдураҳмон қайд мекунад, "Идеологияи сиёсӣ доимо ҳадафмандона ташаккул дода мешавад ва одатан рушди онро як гурӯҳ мутахассисони касбӣ (идеологҳо) амалӣ мегардонанд. Гузашта аз ин ҳар як идеологияи сиёсӣ дорои сохтори худ, роҳу равиши махсуси тарғиботӣ ва усулҳои таъсиррасонии худро доро мебошад"[95]. Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки ташаккули идеологияи ягона дар давлат ин маҳсули тасодуф набуда, балки натиҷаи фаъолияти инсонҳо ва ниҳодҳои махсусе мебошад, ки афзалиятҳоро дар ташаккули стратегияи давлат ва миллат муайян намуда, баҳри рушди минбаъдаи он механизмҳои заруриро низ коркард мекунанд.

Дар ҷойи дигар вобаста ба мавқеъ ва нақши идеология дар раванди рушди ҷомеа ва ташаккули муносибатҳои нави сиёсӣ М.Абдураҳмон қайд мекунад, ки "идеология шуури бардурӯғ ва чашмбандии" табақаҳои

[94] Ятимов С.С.Идеология ва манфиати миллӣ.- Душанбе, 2015. С.14.
[95] Муҳаммад Абдураҳмон. Инсон, сиёсат ва ҷомеа: таҷрибаи таҳлили фалсафию сиёсӣ.- Душанбе, 2018.- С. 83.

иҷтимоӣ набуда, балки дар он донишҳои бунёдӣ дар бораи ҷомеа, ки ифодакунандаи манфиатҳои иҷтимоиянд, дида мешавад"[96]. Аз ин нуқтаи назар, идеология ҳамчун маҷмӯи назариявии муташаккиле баромад мекунад, ки қодир аст, дар ифода ва ҳифзи манфиатҳои гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ саҳми назаррас гузорад.

Баҳси мавҷудияти идеологияи ягона дар Тоҷикистон солҳои тӯлонӣ идома дошта, Конститутсияи кишвар вобаста бо он мавқеи муайян дорад, ки тибқи он мафкураи ягон ҳизби сиёсӣ ба сифати мафкураи давлатӣ қабул карда нашуда, мавҷудияти гуногунақидагӣ кафолат дода мешавад. Ин принсип моҳиятан принсипи воқеан демократӣ буда, имконият медиҳад, дар фазои сиёсии кишвар мавҷудияти баробари ҳама ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ таъмин карда шавад. Муайян гардидани Тоҷикистон ҳамчун давлати ягона, демократӣ, дунявӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ имрӯз ба сифати консепсияи идеологие баромад карда истодааст, ки дар он раванди имрӯза ва минбаъдаи рушди давлатдорӣ муқаррар гаштааст. Пешниҳоди ғояи "Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол - Ватани азизу маҳбуби мо" ва муттаҳид гаштан атрофи он дар замони имрӯза баҳри таъмини ваҳдату ҳамгироии сартосарии кишвар аҳамияти махсус дорад. Мавҷудияти ғояи мазкур имконият медиҳад, ки мухолифати арзишҳои гуногун дар ҷомеа бартараф карда шуда, баҳри таъмини субот ва амнияти давлат заминаҳо фароҳам оварда шаванд.Вобаста ба ин масъала Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд мекунад, ки "Мо дар назди худ ҳадафҳои ҳаётан муҳими ҳифзу таҳким бахшидани давлатдории миллӣ, густариши худшиносию ватандорӣ, муттаҳид шудан дар атрофи ғояи "Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол – Ватани маҳбуби ҳамаи мо", таҳкими ваҳдату ризоияти миллӣ, ҳалли масъалаҳои ҷавонон, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва эҳтироми забони давлатиро гузошта, барои амалӣ кардани онҳо якдилу

[96] Муҳаммад Абдураҳмон. Инсон, сиёсат ва ҷомеа. - Душанбе, 2018.- С.194

якмаром муттаҳид гашта, тамоми маҳорату истеъдод ва нерӯи зеҳнии худро равона месозем”[97].

Ташаккули низоми муташаккили муносибатҳои сиёсӣ вобаста ба татбиқи ин ғоя ҳамчун ғояи роҳбарикунанда тақозо менамояд, ки муттамарказонии диққат на танҳо атрофи сирф манфиатҳои миллӣ, балки манфиатҳои умумидавлатӣ низ равона карда шавад, зеро таъмини ҳамзистии осоиштаи халқияту миллатҳои дигар низ дар раванди рушди давлатдории мустақили мо нақши муҳим дошта, заминаҳои тақвияти эҳсоси ватандорӣ мегарданд. Вобаста ба ин мавзӯъ метавон ба ақидаи Ятимов С.С. овард, ки менависад: “Идеология баёнгари ҳамин хел принсипҳост, ки инчунин муҳтаво ва сатҳи манфиатҳое, ки дар як вақт ҳуқуқҳои дигаронро нақз намекунад, манфиатҳои дигар миллатҳоро зери шубҳаю таҳдид намегузорад, баръакс, онҳоро пурра эътироф карда, сиёсати мувофиқу мушобеҳро татбиқ менамояд, ҳамин идеологияро метавон воқеӣ, ҳаққонӣ ва ниҳоят илмӣ донист”[98]. Яъне метавон хулоса намуд, ки идеологияи нақзкунандаи ҳуқуқу манфиатҳои қишрҳои гуногун даъвои идеологияи илмӣ ва ҳаққонӣ буданро намекунад. Ҳарчанд ин нуқтаи назар ҳам метавонад боиси баҳсҳои зиёд бошад,зеро табиати идеология, ки ифодакунандаи манфиатҳои гурӯҳҳои муайяни одамон мебошад, хоҳу нохоҳ боиси пайдо гаштани мухолифати арзишӣ дар ҷомеа гашта метавонад. Вале, ба ақидаи мо, мушкилӣ на сари мавҷудияти мухолифати арзишҳо, балки роҳҳои ба ҳам омезиш дода тавонистани онҳо мебошад. Бархӯрдҳои идеологие, ки заминаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва эътиқодӣ доранд, дар солҳои охир пурзӯр гашта, роҳҳои идоракунӣ ва таъмини омезиши онҳо мушкил гашта истодаанд. Вобаста ба баҳси мухолифати арзишҳо Ятимов С. қайд мекунад, ки “Зиддияти арзишҳо зиддияти аз ҳама хатарнок ва мушкилҳалшаванда мебошад. То замоне, ки ҷаҳон боқист, ин зиддиятҳо

[97] Самтҳои асосии Барномаи пешазинтихоботии номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон.- Душанбе, 2013.
[98] Ятимов С.С.Идеология ва манфиатҳои миллӣ.- Душанбе, 2015.- С.16.

идома меёбанд. Ин воқеияти реалӣ аст. Аммо захираҳои пешбарандаи ақлонии инсоният, ки дар он илм нақши асосиро иҷро мекунад, ба таври мусолиҳатомез ҳаллу фасл кардани мухолифати байни инсонҳоро муайян менамояд."[99]

Яке аз вазифаҳои муҳими давлат ин таъмини амнияту субот ва шароити осудаи ҳаёту фаъолият барои шаҳрвандон мебошад. Ҳамчун институти сиёсӣ давлат муваззаф аст, то тамоми чораҳои институтсионалиро андешад, то ин вазифаи худро дар сатҳи зарурӣ иҷро намояд. Муҳимияти ин масъала дар он аст, ки таъмини амният барои давлат ҳам ҷанбаи дохилӣ ва ҳам ҷанбаи беруна дорад. Дар маҷмӯъ агар ба назарияҳои мавҷудаи амният назар афканем мебинем, ки онҳо фарогирандаи ҷанбаҳои дохилию беруна буда, дар ин самт аз тақозо мегардад, то стратегияе тарҳрезӣ намояд, ки хусусияти маҷмӯӣ дошта бошад. Ин стратегия бояд фарогири тадбирҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва ташкилӣ буда, баҳри таъмини амнияти ҷомеа, инсон ва шаҳрванд равона карда шавад. Айни ҳол фаҳмишҳои гуногуни мафҳумҳои "амнияти миллӣ" ва "амнияти давлатӣ" ҷой доранд. Одатан мафҳуми "амнияти миллӣ" ҳамчун асос барои тамоми шаклҳои дигари амният фаҳмида мешаванд.[100] Мафҳумҳои "амнияти давлатӣ" ва "амнияти миллӣ" дар маҷмӯъ ифодакунандаи вазъияте мебошанд, ки ҳифзи манфиатҳои миллию давлатиро аз таҳоҷуми беруна таъмин намуда бошанд. Дар ҳар сурат муҳтавои мафҳуми мазкур бояд манфиатҳои воқеӣ ва ҳаққонии худи миллатро ба таври объективӣ ифода кунад. Маҳз аз ҳамин лиҳоз кӯшишҳои бунёдии давлатҳо бояд ба қонеъ намудани талаботи ҳақиқӣ ва воқеии миллат равона карда шаванд.[101] Моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи амният" ба сифати манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, нигоҳдории ризоияти ҷомеа ва суботи сиёсӣ дар мамлакат, рушду

---

[99] Ҳамон ҷо.- С.42.

[100] Ниг.:Кузнецов Ю., Никольский В. Введение в теорию национальной безопасности., электронная библиотека кафедры национальная безопасность;http://safety.spbtu.ru/book/

[101] Ятимов С.С. Асари номбаршуда.- С.16

устувории иқтисодиёти кишвар, тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ягонагии халқ, пойдорӣ ва инкишофи арзишҳои моддӣ ва маънавии ҷамъият, тағйирнопазирии сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла истиқлолияти давлатӣ, шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, дахлнопазирии сарҳади давлатӣ ва ҷудонашаванда будани ҳудуди он, фаъолияти устувори ниҳодҳои давлатдорӣ, таҳким ва самаранокии фаъолияти онҳо, таъмини муҷаҳҳазгардонӣ ва омодагии ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қушунҳо ва воҳидҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷрои бечунучарои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ муайян намудааст.

Аҳамияти функсионалии давлат дар таъмини амнияти шаҳрвандон калидӣ буда, маҳз он тавассути доираи идории дардастдошта, механизмҳои институтсионалӣ ва захиравии худ имконият дорад, ин вазифаро иҷро намояд. Дар шароити муосир, ки таъмини функсияи давлат аҳамияти аввалиндараҷаи худро боз ҳам тақвият мебахшад, зарур аст, то таҳдиду хатарҳои мавҷуда ба пуррагӣ таҳлил карда шуда, афзалият байни таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ дода нашавад, зеро ҳамаи онҳо хатарзо буда, дар ҳолатҳои муайян метавонанд якдигарро пурра намоянд. Қувват гирифтани ҳамбастагӣ ва вобастагии байниҳамдигарии давлатҳо дар шароити ҷаҳонишавии иқтисод ва дигар муносибатҳо на танҳо ба рушди иқтисодӣ, балки ба вазъи умумии амниятӣ низ бетаъсир намемонад. Маҳз дар ҳамин замина гуфта метавонем, ки сарҳади байни хатарҳои дохилӣ ва беруна аз байн меравад. Чунин ҳолат масъалаи амнияти кишварҳоро боз ҳам осебпазир мегардонад. Маҳз аз ҳамин сабаб давлатҳо кушиш мекунанд, ки заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ баҳри таъмини амният дар ҷомеа таъмин бошанд. Мутобиқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амният” – таъмини амният – татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи таъмини

амният тавассути маҷмуи чораҳои иқтисодӣ,сиёсӣ, ташкилӣ ва дигар хусусиятҳо, ки ҷавобгӯи таҳдид ба манфиатҳои ҳаётан муҳими инсон ва шаҳрванд, ҷамъият ва давлат мебошанд, маънидод намудааст. Категорияи “таъмини амният” ҳамчун мафҳуми асосӣ дар қонуни мазкур истифода шуда, ифодакунандаи равандест, ки он бояд бо татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар ин самт амалӣ гардад, ки бори дигар муҳиммияти масъаларо ошкор месозад. Яъне татбиқи сиёсатҳои дугона, идоравӣ ва соҳавӣ дар алоҳида наметавонанд муваффақият ва самаранокии ин равандро таъмин намоянд. Аз ин рӯ, дақиқ намудани вазъи меъёрии ҳуқуқии муқаррарот дар бораи таъмини амният имконият медиҳад, ки дар ҷомеа вобаста ба масъалаи мазкур муносибати ягона ва қатъӣ муқарраршуда бошад. Ҳамчунин, таъмини амният ҳамчун масъалаи бисёрҷанба ва ифодакунандаи манфиатҳои шахс, давлат ва ҷомеа дар шароити кунунӣ фарогири самтҳои гуногун буда, институтсионализатсияи онҳо имкон медиҳад, то дар ҳама ҳолат ҳифзи онҳо аз таҳдидҳои гуногун таъмин бошад. Маҳз аз ҳамин сабаб қонун шаклҳои гуногуни амният, аз он ҷумла, амнияти иктисодӣ – вазъи муҳофизатии иқтисодиёти миллӣ аз шароит, раванд ва омилҳои дохиливу беруние, ки рушди устувор ва истиқлолияти иқтисодиро зери хатар мегузоранд; амнияти озуқаворӣ – ҳолати муҳофизатии иқтисодиёти давлат мебошад, ки аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ бехатарии озуқаворӣи кишвар таъмин гардида, дастёбии воқеӣ, ки барои ҳаёти солиму фаъол ва рушди демографии хамаи аҳолӣ зарур аст, кафолат дода мешавад; амнияти ҷамъиятӣ – ҳифзи ҳуқуқӣ-сиёсӣ, маънавӣ-ахлоқӣ ва ичтимоии ҳаёт, саломатӣ ва некӯаҳволии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин арзишҳои ҷамъият аз хатар ва таҳдидҳои имконпазире, ки ба онҳо зарар расонида метавонанд; амнияти ҳарбӣ – ҳолати муҳофизатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолии хусусияти ҳарбидошта ба соҳибистиклолӣ ва тамомияти арзии мамлакат; амнияти экологӣ –

ҳолати муҳофизати манфиатҳои ҳаётан муҳими инсон ва шаҳрванд, ҷамъият ва давлат аз таҳдидҳое, ки дар натиҷаи таъсири антропогенӣ ва дигар таъсиррасониҳо ба муҳити зист ба вуҷуд меоянд; амнияти иттилоотӣ – ҳолати муҳофизати манбаъҳои давлатии иттилоотӣ, инчунин ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои ҷамъият дар соҳаи иттилоот; амнияти берунӣ – ҳолати муҳофизатии манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҳдидҳое, ки аз ҷониби давлатҳо, ташкилотҳо ва шаҳрвандони хориҷӣ бармеоянд; амнияти дохилӣ – ҳолати муҳофизати манфиатҳои ҳаётан муҳими шахсият, ҷамъият ва давлат аз таҳдидҳои дохилӣ.[102] Шаклҳои зикршудаи амният ҳар кадом баҳри таъмини амнияти воқеӣ аҳамияти муҳим дошта, коста гаштани яке аз онҳо метавонад вазъи амниятии давлатро осебпазир гардонад. Моддаҳои 7 ва 8-и Қонуни зикршуда низоми амнияти кишвар ва вазифаҳои онро муайян намуда, дар асоси конунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар доираи сиёсати ягонаи давлатӣ, қувваҳои бо ҳам ҳамкорикунандаи таъмини амният, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ташкилотҳое, ки дар доираи салоҳияти худ масъулияти таъмини амниятро ба уҳда доранд, низоми амнияти кишварро ташкил медиҳанд. Ба ибораи дигар, маҷмӯи мақомоти давлатие мебошанд, ки дар таъмини амният вазифа, салоҳият ва ваколатҳои мушаххаси худро дошта, дар ин доира фаъолияти худро амалӣ мекунанд. Тибқи моддаи 8 вазифаҳои асосии низоми таъмини амният инхо мебошанд:

– пешбинӣ, ошкор ва пешгирӣ кардани таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ ба манфиатҳои ҳаётан муҳими объектҳои амният (ҚҶТ аз 15.03.2016, № 1283);

– таҳия ва амалӣ намудани маҷмуи тадбирҳои таъҷилӣ ва дарозмуддати пешгирӣ кардан ва аз байн бурдани ин таҳдидҳо;

[102] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният»// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2011, №6, моддаи 434; с. 2014, №11, моддаи 646; Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 , № 1283).

– ташкил намудан ва дар ҳолати омодабош нигоҳ доштани қувваю воситаҳои таъмини амният;
– идора намудани қувваю воситаҳои таъмини амният дар шароити ҳамарӯза ва ҳолатҳои фавқулодда;
– амалӣ намудани маҷмӯи тадбирҳои барқарор кардани кори муътадили объектҳои амният дар минтақаҳое, ки дар натиҷаи ба миён омадани ҳолатҳои фавқулодда зарар дидаанд;
– иштирок дар таъмини амнияти умумӣ ва минтақавӣ мувофиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон.[103]

Муқаррароти зикршуда тақозо менамояд, ки мақомоти дар низоми амният масъул ҳамчун механизмҳои давлатӣ чораҳои зарурирo дар самти мазкур бояд доимо андешида, баҳри бартараф намудани таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ омодагии доимӣ дошта бошанд.

Таҳлили воқеяти имрӯзаи Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир дар назди давлат як қатор вазифаҳои муҳимро дар самти таъмини амният ва пойдории истиқлолияти давлатӣ пеш мегузорад. Як қатор масъалаҳое мавҷуданд, ки таҳдид ба суботи давлат маҳсуб меёбанд, аз он ҷумла:

- мавҷудияти масъалаҳои то ба охир ҳалношудаи марзӣ бо баъзе кишварҳои ҳамсоя, аз он ҷумла Қирғизистон;

- мавҷудияти манбаи ҷангу низоъ дар Афғонистон, ки таҳдиди ҷиддӣ ба оромии марзҳои давлатӣ ва суботи на танҳо Тоҷикистон, балки тамоми минтақа ва ҷаҳон дорад;

- кӯшишҳои дахолати беруна ба корҳои дохилӣ, нооромм сохтани вазъи сиёсӣ аз ҷониби баъзе давлатҳои манфиатдор дар минтақаи Осиёи Марказӣ;

- авҷ гирифтани омили "исломи сиёсӣ" дар минтақа ва ҷаҳон ва хусусияти таҳдидовар касб намудани он барои инсоният;

[103] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният»// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №6, мод. 434; с. 2014, №11, мод. 646; Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 с., № 1283)

- қувват гирифтани мусаллаҳшавии бошитоби абарқудратҳо, бартариятхоҳӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ ва талошҳои геополитикӣ ҷиҳати аз нав тақсим намудани ҷаҳони тақсимшуда.

Ин хатару таҳдидҳо дар замони муосир таҳдидҳое мебошанд, ки аз давлат андешидани чораҳои амалиро баҳри тақвияти қудрати амниятӣ ва мудофиавӣ талаб мекунанд. Ҳамзамон, ҳамбастагӣ ва ҳамгиройии амиқ бо кишварҳои минтақа дар ин самт яке аз омилҳои таъминкунандаи амнияти миллию давлатӣ ба ҳисоб меравад, зеро дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, васеъгардии манфиатҳои молии кишварҳои бузург ва ихтилофоти зиёди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангию диниии давлатҳои ҷаҳон, новобаста аз фишангҳои байналмилалии ба қолаби муайян даромада, на ҳар давлати миллӣ имконият дорад, ки истиқлолияти давлатии худро ҳифз намуда, мавқеи кишвари худро дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳифз ва дуруст муаррифӣ намояд.[104] Ин ҳолат водор мекунад, ки давлат баҳри таъмини истиқлолияти худ ҳам аз механизмҳои дохилисистемавӣ ва ҳам аз байнисистемавӣ самаранок истифода барад. Принсипҳои таъмини амният, ки дар моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи амният", тақозо менамоянд, ки дар ин раванд бояд эҳтиром ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, қонуният ва масъулияти мутақобилаи инсон ва шаҳрванд, ҷамъият ва давлат оид ба таъмини амният риоя карда шуда, иттилоотонии фаврии байниҳамдигарӣ ва мувофиқаи амалҳои қувваҳои таъмини амният ба роҳ монда шавад. Ҳамчунин, ягонагӣ, баҳамалоқамандӣ ва мувозинати ҳамаи намудҳои амният, бартарияти чораҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иттилоотӣ, назорат аз руи татбики ҳамаи маҷмуи амалҳо оид ба ҳифзи амният ва робита бо низомҳои амнияти байналмилалӣ таъмин карда шаванд.

Албатта, бешубҳа, шаклҳои зикршудаи амният татбиқи маҷмӯи чора ва амалҳои мақсаднокро тақозо менамояд. Дар робита ба ин, қайд бояд намуд, ки давлат ҳамчун институти сиёсии ҷомеа қудрати тағйири

[104] Холиқзода А.Ғ. Назарияи идоракунии шарқӣ (дар афкори мутафаккирони форс-тоҷик).- Душанбе, 2017. - С.19.

муносибати куллии ҷомеаро ба масъалаҳои амниятӣ низ дорад. Дар ин самт ба инобат гирифтани таҳдидҳое, ки хусусияти иттилоотӣ доранд, аҳамияти хоса касб мекунанд. Таъмини амнияти итиллоотии давлат ҷанбаҳои гуногун дошта он ҳамчун низоми мукаммали нигоҳдошт ва ҳифзи иттилоот, ифшо накардани иттилооти хизматӣ ва дигар иттилооти ба манфиатҳои давлат алоқаманд, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн накардани маводи интишорӣ, намоишҳои телевизионӣ ва пахши радиоии воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ, ки мазмуни онҳо амнияти миллиро халалдор месозад, роҳ надодан ба ғасби иттилоотӣ аз ҷониби давлатҳои дигар, ташаккули низоми мукаммали муқовиматкунандаи иттилоотӣ ва ғайраҳоро тақозо менамояд. Вобаста ба ин қайд намудан зарур аст, ки ҷаҳони муосир мақом ва мансубияти иттилоотро ба маротиб боло бардошта, онро ҳамчун василаи мубориза барои ба даст овардани мақсадҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ, мудофиавӣ, экологӣ ва гайраҳо истифода бурда истодааст. Маҳз аз ҳамин сабаб мафҳуми “ҷангҳои иттилоотӣ” дар муборизаи имрӯзаи абарқудратҳо мавқеъ пайдо намуда, ҳамчун шакли пешбурди мубориза барои ба даст овардани мақсад истифода шуда истодааст. Иттилоот ҳамчун василаи интиқоли арзишҳои муайян дар шаклгирии муносибатҳои ҷамъиятию сиёсӣ нақши муҳим дорад. «Башаклдарории» идеологии дилхоҳ ҷомеа бевосита тавассути механизми иттилоотӣ ба роҳ монда мешавад. Ғояҳоро метавон ба он қисмати шуур хос донист, ки оламро дар шакли образҳо инъикос намуда, муносибати инсонро ба воқеияти атроф дар асоси иттилооти ба дастоварда ба танзим медарорад. Иттилоот ҳамчун ҷузъи ташаккулдиҳандаи сохтор дар шуури ҷамъиятӣ ва фарҳанги сиёсӣ қодир аст ин зуҳуротҳоро вобаста ба мансубияти худ танзим намояд.[105]

Шаклҳои гуногуни хатарҳои иттилоотӣ ҷой доранд, ки ба онҳо терроризми иттилоотии ба руҳу равони шаҳрвандон таъсиррасонанда,

---

[105] Хидирзода М.У. Нақши иттилоот ва муқовимати иттилоотӣ дар шаклгирии шуури омма (дар ҳошияи мақолаи С.Ятимов «Равоншиносии ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ» (дар доираи шуури муқаррарӣ) //Ҷумҳурият, 7 апрели соли 2016, №67 (22889).

пешниҳоди иттилооти таҳрифшуда аз ҷониби воситаҳои ахбори омма, аз ҳад зиёд ошкор ва кушода будани фазои иттилоотӣ дар ҷомеа, ки тасаввуротро дар бораи набудани сирри давлатӣ, тиҷоратӣ ва хизматӣ ба миён оварда, боиси сар задани ҳолатҳои таҳаммулнозарии этикодӣ ва сиёсӣ низ шуда метавонанд, таъқиби электронии аҳолӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, истифодаи шабакаҳои компютерӣ ва мавҷуд набудани масъулият барои иттилоот дохил мешавад.[106]

Ҷаҳони имрӯза гирифтори инқилоби бечуну чарои иттилоотӣ гаштааст. Ин раванд таъсири бевоситаи худро ба ташаккули муносибатҳои нави ҷаҳонӣ низ расонида, иттилоотро ҳамчун захираи боэътимоди ҳокимият ва идоракунӣ истифода бурда истодаанд. Дар чунин шароити мураккабу мушкил василаҳои иттилоотӣ бояд ҳамчун як шакли хоси моликият шинохта шуда, идоракунии ин моликият бо назардошти манфиатҳои миллию давлатӣ роҳандозӣ карда шаванд. Чуноне ки Добренков В.И. қайд мекунад, дар шароити болоравии вобастагии бемайлони равандҳои иҷтимоӣ ва фаъолияти инсонҳо аз фаъолияти системаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ, ҳамчунин дар шароити мавҷудияти имкониятҳои маҳдуди назорати соҳаи иттилоот таъсиррасонии иттилоотӣ яке аз усулҳои пешбурди сиёсати байналмилалӣ гашта истодааст.[107] Ин амалия агар аз як ҷиҳат амалияи пазируфташуда дар замони муосир гашта бошад ҳам, таҳдидҳои дар ин замина ба вуҷудоянда низ кам нестанд. Мисоли одитарин ин мансубият ва духурагии воситаҳои электоронии иттилоот мебошад. Агар иқтидори бузурги иттилоотӣ ва шабакавӣ, аз як ҷиҳат баҳри иттилоотонӣ ва таъмини муқовимати иттилоотӣ хизмат кунад ҳам, аз ҷиҳати дигар, амнияти иттилоотии давлатро осебпазир мегардонад. Яъне ҳуҷумҳои иттилоотӣ тавассути маҳз системаҳои иттилоотии мавҷуда дар ин ё он

[106] Ниг.:Информация. Дипломатия.Психология.//Отв.ред.Ю.Б.Кашлев. - М.,2002.- С.602.
[107] Добреньков В.И. Проблемы построения стратегического сообщества на основе положений Окинавской Хартии// Добреньков В.И. Глобальная информатизация и безопасность России. Материалы круглого стола «Глобальная информатизация и социально-гуманитарные проблемы человека, культуры, общества»//Под ред. Добренькова В.И. - М., 2001.- С.23.

кишвар сурат мегиранд. Маҳз аз ҳамин сабаб, таъмин намудани амнияти иттилоотӣ бо тамоми ҷузъиёташ сиёсати ягонаи тарҳрезишударо тақозо менамояд, ки ба ташаккули фазои ягонаи иттилоотӣ мусоидат намояд.

Зимни ташаккули фазои ягонаи иттилоотӣ давлат нақши асосиро бозида, бештари ҳолатҳо мақсадҳои иттилоотию идеологиро пайгирӣ менамояд, зеро маҳз инҳо дар нигоҳдорию рушди давлат ва иттиҳоди миллат чун омили меҳварӣ баромад мекунад.[108] Ташаккули фазои ягонаи иттилоотӣ дар замони муосир масъалаи мушкил, вале ҳалшаванда боқӣ мемонад, зеро вобаста ба рушди технологияҳои иттилоотӣ беҳтар гардидани дастрасӣ ба онҳо, таъсис ва фаъолияти даҳҳои шабакаҳои иҷтимоӣ, ташаккули системаҳои мукаммал ва пурқуввати шабакавӣ муҳимияти масъаларо боз ҳам боло бурда, аз ҳар як давлат тақозо менамояд то дар масъалаи ташкили муқовимати устувор ба таҳоҷумҳои иттилоотӣ вобаста ба талаботи ҷаҳони имрӯза ҷавобгӯ чораҷуйи намояд.

Масъалаи таъмини гардиши (сиркулятсияи) иттилоот дар ҷомеа яке аз масъалаҳои муҳиме мебошад, ки аҳамияти амниятӣ дошта, бояд таҳти назорати ҷиддӣ қарор гирад. Зеро таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мавҷудияти мавҷи иттилоотии беназорат ва транзитӣ дар шароити муосир яке аз омилҳои муташанниҷ гардонидани вазъи иҷтимоию сиёсӣ дар кишварҳои гуногун гашта, фаъолона ҳамчун аслиҳаи ҷанги иттилоотӣ истифода шуда истодааст.[109] Воқеияти имрӯзаи Тоҷикистон нишон медиҳад, ки низом ва фазои кушодаи иттилоотӣ мавҷи иттилоотии хусусияти гуногундоштаро ба ҷомеа бор намуда истодааст. Дар ҷаҳони зудтағйирёбандаи муосир метавонад номувофиқатӣ ва чун натиҷа мухолифати манфиатҳо дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дар соҳаи иттилоот ба амал ояд. Ихтилофи манфиатҳо дар ин соҳа пайваста ба сурати мухолифати иттилоотӣ инъикос мегардад, ки он шаклҳои таҳдидро касб менамояд. Таҳдиди иттилоотӣ, ҳамчун амали

[108] Соҳибов У.Ш. Технологияи иттиоотию коммуникатсионӣ дар ташаккули фазои иттилоотӣ//Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АИ ҶТ.- Душанбе, 2017, №2.- С.52.
[109] Хидирзода М.У., Раҳимзода Ш.К. Информация и управление политическими процессами.- Душанбе, 2017.- С.36.

тарҳрезишуда, аз истифодаи ҳадафноки восита ва усулҳои махсус барои таъсир ба захираҳои иттилоотӣ ва ҳимояи захираҳои иттилоотии худӣ ба хотири расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ё тактикии худ иборат аст.[110]

Гардиши иттилоот дар ҷомеаи мо тавассути василаҳои гуногуни иттилоотӣ таъмин гашта истодааст. Дар чунин ҳолат хусусияти куллан манфӣ ё мусбӣ доштани онҳоро бе таҳлили амиқ муайян намудан мумкин нест. Маҳз аз ҳамин сабаб ташаккули муқовимати сазовори иттилоотӣ зарур мебошад, ки ин нуқта яке аз нуқтаҳои асосии Консепсияи таъмини амнияти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Консепсияи мазкур муқаррар намудааст, ки "Сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи таркибии сиёсати давлатии хориҷӣ ва дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон доираи фаъолияти мақомоти ҳокимият ва идораи давлатиро дар соҳаи иттилоот муайян менамояд. Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи назариёти расмии давлат ба мақсад, вазифа, усулҳо ва самтҳои асосии фаъолият дар соҳаи иттилоот мебошад"[111]. Чуноне ки аз муқаррароти Консепесия бармеояд, сиёсати давлатии иттилоотӣ фарогири доираи васеъ, яъне ҳам сиёсати дохилӣ ва ҳам сиёсати хориҷии давлат ба шумор меравад. Ин нукта аз он далолат мекунад, ки имрӯз бидуни иттилоот ва василаҳои иттилоотӣ дар сиёсатҳои худ давлат наметавонад муваффақ бошад. Яъне иттилоот имрӯз василаи мавҷудияти давлат, захираи боэътимоди ҳокимият, омили ташаккули афкори ҷомеа маҳсуб ёфта, барои ин зарур аст, ки ҷиҳати таъмини идоракунии босамари давлатӣ бо роҳи ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию тахлилии муосир, дастгирии қабули қарорҳои идоракунӣ, рушди устувори иқтисодӣ, афзалиятнокии манфиатҳои давлатӣ ва амнияти миллӣ чораҳои мушаххас андешида шаванд.

---

[110] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008, №451.

[111]Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "дар бораи тасдиқи Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008,№451.

Сиёсати иттилоотӣ ин қобилият ва имконияти таъсиррасонии субъектҳои сиёсат ба шууру зеҳни одамон, рафтору фаъолияти онҳо тавассути иттилоот ба манфиати давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ аст. Миқдор, сифат ва дастрасии захираҳои иттилоотӣ аз бисёр ҷиҳат сатҳи тараққиёти мамлакат, мавқеи онро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ муайян менамоянд ва бешубҳа нишондиҳандаи асосии ин мавқеъ дар даҳсолаҳои аввали асри XXI мегарданд. Бинобарин самтҳои стратегии сиёсати давлатии иттилоотӣ чунинанд:

- ташкил, рушд ва таъмини амнияти захираҳои давлатии иттилоотӣ;
- истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ дар идоракунии давлатӣ ва дар идораи системаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ғайра;
- эҷод, дастгирӣ ва такмили нуфузи иттилоотии Тоҷикистон бо роҳи истифодаи босамари технологияҳои иттилоотӣ;
- ҳифзи манфиатҳои иттилоотии давлат, таъмини амнияти иттилоотии давлат, дифоъ аз ҳамлаҳои иттилоотӣ, таҳдидҳо ва амалиёти дигар, бартарафсозии онҳо;
- воридшавӣ ба ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ.[112]

Самтҳои зикршуда нишон медиҳанд, ки иттилоот ҳамчун захираи сиёсӣ қодир аст, дар маъмини амнияти сартосарӣ таъсири амиқ дошта бошад. Бинобар ин дар назди давлат як қатор вазифаҳои муҳим, аз қабили ташкили механизми самаранок ва такмили идоракунии давлатии захираҳои иттилоотӣ, таъмини талаботи иттилотии ҷомеа ва афрод, ташкили заминаҳои иттилоотии рушди ҷамъиятии устувор ва босуботи Ҷумҳурии Тоҷикистон меистад, ки иҷрои онҳо омили муҳими таъмини соҳибистиқлолии давлат маҳсуб меёбад.

Таҳкими давлатдории миллии мо дар замони омезиши шадиди арзишҳо бе талошҳои созанда ва муқовимати устувори иттилоотӣ бениҳоят мушкил аст. Маҳз аз ҳамин сабаб, амнияти иттилоотӣ ҳамчун яке аз роҳҳои таъмини амнияти давлатию миллӣ қабул гашта, дар роҳи

---

[112]Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “дар бораи тасдиқи Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008,№451.

ба амал баровардани он чораҳои мушаххас андешида мешаванд. Ба сифати таҳдидҳо дар ин раванд девалвацияи арзишҳои маънавӣ, тарғиби намунаҳои маданияти оммавии ба зӯроварӣ асосёфта, назарфиребии иттилоотӣ ва ғайра пазируфта мешаванд. Ногуфта намонад, ки нигоҳдошти забон ва фарҳанги миллӣ ҳамчун арзишҳои миллӣ ва давлатдорӣ ба сифати масъалаҳои калидӣ дар таҳкими давлатдории миллӣ боқӣ мемонанд.

Бояд қайд намуд, ки арзишҳои миллӣ маҳз ҳамон зуҳурот ва объектҳои моддию ғайримоддие мебошанд, ки дар тули таърих муҳимияти онҳоро миллат эътироф намудааст, тавассути нигоҳдошт ва рушди онҳо пешравии худро таъмин намудааст, дар заминаи онҳо тарзи рузғордорӣ, урфу одат ва анъанаҳои худро нигоҳ доштааст. Маҳз дар ҳамин замина миллат ҳамчун уму мияти томи дорои хусусиятҳои умумӣ, тарзи тафаккур ва урфу одат дар ҳудуди таърихии худ пойдор мондааст. Пойдории миллат пойдории давлатдории миллиро заминагузор гаштааст.

Арзишҳои миллию давлатдорӣ арзишҳои муҳиму ивазнашавандае мебошанд, ки новобаста ба манфиатҳои сиёсӣ, мавқеъҳо ва ақидаҳо аз ҷониби аъзои ҷомеа бояд ҳифз карда шаванд. Бахусус, дар замони муосир, ки муқовиматҳо дар самтҳои гуногун бо шаклу намудҳои гуногун идома доранд, ин рисолати воситаҳои ахбори омма аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Сабабҳои дар боло зикргардида тақозо менамоянд, ки таъмини амнияти фарҳангӣ ҳамчун яке аз роҳҳои таъмини амнияти давлатию миллӣ маҳсуб ёфта, дар роҳи ба амал баровардани он чораҳои мушаххас андешида мешаванд. Ба сифати таҳдидҳо дар ин раванд девалватсияи арзишҳои маънавӣ, тарғиби намунаҳои маданияти оммавии ба зӯроварӣ асосёфта, назарфиребии иттилоотӣ ва ғайра пазируфта мешаванд. Ногуфта намонад, ки нигоҳдошти забон ва фарҳанги миллӣ ҳамчун

арзишҳои миллӣ ва давлатдорӣ ба сифати масъалаҳои калидӣ дар таҳкими давлатдории миллӣ боқӣ мемонанд.[113]

Дар чунин шароит ҳифзи арзишҳои миллӣ ва умумидавлатӣ вазифаи басо мушкил, вале муҳим мебошад. Тафриқаандозии байни арзишҳои муқаддаси миллӣ ва манфиатҳои гурӯҳ ё қишрҳои алоҳида боиси суст шудани низоми арзишӣ дар ҷомеа гашта, қодир аст масъалаи афзалиятнокии арзишҳои миллиро зери таҳдид қарор диҳад. Ҳифзи забону фарҳанг бо ҳама рукнҳои он дар марҳилаи кунунӣ хеле муҳим арзёбӣ мешавад. Омӯзиши таъриху фалсафаи ҳар як урфу одат, анъана ва сару либоси миллӣ худ як мактаби муҳим дар самти худшиносии миллӣ маҳсуб ёфта, муаррифии онҳо зарур мебошад, зеро шинохти асолат ва аҳамияту зарурати одитарин рукнҳои фарҳанг имконияти васеъро баҳри муаррифии бештари онҳо ба миён оварда, такони ҷиддӣ дар самти ҳимояи онҳо мегардад.[114]

Чӣ хеле ки тазаккур дода будем, ҷаҳонишавӣ ба вазъи фарҳангии кишвари мо таъсири бевоситаи худро расонида истодааст. Аз як тараф, агар васила и ошноӣ бо тамаддун ва фарҳангҳои миллатҳои дигар гашта бошад, аз дигар ҷониб, вобастагиаш аз шабакаҳои иттилоотӣ зиёдтар гаштааст. Вобаста ба ин ҳолат Сайидзода З. қайд мекунад, ки “Вақте шаҳрвандони боақлу фаросат ба тамошочиёни бехаёл табдил мешаванд ва зиндагии иҷтимоию фаъолиятҳои дастаҷамъии инсонҳо ба саҳнаҳои театр ё пардаҳои намоиш табдил мешаванд, ин вазъ нишонаи он аст, ки фарҳанги миллӣ дар хатар аст. Ба ин тартиб мумкин аст, бӯҳронҳои шадиде ба вуқӯъ биёянд”[115]. Муаллиф барҳақ қайд менамояд,ки ба сифати намунаи рафтору ахлоқ қабул намудани арзишҳои бегона боиси фалаҷи арзишҳои маънавии миллӣ гашта, раванди бегонашавиро метезонад. Ин таҳдидҳоро дар ҷомеаи Тоҷикистон низ бояд пешгирӣ

---

[113] Хидирзода М.У. Ҳикмати либоси миллиро бояд шинохт/ АМИТ «Ховар», 25.07.17. /khovar.tj

[114] Хидирзода М.У. Иттилоот ва омилҳои ташаккули тафаккури созанда дар замони ҷаҳонишавӣ// Истиқлолият ва стратегияҳои муваффақ.- Душанбе, 2017.- С.57.

[115] Сайидзода З. Густариши ахлоқи миллӣ –посух ба паёмадҳои манфии ҷаҳонишавӣ.- Душанбе,2014.- С.34.

намуд, зеро фазои мавҷудаи иттилоотӣ имрӯз имконият дода истодааст, то мавҷи иттилооти хусусияти гуногундошта ба ҷомеа ворид шавад.

Маҳз бо дарназардошти таҳлили зикршуда зарур аст, то дар ҳама ҳолат бартарияти захираҳои иттилоотии давлат таъмин карда шаванд. Таҳлили ҳодисаҳои “баҳори араб” нишон доданд, ки бартарии захираҳои иттилоотии беруна аз дохилӣ боиси радикализатсияи ҷомеа ва фаъолгардии равияҳои экстремистӣ гашт. Масъалаи дигари муҳим ин воридоти таълимоти динии ғайрианъанавӣ, ки аз манотиқи дигари ҷаҳон ворид шуда, тавассути василаҳои иттилоотӣ ҷонибдорони зиёде пайдо карданд.[116]

Дар рӯ ба рӯйи таҳдиду хатарҳои мавҷуда ба истиқлолияти давлатӣ функсияҳои давлат низ такмил ёфта, дар ҳолатҳои муайян омезиши функсияҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба амал меоянд. Дар натиҷа талабот ба ҳамгирои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ бо мақсади ҳалли мушкилиҳои мавҷуда пурзӯр гашта, аз давлат тақозо мегардад, ки дар татбиқи ҳадафҳои худ устувортар баромад намояд. Чунин хатаре, ки имрӯз маҳз пурзӯр гаштани ҳамин ҷанбаи функсионалии давлатро тақозо менамояд, ин афзудани таҳдидҳо вобаста пешгирии терроризм ва экстремизм мебошад.

Қувват гирифтани равия ва ҳаракатҳои ифротӣ инсониятро бо раванди глобалии харобиоваре рӯ ба рӯ намудааст, ки даҳшату оқибатҳои фоҷиабораш аз дигар мушкилоти глобалӣ хатарноктаранд.

Хатар ва даҳшатафкании ин равия ва ҳаракатҳо дар он аст, ки онҳо на танҳо пояҳои сиёсӣ ва иқтисодии кишварҳо ва низомҳои сиёсии побарҷоро аз байн мебаранд, балки тухми кинаю адоватро дар вуҷуди инсоният дар заминаи мансубияти миллӣ ва динию мазҳабии онҳо кошта, хотираи таърихии миллатҳоро тираю тор ва пур аз нафрату кина нисбат ба якдигар мекунанд. Ин аст, ки даҳшатафкании ин равияҳо агар дар давраҳои пешин ба муқобили шахсиятҳои алоҳида нигаронида шуда

[116] Махмадов А.Н., Хоперская Л.Л. Современный Таджикистан: диалектика независимости и интеграции (политико-правовой анализ).

бошад, пас, айни ҳол ин раванд таҳдид ба ҳастии инсоният ва сулҳу суботи кишварҳо дорад. Хатари ҷиддӣ ва таҳлукаовари равияҳои ифротӣ дар он аст, ки кайҳо онҳо марзҳои кишварҳоро паси сар карда, ба як зуҳуроти трансмиллӣ ва транссарҳадӣ табдил ёфтаанд.

Фаъолияти байнисистемавӣ дар марҳилаи кунунӣ, ки ҳамбастагии ҷаҳони муосирро зич гардонида истодааст, бағоят муҳим аст. Воқеияти сиёсии муосир нишон дода истодааст, ки ягон давлат дар алоҳидагӣ ба пуррагӣ наметавонад ин хатарро решакан намояд, зеро доираи паҳншавӣ ва робитаҳои онҳо басо фарох мебошанд. Маҳз аз ҳамин сабаб, ҷаҳони имрӯза терроризму ифротгароиро ҳамчун хатари умумибашарӣ эътироф намуда, муборизаи дастаҷамъонаро ба муқобили онҳо мувофиқи мақсад мешуморад.

Рисолати низоми сиёсӣ дар мавриди пешгирии терроризму экстремизм, пеш аз ҳама, дар иҷрои вазифаи экстраксионии он аён мегардад, ки тибқи он бояд тамоми нерӯи дохилии худро баҳри фаъолияти минбаъдааш сарф намояд. Дар ин самт ба низоми сиёсӣ зарур аст, ки баҳри такон додан ва ба кор даровардани механизмҳои дохилисистемавӣ кӯшиш намояд. Механизмҳои дохилисистемавӣ гуфта, он ниҳодҳоеро дар назар дорем, ки фаъолияти онҳо дар сатҳи ҷомеа амалӣ гашта, муносибатҳои иҷтимоӣ аз ҷониби онҳо тавассути низоми мавҷудаи ҳуқуқӣ, ҷамъиятӣ, урфу одат ва анъанаҳо амалӣ карда мешаванд.

Истифодаи васеи мафҳуми “терроризми исломӣ”, “ифротгароии исломӣ” бозгӯи он ҳақиқатест, ки имрӯз қувваҳои асосии геополитикӣ бо истифода аз ҳассосияти эътиқодӣ баҳри баҳри ба даст овардани мақсадҳои худ аз номи ислом манфиатхоҳона истифода бурда истодаанд. Ин таҳдид ба амният ва суботи кишвари мо низ ҷойдошта, вобаста ба он Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуда буд, ки “дар солҳои охир раванди сиёсигардонии ислом ва дар ин замина қувват гирифтани бадбинии динию мазҳабӣ, амалҳои таҳрибкорона сабаби

муташанниҷ гаштани вазъият дар минтақаҳои гуногун гашта истодааст. Бо дар назардошти мавқеи географии кишвари мо, ин хатарҳо ба мо ҳам таҳдид мекунад”.[117] Яъне мавҷудияти терроризму ифротгароӣ ҳамчун мушкилиҳои хусусияти глобалидошта дар назди давлат вазифаи тақвияти ҳамкориҳои байналмилалиро бо мақсади мубориза бо ин хатари ҷаҳонӣ пеш гузошта, тақозо менамояд то дар муайян намудан афзалиятҳои рушд, пеш аз ҳама, аз афзалияти вазифаҳои таъмини амният ва субот пеш гирифта шавад. Таъмини афзалияти ин масъала барои кишвари мо як қатор сабабҳои ҷиддӣ дорад. Аз он ҷумла:

- мавқеи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, ки чорроҳаи тамаддунҳо маҳсуб меёбад;
- ҳамсоягӣ бо Афғонистон, ки ҳамчун кишвари нооромва манбаи омода намудани террористон шинохта шудааст;
- мавҷудияти баъзе омилҳои иҷтимоӣ, аз қабили бекорӣ ва муҳоҷират, ки особпазирии ин қишрҳоро баланд мебардорад.

Ин ва дигар омилҳои хусусияти объективӣ ва субъективӣ дошта муҳимияти масъаларо асоснок намуда, боло бурдани самаранокии иҷрои функсияи мазкурро тақозо менамояд, зеро хусусияти таъсиррасонии қувваҳои беруна, кушишҳои истифода аз нерӯҳои ноустувори сиёсии дохилӣ, истифода аз таъсир ва нуфузи дин мушкилии ҷиддиро дар ҷомеаи мо дар соли 2015 низ пеш оварда, субот ва амнияти кишварро зери таҳдид қарор дод. Қувваҳои манфиатдори геополитикӣ бо истифода аз мавҷудияти озодиҳои динию сиёсӣ дар Тоҷикистон кӯшиш намуданд, то ҲНИТ дар якҷоягӣ бо қувваҳои хоинони дигари дохилӣ табадуллоти давлатӣ ба амал бароранд. Вале ин нақшаи онҳо амалӣ нагашта, давлат қудрати худмуҳофизатии худро истифода буд ва пеши роҳи ин амал гирифта шуд.

Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон (минбаъд ҲНИТ) аз 4 декабри соли 1991 расман ташкил шуда, фаъолият менамуд. Ҳарчанд дар

---

[117] Баромади Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи натиҷаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат дар соли 2015 аз 21.01.2016.

иҷлосияи ХУ1 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ҳама ҳизбҳои сиёсӣ, аз он ҷумла ҲНИТ то муайян намудани сатҳи иштироки онҳо дар муқовиматҳои сиёсӣ ва барангехтани низои сиёсӣ боздошта шуда буд, вале ҲНИТ фаъолияти худро аз соли 1992 то соли 1997 дар ҳудуди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон идома дода, баъди бастани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон аз 27 июни соли 1997 дар асоси қарори раёсати Суди Олӣ аз 12 августи соли 1999 фаъолияти ин ҳизб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шуда, 28 сентябри соли 1999 дар Вазорати адлия ба қайд гирифта шуда буд ва сипас 15 октябри соли 2003 он ҳамчун ҳизби сиёсӣ аз нав ба қайд гирифта шуд.

Гарчанде таъйиноти асосии таъсиси ҲНИТ аз ҳифзи истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон, ҳимояи якпорчагӣ ва тамомияти арзии Тоҷикистон, ҳимоят аз истиқрори сулҳ, таъмини вахдати миллӣ ва ҳамзистии бародаронаи халқҳои Тоҷикистон ва ғайра иборат бошад ҳам, вале тайи солҳои охир аъзои он даст ба қонуншиканиҳо зада, теъдоди зиёди ҷиноятҳои дорои хусусияти террористию экстремистӣ содир намуда, дар байни аҳолӣ, аз ҷумла, бо истифодаи воситаҳои ахбори омма норозигию иғво ва кинаю адоват барангехтанд, ки ин амалҳои онҳо боиси халалдоршавии ҳаёти осудаи шаҳрвандон ва амнияти ҷамъиятӣ гардида, ба асосҳои сохти конститутсионӣ, амният ва соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид менамояд. Ҳамчунин, ширкати онҳо дар кӯшиши табаддулоти давлатӣ, ки аз ҷониби собиқ муовини вазири мудофиа Назаров Ҳ. мақсади ниҳоии онҳоро бараъло нишон дод, ки ин ҳизб ҳанӯз ҳам аз мақсадҳои худ даст накашидааст. Бинобар ин бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон ташкилоти террористӣ-экстремистӣ эътироф карда шуда, фаъолияти он дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон қатъ карда шуда, ҳизб ҳамчун шахси ҳуқуқӣ барҳам дода шуд.

Воқеаҳои ҷаҳони муосир ва фоҷиаҳои инсоният вобаста ба фаъолияти гурӯҳи террористии ба ном “Давлати исломӣ” бори дигар нишон медиҳанд, ки терроризм ҳамчун падидаи глобалӣ қудрати фарогирии кишварҳоро новобаста ба сатҳи иқтисодию иҷтимоӣ ва мавқеи географӣ дошта, таҳдид ба истиқлолияти давлатӣ ва ягонагии кишварҳоро пурзӯр мегардонад. Аз рӯйи оморҳои расмӣ соли 2015 аз ҷониби эмиссарҳои давлатҳои исломӣ ба воситаи Туркия ва Афғонистон ба кишварҳои Шарқи наздик зиёда аз 500 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон сафарбар карда шуда буданд. Ин теъдод то охири моҳи марти соли 2016 ба 1094 расид. Ин нишондиҳандаҳо аз он далолат мекунанд, ки қобилияти таъсиррасонии эмиссарҳои давлати исломӣ, истифодаи усулҳои эътимодбахшӣ ва боваркунонӣ, василаҳои маҷозӣ, шабакаҳаи иттилоотӣ ва иҷтимоии васеъ истифодашаванда имкониятҳои гурӯҳҳои террористиро боз ҳам васеътар мегардонанд.

Ин аст, ки имрӯзҳо маҳз шабакаҳои интернетӣ василаи ҷалби ҷавонон ба муқовиматҳои кишварҳои хориҷа ва ташвиқу тарғиби равияҳои ифротӣ дар дохили кишвар гашта истодаанд. Мубаллиғони виртуалӣ, ки дорои малакаҳои хуби боваркунонӣ, ҳавасмандсозӣ ва ҷалбкунӣ мебошанд, аз усулҳои корбарии фардӣ васеъ истифода бурда, доираи ҷонибдорони худро васеъ намуда истодаанд. Таҷриба ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар аксарияти кулли мавридҳо ҷалбшавии ҷавонон маҳз тавассути шабакаҳои интернетӣ сурат гирифта истодаанд. Яъне, маҳз шабакаҳои иҷтимоӣ майдони мусоиди гуфтугузори мубаллиғон гашта, фаъолияти гурӯҳҳои ифротӣ бо ҳамин васила таъмин гашта истодааст. Ин аст, ки наврасони ноогаҳи мо дар Нораку Шаҳритӯс тавассути хоҷагони виртуалии худ «фармон» гирифтаю парчами ҷаҳолату торикиро дар фазои суботу шукуфони ватани худ бардоштанӣ шуданд. Яъне маҳз тавассути тағйири дарк ва шуури ҳанӯз

ба пуррагӣ ташаккулнаёфтаи наврасону ҷавонон бо роҳи гуфтугӯи мустақими виртуалӣ ва таъсиррасонӣ ба руҳу равони онҳо мубаллиғону аъзои ин ҳаракатҳои иртиҷоӣ ҷонибдорони ғоявии худро «коркард» мекунанд.[118]

Новобаста ба чораҳои андешидашуда, мутааасифона то ба имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ дар муқовимат бо ин вабои аср муваффақ нест. Механизмҳои муқовимат бо терроризму ифротгароӣ наметавонанд барои тамоми ҷомеаҳо якхела бошад, зеро ҳар як ҷомеа хусусиятҳои хоси миллию этникӣ ва динию мазҳабии худро дошта, паҳнкунандагони ин равияҳо моҳирона ин омилҳоро ба инобат мегиранд. Аз ин рӯ, дар низоми мавҷудаи муносибатҳои иҷтимоию сиёсӣ зарур аст, ки механизмҳои ташаккулдиҳандаи шуури ҷамъиятӣ фаъолияти мунтазам ва системанок дошта бошанд.

Ин таҷрибаи сиёсӣ аз он дарак медиҳад, ки манфиатҳои дар заминаи истифодаи эътиқоду дин ташаккулёфта, метавонанд доимо василаи истифодаи нерӯҳои беруна қарор гирифта, ҷиҳати пешгирии амалҳои таҳрибкоронаи онҳо ҳамкории минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ногузир мебошад.

Тоҷикистон ҳамчун кишвари соҳибистиқлол дар ин самт стратегияи муайяни худро пеш бурда, тавассути мустаҳкам намудаи заминаи қонунгузорӣ ва ҳамкориҳо бо дигар субъектҳои муносибатҳои байналмилалӣ фаъолияти ҳадафнокро пеш бурда истодааст.

Қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди терроризм", ки мақсади он татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи мубориза бар зидди терроризм, татбиқи ухдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мубориза бар зидди терроризм, танзими ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба мубориза бар зидди терроризм,ташаккули вазъи тоқатнопазири аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба терроризм, ошкор, пешгирӣ ва қатъ намудани

[118] Хидирзода М.У. Нақши иттилоот ва муқовимати иттилоотӣ дар шаклгирии шуури омма (дар ҳошияи мақолаи С.Ятимов «Равоншиносии ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ» (дар доираи шуури муқаррарӣ) //Ҷумҳурият, 7 апрели соли 2016, №67 (22889).

фаъолияти террористӣ, бартараф кардани сабаб ва шароитҳои пайдоиши терроризм мебошад, баҳри таҳким бахшидани фаъолият дар ин самт мусоидат намуда истодааст. Тибқи муқаррароти моддаи 6 қонуни мазкур мубориза бар зидди терроризм яке аз вазифаҳои афзалиятноки давлат буда, функсияи худро дар ин соҳа тавассути мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ амалӣ менамояд.

Бо дарназардошти пурзӯр гаштани таҳдидҳои амалҳои террористӣ ва экстремистӣ дар кишварҳои гуногуни минтақа ва ҷаҳон Ҷумҳурии Тоҷикистон **Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020- ро қабул намуд.** Таҷрибаи байналмилалӣ ва ватании муқовимат бо экстремизм ва терроризм собит менамояд, ки муваффақ шудан дар ин ҷода таҳия ва амалӣ намудани чорабиниҳои маҷмӯии ба бартараф намудани омилҳои мафкуравӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва ниҳодии фаъолшавии онҳо равонашударо тақозо менамояд. Дар муқаддимаи ҳуҷҷати мазкур омадааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эҳсоси таҳдидҳои афзояндаи экстремизм ва терроризм ба амнияти миллӣ ва рушди босуботи худ ба пайгирӣ аз ҷомеаи ҷаҳонӣ ва кишварҳои минтақа, муборизаро дар ин самт пурзӯр менамояд.

Созмонҳои экстремистӣ ва террористӣ фаъолияташонро вобаста ба паҳн намудани ғояҳои тундравона, барангехтани кинаю адоват ва низои мазҳабӣ дар ҷомеа, ба сафҳои худ ҷалб намудани ҷавонон ва содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ пурзӯр намуда, мехоҳанд сохти ҷамъиятӣ-сиёсии ин ё он кишварро бо роҳи зӯроварӣ тағйир диҳанд.[119] Яъне, дар назар бояд гирифт, ки экстремизму терроризм ҳамчун зуҳуроти харобиовар ба ҳастии инсоният таҳдид намуда, рӯз ба рӯз усул ва тарзи муборизаи худро гуногун намуда, талош мекунад то дар муҳитҳои гуногуни иҷтимоӣ баҳри худ замина фароҳам оварад. Бинобар ин Тоҷикистон бо дарназардошти ин хусусият кӯшиш

[119] Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020.

намуда истодааст, ки дар масири мубориза зарбаҳои ҳадафнок расонида тавонад.

Дар ҳуҷҷати мазкур самтҳои афзалиятноки мубориза ба муқобили экстремизму терроризм муайян карда шудаанд, аз он ҷумла, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа ва ҳифзи иҷтимоӣ-ҳуқуқии шахс, бартараф намудани омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодии экстремизм ва тундгароии ба терроризм баранда, ташаккули андешаи миллӣ ва пурзӯр намудани корҳои мафкуравӣ, пешгирии экстремизм ва ташаккули фарҳанги таҳаммулгароӣ дар муҳити динӣ, Огоҳонӣ аз экстремизм ва тундгароӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонон, муқовимат ба истифодаи Интернет бо мақсадҳои экстремистӣ ва террористӣ, кор бо муҳоҷирони меҳнатӣ, пешгирии паҳншавии ақидаҳои экстремистӣ ва тундгароӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ, пешгирӣ аз экстремизм ва тундгароӣ дар байни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ, такмили чораҳои таъқиб ва ҷавобгарӣ барои амалҳои экстремистӣ ва террористӣ, иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ дар муқовимат ба экстремизм ва террориз мебошанд.

Узвияти Тоҷикистон дар ин ташкилотҳо, бахусус ташкилоту созмонҳо минтақавӣ дар самти таъмини самаранокии муқовиматҳои дастаҷамъона ба муқобили терроризм ва экстремизм дар замони муосир бисёр муҳим арзёбӣ мегардад.

Созмони ҳамкориҳои Шанхай дар ин раванд яке аз созмонҳои бонуфуз дар самти таъмини ҳамгироии давлатҳои Авруосиё ба ҳисоб рафта, намунаи беҳтарини ҳамгироӣ дар мубориза ба муқобили ифротгароӣ ва терроризм маҳсуб меёбад.Ҳамаи давлатҳои аъзои ин созмон дар масъалаи тақвияти ҳамкориҳои иқтисодию фарҳангӣ, мубориза бо террроризми байналмилалӣ ва таъмини сулҳу субот дар Афғонистон мавқеи ягона дошта, ҳамчун минтақаи нави ҷаҳонӣ дар самти таъмини ҳамгироии қувва ва мавқеъ сол ба сол пурқувват гашта истодааст. Васеъшавии функсионалии ташкилот аз ҳисоби мақоми

нозирро гирифтани Ҳиндустон, Покистон, Эрон, Муғулистон ва Афғонистон диққати қувваҳои зарурии геополитикиро ба худ ҷабл намуд, ки дар натиҷа омили аз панҷгонаи Шанхай ба Созмони ҳамкориҳои Шанхай мубаддал гашт.

Ташкилоти дигари бонуфуз дар доираи ҳамкориҳои минтақавӣ ва пасошуравӣ ин Созмони паймони амнияти дастаҷамъӣ мебошад, ки ҳадафи асосии он таъмини амнияту субот дар як қатор кишварҳои пасошӯравии узви он мебошад. Дар ойинномаи ин созмон омадааст, ки "Мақсади созмон мустаҳкам намудани сулҳ, амният ва суботи минтақавию байналмилалӣ, дар асоси дастаҷамъӣ ҳифз намудани тамомияти арзӣ ва истиқлолияти давлатҳои аъзо" мебошад. 2 декабри соли 2004 Созмони Милали Муттаҳид ба СПХД мақоми нозирро дар Ассамблеяи Генералӣ дод, ки нишонаи эътирофи байналмилалии ин созмон маҳсуб меёбад. Дар заминаи созмони мазкур соли 2009 қувваҳои дастаҷамъии вокуниши фаврӣ таъсис дода шуданд, ки вазифаи асосии он ҷавоби сазовору саривақтӣ додан ба тамоми таҷовузҳои ишғолгарона мебошад.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки аҳамияти функсионалии давлат дар тағйирпазирии муносибатҳои иҷтимоӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ бамаротиб афзуда, ҳамчун институти иҷтимоӣ дар ҷомеа вазифадор аст баҳри таъмини ягонагӣ ва ҳамгироӣ, фаъолияти муназзами институтҳои дигари иҷтимоӣ,таъмини амният ва субот дар ҳудудҳои худ, ҳифзи манфиатҳои миллию давлатӣ, таъмини тағйирпазирии муътадил, муқовимат ба таҳдидҳои терроризму экстремизм иқтидори худро афзун намояд. Дар ин замина ба инобат гирифтани омилҳои тафаккурсоз, аз ҷониби давлат самаранок истифода намудани механизмҳои гуногуни таъсиррасонӣ, тағйирпазирии муносибатҳои сиёсӣ вобаста ба талаботи ҷомеа ва равандҳои ҷаҳонишавӣ низ зарур мебошад. Таҳлили болозикр муайян намуд, ки

аҳамияти функсионалии давлат вобаста ба тағйирпазирии муносибатҳои иҷтимоӣ дар амалҳои зерин аён мегардад:

- давлат ҳамчун институти иҷтимоию сиёсии ҷомеа вазифадор аст тағйирпазирии муносибатҳои сиёсиро тавассути стратегияи муайяни коркардшуда ба амал оварда, бо ҳамин васила баҳри рушди муътадили муносибатҳо замина фароҳам оварад. Бе таъмини тағйирпазирии муътадил давлат наметавонад дар шароити ҷаҳонишавӣ дар муайян ва татбиқ намудани манфиатҳои ҷомеа муваффақ гардад, зеро талаботи рузафзуни иҷтимоӣ ин талаботро пеш гузошта,аз диди функсионалӣ давлатро вазифадор месозад, то бо дарназардошти таҳаввулоти дар ҷаҳон рухдиҳанда воқеияти сиёсии ҳаёти ҷамъиятиро ба ин талаботҳо ҷавобгӯ намояд;
- муносибатҳои сиёсӣ дар замони ҷаҳонишавӣ ба худ хусусияти системавӣ, ва ҳатто дар баъзе ҳолатҳо ба таври хаотикӣ, тағйирёбанда касб намуда, тақозо менамоянд, ки ин хусусиятҳо дар муҳити иҷтимоӣ ба инобат гирифта шаванд. Аз ин нуқтаи назар, давлат қудрат дорад то ҳамаи тағйиротҳои бавуқӯъояндаро ба низоми муайян даровардa, баҳри ташаккули муносибатҳои сиёсии ба эҳтироми манфиатҳои якдигар нигаронидашуда мусоидат намояд. Дар ин раванд субъектҳои сиёсат низ вазифадоранд бо риояи меъёрҳои фарҳанги баланди сиёсӣ байни якдигар муносибат намоянд;
- яке аз функсияҳои калидии давлат дар марҳилаи ҷаҳонишавӣ ин амалӣ намудани чораҳо баҳри ҳифзи ҳуввияти миллӣ мебошад, зеро давлати миллӣ бе иҷрои ин вазифаи муҳим наметавонад пойдории истиқлолияти худро таъмин намояд. Функсияи асосии давлат дар ин маврид устувор намудани андешаи миллӣ, тарбияи ифтихори миллӣ ва боло бурдани эҳсоси худшиносии миллӣ мебошад, то ҳар як шаҳрванди он тавонад мансубияти

худро ба ин миллат шиносад ва баҳри таҳкими ин эҳсос дар ҷомеа талош намояд;

- аҳамияти функсионалии давлат баҳри ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ дар замони пурзӯршавии омезиши шадиди арзишҳо бағоят калон буда, тақозо менамояд, то кӯчактарин рукни фарҳанги миллӣ ҳифз карда шаванд, зеро таҳдидҳои фарҳангӣ ҷузъи таркибии таҳоҷумҳои муосир маҳсуб ёфта, мақсади асосии онҳо тавассути махлутсозӣ ва нест намудани фарҳанги миллӣ нест намудани миллатҳо бо роҳҳои осоишта мебошад;
- замони муосир тақозо менамояд, то функсияи муқовиматии давлат дар рӯ ба рӯйи таҳоҷумҳои иттилоотӣ низ пурзӯр гардонида шавад. Чуноне ки аз таҳлилҳо бармеояд, иттилоот дар замони муосир василаи татбиқи ҳадафҳо ва мақсадҳои қувваҳои гуногуни геополикӣ гашта, ҳамчун аслиҳаи таъсиррасон ба мафкура ва зеҳни инсонҳо васеъ истифода шуда истодааст. Дар чунин шароит аз давлат тақозо мегардад, ки қобилияти муқовиматии худро такмил дода, баҳри ҳифзи мафкураи ҷомеа аз таъсирҳои беруна ва дохилии ғаразнок ҳифз намояд;
- хатарҳои замони муосир дар назди давлатҳо вазифа мегузорад, то баҳри муваффақ гаштан дар муқобили ҳатарҳои хусусияти глобалидошта аз механизмҳои ҳамкории минтақавӣ ва ҷаҳонӣ васеъ истифода баранд. Дар ин самт вазифаҳои берунаи давлат тақвияти бештар пайдо намуда, самтҳои ҳамкорӣ васеъ мешаванд. Дар мисоли воқеияти имрӯзаи ҷаҳон маҳз ҳамкориҳои минтақавию ҷаҳонӣ дар самти мубориза бо терроризм ва экстремизм метавонанд баҳри таъмини яке аз вазифаҳои асосии давлат – таъмини суботу амният нақши босазо дошта бошад.

# ХУЛОСА

Таҳлил ва омӯзиши мавзӯи «Нақши давлат дар тағйирпазирии системаи сиёсӣ дар шароити муосири иҷтимоию сиёсии Тоҷикистон» нишон медиҳад, ки он бисёрҷанба буда, таҳқиқи он дар доираи илми сиёсӣ ҷиҳати шинохти моҳияти равандҳои дар ин масир суратгиранда аҳамияти махсуси илмию назариявӣ дорад. Аз ин рӯ, дар чаҳорчӯбаи пажӯҳиши мо мутобиқ ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мо кӯшиш намудем, то ба ҷанбаҳои назариявию методологии омӯзиши системаи сиёсӣ ва таҳлили сохтории он, хусусиятҳои таҳлили сохторию функсионалии он, давлат ҳамчун институтии асосии системаи сиёсӣ ва таъсири он ба раванди тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ, тағйирпазирии системаи сиёсӣ дар шароити истиқлолияти давлатӣ,заминаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва иҷтимоию таърихии ташаккули давлати соҳибистиқлоли тоҷикон, раванди демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ дар шароити соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва аҳамияти функсионалии давлат дар такмили муносибатҳои сиёсӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ аз диди таҳлилӣ муносибат намуда, хусусиятҳо ва тамоюлҳои рушди давлати соҳибистиқлолро дар самтҳои мазкур муайян намоем.

Дар доираи таҳқиқоти худ дар асоси таҳқиқи дақиқи омилҳои мушаххаси иҷтимоию сиёсӣ раванди ташаккулёбӣ ва рушди имрӯзаи Тоҷикистони соҳибистиқлолро таҳлил намуда, қонуниятҳои инкишофи онро муайян намоем. Бо дарназардошти таҷрибаи таърихӣ мо ба хулосае омадем, ки пайдоиши ғояҳои истиқлолхоҳӣ решаҳои амиқи таърихӣ дошта, ҳанӯз аз асрҳои 1Х ва Х сарчашма мегиранд. Ташаккули давлатдории нахустини тоҷикон –давлати Сомониён, сипас, аз даст додани он ва тӯли ҳазорсолаҳо бе давлати миллӣ мондан сабақи таърихие мебошад, ки дар марҳилаҳои минбаъдаи таърихӣ баҳри ба қадри ин неъмат расидан мардуми тоҷикро водор менамуд.

Сипас, дар соли 1924 ноил гаштан ба эътирофи сиёсӣ ва эълон гаштани Ҷумҳурии мухтор ва баъди чанде соли 1929 эълон гаштани Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон имкониятҳои мусоиди таърихие буданд, ки баҳри шинохти ҳувият, ташаккули худшиносии миллӣ ва тамомияти марзию маъмурӣ мусоидат намуда, истиқлоли имрӯзаи моро заминагузор гаштанд.

Таҳлили омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангию сиёсӣ нишон медиҳанд, ки кишвари мо дар тӯли давраи чорякасраи истиқлолияти худ мушкилиҳои зиёдеро, аз қабили низои шаҳрвандӣ ва бӯҳрони амиқи маънавию иқтисодӣ паси сар намуда, дар ин масир бо ҷавҳари ғайриинсонии қувваҳои ифротгаро, тундгароии динӣ ва манфиатталабии сиёсии субъектҳои дохилӣ ва хориҷӣ рӯ ба рӯ гашт. Ба ҳамаи ин мушкилиҳо нигоҳ накарда, дар масири таъмини истиқлолияти комили худ муваффақиятҳои назаррас ба даст оварда, худро ҳамчун давлати мустақил ва суъекти комилҳуқуқ дар муносибатҳои байналмилалӣ муаррифӣ намуд.

Дар шароити муосир Тоҷикистони соҳибистиқлол раванди тағйирпазирии системаи сиёсии худро муваффақона ва самаранок амалӣ намуда, ҷиҳати устувор гардонидани пояҳои истиқлолияти худ пайваста чораҳои мушаххас андешида истодааст, зеро шароити кунунӣ тақозо менамояд, то дар раванди умумии ҷаҳонишавӣ ҳувият ва ягонагии миллат нигоҳ дошта шуда, давлат имконият пайдо намояд, то аз худ дар мушкилтарин шароитҳои дифоъ намуда тавонад. Ҳадафи асосии имрӯзаи давлати Тоҷикистон ин таъмини суботи сиёсӣ, ҳамдигарфаҳмӣ байни субъектҳои гуногуни муносибатҳои ҷамъиятӣ дар кишвар, ҳимояи манфиатҳои миллию давлатӣ дар шароити дигаргуншавии муносибатҳои байналмилалӣ ва ташаккули тартиботи нави ҷаҳонӣ мебошад.

Таҳлили мавзӯъ нишон дод, ки омӯзиши системаи сиёсӣ ва хусусиятҳои таҳлили сохторию функсионалии он аз диди назариявӣ ва амалӣ баҳри таҳқиқи мавзӯи мазкур зарур буда, дар ин замина системаи

сиёсӣ ҳамчун муҳити муносиб барои фаъолияти тамоми ниҳодҳои дигари сиёсӣ, аз он ҷумла давлат ба ҳисоб рафта, дар доираи он муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ ба амал баровардa мешаванд. Ҳамин аст, ки давлат ҳамчун институти асосии системаи сиёсӣ ба раванди тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсири бевосита дошта, дар доираи он низоми нави ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ ташаккул дода мешавад.

Таҳлили омилҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва маънавию ғоявӣ имконият медиҳад собит созем, ки кишвари мо дар ҳама соҳаҳо баҳри ташаккули муносибатҳои сиёсии сифатан нав ва ба фарҳанги волои сиёсӣ асосёфта талош намуда, ба он мақсади гузоштаи худ муваффақ ҳам гаштааст. Таҳия ва татбиқи стратегияҳои гуногуни таъмини рушди кишвар имкон дод, то Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои захираҳои бойи энергетикӣ, низоми ба суботу амният асосёфта, дорои захираҳои боэътимоди инсонӣ муаррифӣ гардад.

Дар рафти омӯзиши масъала мо якчанд равандҳои ошкор ва асоснок намудем, ки баҳри таъмини рушди минбаъдаи кишвар метавонад нақши босазо дошта бошанд:

-таҳкими ваҳдати миллӣ ва ягонагии кишвар дар заминаи эҳтиром ба принсипҳои конститутсионӣ, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, волоияти қонун ва суботи ҷомеа;

-таҳким ва рушди минбаъдаи худшиносии миллӣ, боло бурдани эҳсоси ифтихори ватандорӣ, ҳимояи арзишҳои фарҳанги миллӣ, густариши робитаҳои иҷтимоӣ тавассути пурзӯр намудани чорабиниҳои хусусияти идеологӣ ва маърифатидошта;

-таъмини рушди босуботи демократия бо назардошти тағйирпазирии муносибатҳои иҷтимоию сиёсӣ, фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодия ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, густариши минбаъдаи асосҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, баланд бардоштани фаъолнокӣ, ташаббускорӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ;

-таъмини тағйирпазирии муттасили системаи сиёсӣ тавассути гузаронидани ислоҳоти сохторӣ, баланд бардоштани самаранокии имкониятҳо ва захираҳои инсонӣ, механизмҳои идоракунӣ ва ҳамгирои ичтимоӣ;

-ташаккули ниҳоди нави сарварӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол бахри рушди равандҳои созанда мусоидат намуда, таҳаввули муносибатҳо дар ин самт боиси устуворгардии идоракунии самараноки давлат гашта, шахсияте ба сари қудрат омад, ки таърихи нави давлатдориро асосгузор гашт.

Таҳлилҳо маълум намуданд, ки тағйирпазирии системаи сиёсӣ дар Тоҷикистон дар шароити вазнини иқтисодию ичтимоӣ оғоз гардида бошад ҳам, ин марҳила аз ҷиҳати самаранокӣ ва сурати баланди дигаргуниҳо фарқ мекунад. Шикасти низоми шӯравӣ, ки бахри авҷи истиқлолхоҳӣ ва боло рафтани талошҳои гурӯҳҳои гуногуни ичтимоӣ дар ин самт мусоидат намуданд, ҷиҳати фароҳам омадани заминаҳои объективӣ ва субъективӣ дар самти ташаккули давлати мустақили миллӣ нақши муҳим бозид.

Марҳилаи низои байни тоҷикон ҳамчун марҳилаи мушкил дар масири давлатсозӣ эътироф гашта, ҳамзамон ба мавҷудияти масоили гуногуни ба амнияту суботи давлат ва ҳифзи манфиатҳои миллию давлатӣ алоқаманд равшанӣ андохт. Ин таҷрибаи талхи таърихӣ собит намуд, ки пойдор нигоҳ доштани давлати мустақил дар шароити дигаргуншавии рӯзафзуни ҷаҳон тақвияти амал ва механизмҳои гуногуни сиёсиро тақозо менамояд, ки давлат дар дораи вазифаҳои функсионалии худ бояд онҳоро иҷро намояд. Дар ҳамин асос, дар марҳилаи барқарорсозии баъди низоъ дигаргуниҳои муҳими институтсионалӣ дар низоми идоракунии давлатӣ ба вуҷуд омада, сохтори давлатӣ ба талаботҳои замон мутобиқ гардонида шуданд.

Яке аз дастовардҳои муҳим дар ин давра ин ташаккули фарҳанги нави сиёсӣ дар ҷомеа ба ҳисоб мерафт, ки дар худ маҷмӯи

банизомдаровардашудаи арзишҳо, принсипҳо, меъёрҳо, ақидаҳо ва қоидаҳои нави муносибатҳои ҷамъиятиро инъикос мекарданд. Ба сифати арзишҳои муҳими фарҳанги нави сиёсӣ таҳаммулпазирӣ, эҳтироми ақидаи рақиби сиёсӣ, гузашт кардан, ба созиш моил будан, гӯш карда тавонистан, новобаста ба тафовути мавқеъҳо ва манфиатҳо, тақсим карда тавонистани қудрати сиёсӣ хос буданд. Маҳз татбиқи ҳамин арзишҳо дар марҳилаи бисёр мушкил ва ҳассоси барқарорсозии баъдинизоӣ баҳри ташаккули муносибатҳои сифатан нави иҷтимоию сиёсӣ мусоидат намуданд.

Маҳаки тамоми тағйироти иҷтимоии ба вуҷудомадаро маҳз ташаккули системаи нави сиёсӣ ташкил медиҳад, ки ба он режими демократӣ, дунявӣ ва иҷтимоию ҳуқуқбунёд будан хос мебошад. Мардум ҳамчун манбаи ҳокимияти сиёсӣ шинохта шуда, баробарии ҳама новобаста аз дину мазҳаб, миллату нажод ва сатҳи иҷтимоӣ эътироф карда мешавад. Дар ҳамин замина системаи сиёсӣ тамоми дигар ниҳодҳои таркибии худро мувазզаф менамояд, то фаъолияти онҳо ба мақсади гузашташуда мувофиқ бошад.

Ҷаҳорчӯбаи муайяннамудаи қонунгузории Тоҷикистон имконият медиҳад, то дар ин доира фаъолияти ҳар як шахс озодона таъмин карда шуда, манфиатҳои давлат ва ҷомеа ҳифз карда шаванд. Ҳамаи ин нишонаи он аст, ки идоракунии дурусти сиёсӣ, дуруст муайян карда тавонистани афзалиятҳо дар роҳи рушд, ба даст овардани боварӣ ва эътимоди мардум омилҳои муҳим дар роҳи ба мақсад расонидани давлат мегардад.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки қариб тӯли тамоми таҳқиқи мавзӯъ матраҳ карда мешавад, ин нақши ташаккули идеалҳои мустақилият ва озодӣ дар инсонҳо мебояд. Хулосаи асосӣ он аст, ки агар дар зеҳн ва вуҷуди инсонҳо таассурот ва ё арзиши ин мафҳумҳоро дуруст ташаккул диҳем, эҳсоси ватандӯстӣ ва ифтихори миллию ватандории шахс боло рафта, дар роҳи дифоъ аз манфиатҳои муҳимми давлатию миллӣ нақши субъекти

асосии сиёсат _ шахс фыаъол мегардад. Дар самти таҳкими пояҳои истиқлолият ва озодӣ маҳз сармояи инсонӣ нерӯи пурқувват буда, қодир аст баҳри татбиқи самараноки ин ҳадафҳо нақши бориз дошта бошад.

Бо дарназардошти таҳқиқи гузаронидашуда метавон хулоса намуд:

- раванди тағйирпазирии системаи сиёсӣ раванди давомнок, зина ба зина ва дорои стратегияи муайян буда, нақши давлат дар ин масир бениҳоят калон мебошад. Масъалаи мазкур дорои ҷанбаҳои назариявию методологии муайян буда, омӯзиш ва таҳлили сохтории он имконият дод, то дар доираи назариясиёсии мавҷуда он ба ҷузъиёташ таҳлитл карда шавад. Дар натиҷа мавқеъ ва нақши ҳар ҷузъиёти он муайян карда шуда, нақши давлат ҳамчун ниҳоди асосии иҷтимоию сиёсӣ асоснок гардонида шуд. Аз диди сохторию функсионалӣ давлат ҳамчун ниҳоде баромад мекунад, ки идоракунии самараноки тамоми ҷомеа, аз он ҷумла метавонад банизомдарории фаъолияти дигар ҷузъҳои системаи сиёсиро дар дохили худ низ танзим намояд;

- таҳлил ва омӯзиши мавзуъ муайян намуд, ки давлат ҳамчун институтии асосии системаи сиёсӣ дар шаклгирии муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсири амиқ гузошта, аз диди ақидавӣ ва рафторӣ қодир аст ин муносибатҳоро танзим намояд. Муносибатҳои дар дохили давлат ба вуҷудоянда ифодакунандаи шуур ва маърифати сиёсии аъзои он буда, таҳавуллоти ин падидаҳои муҳим фаъолияти мақсадноки механизмҳои гуногуни иҷтимоиро тақозо менамояд, то ин ки фазои ягонаи ғоявӣ дар ҷомеа нигоҳ дошта шавад. Раванди тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ аз омилҳои гуногун вобаста буда, нақши давлат дар муҳайё намудани ин заминаҳо назаррас аст;

- омӯзиши заминаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва иҷтимоию таърихии ташаккули давлати соҳибистиқлоли тоҷикон нишон дод, ки шароити мусоиди таърихию сиёсӣ, мавҷудияти талошҳои истиқлол ва озодихоҳӣ, ташаккули фазои сиёсии байналмилалии мусоид барои дифоъ намудан аз ҳуввият ва ягонагии миллӣ ва имконияти камназири сиёсӣ баҳри

соҳибдавлат гаштан заминаҳо ва сабабҳои асосии ташаккули давлатдории навини тоҷикон гашт. Вале шароити зудтағйирёбанда давлати ҷавонро ба вартаи ҷанг тела дода, ҳастии минбаъдаашро зери хатар гузошт. Фақаи идоракунии самараноки сиёсӣ, фаъолияти ниҳоди нави сарварӣ зери роҳбарии Пешвои муаззами миллат тавонист ин хатарҳоро бартараф намояд ва давлатро пойдор гардонад. Бо назардошти ин воқеияти таърихӣ зарур аст, таҷрибаи низоъ ва сулҳи тоҷикон пайваста мавриди омӯзиш қарор дода шуда, барои дар оянда пешгирӣ кардан аз омилҳои низооъовари эҳтимолӣ истифода бурдан зарур аст;

- таҳлили раванди демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ дар шароити соҳибистиқлолии Тоҷикистон нишон дод, ки он дар Тоҷикистон хусусиятҳои хоси худро дошта, раванди мардумсолорӣ аз амалӣ намудани ҳуқуқу манфиат ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд оғоз ёфта, минбаъд то ташаккули идораи демократӣ омада расидааст. Шинохти дурусти арзишҳои демократия, дарки иҷтимоии тамоми меъёрҳои муқаррарнамудаи демократӣ ва дар дар доиараи онҳо зиндагӣ намудан рукни муҳими зиндагии муосири шахсро дар кишвар ташкил дода, баҳри таҳкими ин равандҳо ҳама заминаҳо фароҳам оварда шудаанд. Бо мақсади минбаъд густариш додани ин раванд тақвияти фаъолият дар самти таъмини ҳамкории зичи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги сиёсии демократӣ, боло бурдани сатҳи эътимоди мардум ба ҳокимият зарур мебошад. Ҳамчунин, дар назар бояд гирифт, ки технологияҳои нави “интиқоли демократияи Ғарб” барои кишвари мо тарҳи хатарнок буда, ҳадафи он ба даст овардани мақсадҳои муайяни геополитикӣ мебошад. Бинобар ин бо ҳама роҳу восита баҳри таъмини амнияти давлат аз чунин технологияҳои хатарнок пешгирӣ бояд намуд;

- омӯзиши аҳамияти функсионалии давлат дар такмили муносибатҳои сиёсӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ муайян намуд, ки дар

шароити муосир яке аз вазифаҳои асосӣ ин тақвияти фаъолият дар самти устуворгардонии ғоявии ҷомеа, қавигардонии фазои идеологӣ, бакорандозии механизмҳои пурқуввати ташаккулдиҳандаи афкори омма ва тафаккури созанда дар ҷомеа мебошад. Мақсаднок истифода бурда тавонистани техника ва технологияҳои нави иттилоотӣ баҳри ҳимояи манфиатҳои давлат ва ҷомеа, аз таҳдидҳои терроризму экстремизм эмин нигоҳ доштани он аҳамияти махсуси функсионалиро барои давлат пайдо мекунанд. Маҳз аз ҳамин сабаб, функсияи муҳофизатии давлат бояд тақвият ёфта, он ба ҳамаи хатару таҳдидҳои пайдошаванда муқовимат карда тавонад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Абальмаз В.В. Теоретические аспекты в современных политических системах // Экономика и социум. – 2016. – № 11-1 (30). – С. 17-23.
2. Абдуллоҳи Раҳнамо. Ҳизби динӣ ва давлати дунявӣ. – Душанбе, 2008. 226с.
3. Абдуллоҳи Раҳнамо. Ислом ва амнияти миллӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе, 2011. 297с.
4. Азамов Х.С. Демократическое и правовое государство. – Душанбе, 2011. 159 с.
5. Азаров А.И., Болховитина Т.С. Политическая система общества в контексте общей теории систем // Открытое образование. – 2011. – № 2-2. – С. 162-166.
6. Алагоз А.В. Влияние национально-этнических особенностей на политическую систему государства // Политические институты и процессы. –2015. – № 2. – С. 72-74.
7. Алексеева Т.А. Современные политические теории.- М., 2002 г.- 479с.
8. Ализода Б.П., Абдухоликов А.М.,Искандаров Қ.И., Ниёзов А.С.,
9. Нуриддинов. Муколамаи давлат ва дин дар Тоҷикистон. – Душанбе,
10. 2010. - 225с.
11. Амонов Р. Факторы национального единения и возрождения Таджикистана. – Душанбе, 1999. - 31с.
12. Андреев С. Политические системы и политическая организация общества// Соц-полит. науки.-1992., №1.-С.8-12.
13. Анилионис Г.П., Зотова Н.А. Глобальный мир единый и разделенный.- М., 2005 г., -686с.
14. Ануфриев С.С. Политическая система и политическая организация
15. общества // Социально-политические науки. – 1992. – №2.- С.54-67.

16. Анцупов А.Я., Шипилов А.И Конфликтология. -М., 2002. - 551с.
17. Асадуллоев Р. Н. Молодёжь в процессах демократизации общественной жизни страны (на примере РеспубликиТаджикистан). – Душанбе, 2004. - 143с.
18. Асрориён Ҷ. Дирафши хосаи Наврӯз//Дин ва ҷомеа. - Душанбе,2015.- С.24-29.
19. Ахмедов Б. Прочность мира в Таджикистане - историческая необходимость // Исторический опыт миротворчествав Таджикистане. – Душанбе, 2001.- С. 164-165.
20. Ачкасов В.А., Елисеев С.М., Ланцев С.А.Легитимация власти в постсоциалистическом Российском обществе. - М., 1996.- 125с.
21. Ашӯров С. Б. Государственная молодёжная политика Таджикистана: состояния и перспективы. – Душанбе, 2002. - 236с.
22. Баранов О.Н., Голицын В. А., Терещенко В.В. Глобальное управление. -М., 2006 г. - 256с.
23. Бард А., Зодерквист Я. Новая правящая элита и жизнь после капитализма. - СПб., 2004.-252с.
24. Бауман З. Глобализация. Последствия для человека и общества. М., 2004 г. -88с.
25. Бауман, З. Национальное государство - что дальше? / З. Бауман // Отечественные записки. -2002. - №> 6 (7). - С. 419-435.
26. Бек У. Власть и ее оппоненты в эпоху глобализма. Новая всемирно-политическая экономия / У Бек. - М. : Прогресс-Традиция : Изд. дом «Территория будущего», 2007. - 464 с.
27. Бек У.Трансформация политики государства в эпоху глобализации Свободная мысль XX1, 2004г., № 7. - С.111-140.
28. Бек У. Космополитическая Европа: реальность и утопия. Свободная мысль-XX1. 2007 г., №3.-С.31-45.
29. Белов Г.А. Политология. Учебное пособие.- М., 2004. - 302с.

30. Белов Г.А. Функции политической системы. // Кентавр, 1995. - С.3-25.
31. Биндюков Н.Г. Глобализация и Россия: парадигма, социально-политический аспект, стратегия левых сил. М., 2004 г. - 368с.
32. Борзова Е.П., Бурдукова И.И. Культура и политические системы стран Востока. Учебное пособие. –СПб.: СПбКО, 2008. – 384 с.
33. Бузгалин А. Глобализация сопротивления: борьба в мире. - М., 2005 г., - 304с.
34. Буриева М.Б.Особенности развития политической системы Таджикистана: ее влияние на внуреннюю и внешнюю политику/ Автореф.дис.канд полит. наук. - М., 2006.- 23с.
35. Валлерстайн И. Анализ мировых систем и ситуация в современном мире. - М., 2001 г. - 415с.
36. Венгеров А.Б. Теорема государство и права: учебник для вузов А.Б.Венгеров. - М.: Омега-Л., 2011. - 608с.
37. Власов А.В.Теория права и государства. - М., 2011. - 219с.
38. Воронцов С.А. Взаимоотношения политических и религиозных систем: философско-правовой анализ. Монография. –Ростов на Дону, 2016. –192 с.
39. Воскресенский А.Д. Политические системы и политические культуры Востока. Монография. 2-е изд. перераб. и доп. - М.: АСТ, 2007. - 829 с.
40. Воскресенский А.Д. Политические системы и модели демократии на Востоке. Монография. –М.: Аспект - Пресс, 2007. - 190 с.
41. Гаджиев К.С.Политическое наука.- М., 1994.- 400с.
42. Ганиев Т.Б. Технологияи навини медаименеҷмент ва суръатнокии таълимоти касбии мактаби сарварӣ//Идоракунии давлатӣ, 2016, №2(30).- С. 107-116
43. Гафуров Б.Г.Таджики: древнейшая, древня, средневековая и новейшая история. – Душанбе, 1998. - 375с.

44. Гегель Г.В. Лекции по философии религии.//Гегель Г. Философия религии. - М., 1977. Т.2. - С.342.
45. Гиёев К. Национальные интересы: социально-философские аспекты. – Душанбе, 2000, - 231с.
46. Гимпельсон Е.Г. Новая экономическая политика и советская политическая система: 20-е годы. Монография. –М.: ИРИ РАН, 2000. –439 с.
47. Горбачев С.Б.Государство как сложная самоорганизующаяся система: роль в политических процессах. Монография. - Уфа, 2009. - 124 с.
48. Государство, демократия, парламентаризм. Курс политологии для высших учебных заведений в схемах, таблицах, цифрах.- Краснодар, 2004. - 261с.
49. Гринин Л.Е. Государство и исторический процесс. Политический срез исторического процесса. - М., 2007 г., 363с.
50. Гринин JI.Е. Государство и исторический процесс. Эпоха формирования государства. - М. 2007 г. - 272с.
51. Дадабаева З.А. Особенности эволюции национальных отношений в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2002. - 296с.
52. Даль Р. О демократии. - М., 2000. - 208с.
53. Дегтярева М.И. Разработка понятия «суверенитет» Жаном Боденом. -Полис, 2000 г., №3.157-169.
54. Дегтярёв А. А. Политика сфера общественной жизни.// Социально-политический журнал, 1997, №2.- С.94-107.
55. Дербишайр Дж.Д., Дербишайр Я. Политические системы стран мира. Том 1. - М.: Рипол Классик, 2004. - 512 с.
56. Дербишайр Дж.Д., Дербишайр Я. Политические системы стран мира. Том 2. –М.: Рипол Классик, 2004. – 496 с.

57.Дмитров Ю.А. Соотношение понятий политической и государственной власти в условиях формирования гражданского общества // Государства и права.- 1994, № 7. - С.28-34.
58.Добреньков В.И. Проблемы построения стратегического сообщества на основе положений Окинавской Хартии// Добреньков В.И. Глобальная информатизация и безопасность России. Материалы
59.круглого стола «Глобальная информатизация и социально-гуманитарные проблемы человека, культуры, общества»/Под ред. Добренькова В.И. - М., 2001.- С.23.
60.Добрынина М.И., Осинский И.И. Политическая система общества. Учебное пособие. – Улан-Удэ: изд-во Бурятского госуниверситета, 2002. –182 с.
61.Долуцкий И.И., Ворожейкина Т.Е. Политические системы в России и СССР в XX веке. В 4 т. – Т.1. –М.: Университет, 2008. – 440 с.
62.Дорожкин Ю.Н., Шкель С.Н. Политическая система Российской Федерации и зарубежных стран. Учебное пособие. –Уфа: УГНТУ, 2008. –334 с.
63. Дюверже М. Политические институты и конституционное право. Антология мировой политической мысли в 5-ти томах. Т.2. - 707с.
64.Евсеева Л.И. Политическая система: проблема стабильности политической практики // Актуальные проблемы современной политической науки. – СПб., 2015. – С.38-48.
65.Еньшина Е.В. Институты власти и общества в современных политических системах // Вестник Забайкальского государственного университета. – 2017. – Т. 23. – № 9. – С. 84-92.
66.Заемский В. Современные проблемы миротворческой деятельности ООН. №2, 2009 г.- С.130-138.
67.Зокиров Н.Г. Системаи сиёсӣ: масъалаҳои рӯз ва дурнамои инкишоф.Душанбе, 2011. - 350с.

68.Зокиров Г. Давлат. Қ.1. – Душанбе, 2012. - 384 с.
69.Зокиров Г.Давлати тавоно. – Душанбе, 2018. - 59 с.
70.Зотова З.М. Власть и общество: проблемы взаимодействия / Под общей редакцией С.А. Попова. - М., 2001. - 528с.
71.Иванников И.А. Общая теория государства и права: учебное пособие для вузов/И.А.Иванников. - М., Дашков И. К., 2007.- 392с.
72.Идиев Х.У. Тоҷикистон дар масири тағйироти иҷтимоӣ. – Душанбе, 2016. - 119с.
73.Идиев Х. Фалсафаи иҷтимоӣ. – Душанбе, 2013.- 234с.
74.Каверзин М.Ю. Государство и местное самоуправление: проблемы взаимодействия // Вестник Российского университета дружбы народов.Сер.: Политология. - 2003.- № 4. - С. 13-19.
75.Качановский Ю. Создать новую политическую систему // Вестник Хабаровского государственного университета экономики и права. – 2008. – № 1. – С. 78-79.
76. Кларк Р., Нейк Р. Третья мировая война. Какой она будет? - СПб.:Питер,2011. - 336с.
77.Колесникова Г.И. Неосознаваемый механизм выбора социального действия // Материалы международной научно-практической конференции.- Нижний Новгород: Изд-во НФ УРАО, 2011. - 98 с.
78.Кольсариева Н.Ш. Понятие типологизации политических систем // Известия ВУЗов Кыргызстана. – 2015. – № 5. – С. 252-254.
79.Комилов К. Мушкилоти татбиқи сиёсати иттилоотӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ//Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. - Гуманитарные науки.- 2014. №1,(38).- С.62-67.
80.Коровин В. А. Третья мировая сетевая война. - СПб.: «Питер», 2014. - 350 с.

81.Косолапов Н. Глобализация: территориально-пространственный аспект / Н. Косолапов // Мировая экономика и международные отношения. - 2005. № 6.- С.3-13.
82. Костин А. Кросс-культурный менеджмент и политическая среда в условиях глобализации экономики / А. И. Костин, И. А. Костина // Вестник Московского университета. Сер. 12.- Политические науки, 2005 г.№ 1.- С.103-131.
83.Краснов Б.И. Политические системы // Социально-политический журнал. – 1995. – № 4. С.52-71.
84.Краткий энциклопедический словарь-политология.- Ростов-на Дону «Феникс» .- Москва «Зевс», 1997. - 372с.
85.Кулик О.В., Лизикова И.И. О месте государства в политической системе общества // Проблемы развития государства и права в современном российском обществе.- М., 2006. –С.5-25.
86.Лазарев В.В.Общая теория права и государства. - М., 1997.- 64 с.
87.Ланге О.В. Современные манипулятивные технологии: вопросы теории и методологии// Дисс. д.п.н. СПб.:, 2016.- 36 с.
88.Лапаева В.В. Закон о политических партиях: Вопросы взаимодействия партий с государством / В.В. Лапаева // Журнал российского права.-2011.-№4.-С.14-22.
89.Лапаева В.В. Политическая партия: Понятия и цели: к принятию Закона о партиях / В.В. Лапаева // Журнал российского права.-2011.-№1.- С.16-25.
90.Лобанова А.А., Сербай Л.И. Политическая система общества и политический процесс. Учебное пособие. –Новосибирск, 2014. – 115 с.
91.Макиавелли. Государь.- М. 1996. - 74с.
92.Малахов В.С. Государство в условиях глобализации. - М., 2007 г. - 254с.

93. Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.// Зери таҳрири Баротзода Ф. – Душанбе, 2016. - 292 с.
94. Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.// Зери таҳрири Баротзода Ф. – Душанбе, 2017.- 300 с.
95. Манучехри Аббас. Политическая система Ирана. Монография. – СПб.: Петербургское Востоковедение, 2007. – 240 с.
96. Мастенбрук У. Управление конфликтными ситуациями и развитие
97. организации: Пер. с англ. - М., 1996.- 256с.
98. Масов Р. Таджики: история с грифом «совершенно секретно». – Душанбе: «Пайванд», 1995, - 200 стр.
99. Махмадов А.Н. Муқаддимаи идеяи миллӣ. – Душанбе, 2013.- 180с.
100. Махмадов А.Н., Хоперская Л.Л. Современный Таджикистан: диалектика независимости и интеграции (политико-правовой аспект). – Душанбе, 2016. - 363 с.
101. Махмадов А.Н., Хоперская Л.Л. Национальное примирение: перспективы развития суверенного таджикского государства. – Душанбе, 2017. -168с.
102. Махмадов А.Н. Истиқлолият ва таҳкими давлатдории миллӣ. – Душанбе, 2016. - 204с.
103. Муколама аз роҳи амал (маҷмӯаи илмӣ). // Зери таҳрири Сатторзода А. – Душанбе, 2008. - 296с.
104. Маъмурзода Н. Хатари ифротгароӣ ва терроризмро саҳл надонем //Хатлон, 2017, №3(3088) 18 январ.
105. Муҳаммад Абдураҳмон. Инсон, сиёсат ва ҷомеа: таҷрибаи таҳлили
106. фалсафию сиёсӣ. – Душанбе, 2018.- 239с.
107. Маҳмудзода М. Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ. – Душанбе, 2017. - 456 с.
108. Мигранян А., Рогожков М. Суверенная демократия. От идеи к доктрине. Антология.- М., 2007 г. - С.3-10.

109. Морозова О.С. Влияние типа избирательной системы на функционирование политической системы общества // Теория и практика общественного развития.- 2013. № 2. - С. 175-179.
110. Назаров Т.Н. Таджикистан: горизонты настоящего и будущего. - Нью-Йорк, 1999,- 102с.
111. Назри Яздон. Ҳикмати озодагон. – Душанбе, 2009.- 47с.
112. Ниёзов А.С., Шамсов И.С. Правительство Республики Таджикистан как эффективная технология оказания государственных услуг:состояние и перспективы//Вестник Астраханского государственного технического университета. - 2016. №3.- С.77-84.
113. Философский словарь. - М.,7 изд. 2010. -С.68.
114. Шарипов С.И. Перспектива развития и проблемы мусульманского мира// Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. Паёми Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2007, №2(15). - С.24-32.
115. Общая теория прав и государства: учебник для вузов / В.С. Афанасьев; (и др); ред. В.В. Лазарев.- Изд. 3-е, перераб и доп.- М.: Юристь, 2010.- 517 с.
116. Олимов К. Роҳхои маъқул ва воқеии амалисозии чорабиниҳо ҷиҳати эҷоди боварӣ//Муколама бо роҳи амал:таҷрибаи тоҷикон.// Зери таҳрири Сатторзода А. – Душанбе, 2018.- С.18-29.
117. Павлова Е.Д. Статус и роль информационного воздействия на сознание в современных политических системах // Современные гуманитарные исследования. – 2007. – № 1. – С. 236-237.
118. Парсонс Т. Система современных обществ. - М., 1997. - 270с.
119. Перская В.В. Глобализация и государство. - М., 2005 г.- 207с.
120. Платон. Государство. Собрание сочинений в 4-х т. Т.3, - 832с.

121. Политическая трансформация стран Центральной и Восточной Европы./ РАН. Институт международных экономических и политических исследований. - М., 1997 г.- 377с.
122. Психология.//Отв.ред.Ю.Б.Кашлев. - М.,2002. - 667 с.
123. Пугачев В. П., Соловьев А. И. Введение в политологию. М. , 2000. - 47с.
124. Раззоков Б.Х. Проблемы, теории и практики организации исполнительной власти Республики Таджикистан. //Автореф. дис. док. юрид. наук.- М., 2014.- 49с.
125. Расулов К.Р. Саҳми давлати Сомониён дар пешрафти афкори сиёсӣ, илм ва фарҳанги Осиёи Марказӣ. – Душанбе, 1994. - 201с.
126. Расулов К., Гулахмедов М. Национальные и политические процессы независимости Таджикистана. (на тадж. яз.) . – Душанбе, 2001. - 187с.
127. Рахимов А., Расулов К. Политическая система общества (на тадж. яз). – Душанбе, 2005. - 76с.
128. Роганов И.М. Влияние избирательной системы на политические системы, трансформация политических систем//Студенческий вестник. – 2017. № 14 (14). - С. 17-19.
129. Сайидзода З. Густариши ахлоқи миллӣ–посух ба паёмадҳои
130. манфии ҷаҳонишавӣ. – Душанбе, 2014. - 258 с.
131. Сайдуллаева Г.Р. Особенности политической социализации в таджикской политической системе.//Вестник Таджикского национального университета.- 2017, № 3-5. - С. 172-176.
132. Салихджанов Р. Диалектика социальных противоречий: особенности познания и решения. – Душанбе, 2000. - 136 с.
133. Салимов Н.Философия национального единства.-Душанбе, 2000. - 136с.

134. Сафаров С.С. Таҳдидҳои дохилӣ ба истиқлолияти давлати Тоҷикистон.//Традиции и процессы демократизации в Таджикистане. – Душанбе, 2013.- С.161-171.
135. Селезнев Л.И. Политические системы современности: сравнительный анализ .- СПб, 1995.
136. Сейлеханов Е.Т. Политическая система Республики Казахстан: опыт развития и перспективы. Монография.- Алматы: КИСИ при Президенты КР, 2009. - 296 с.
137. Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ.- Душанбе, 2010. - 203с.
138. Соҳибов У.Ш. Технологияи иттиоотию коммуникатсионӣ дар ташаккули фазои иттилоотӣ//Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АИ ҶТ. – Душанбе, 2017, №2.- С.48-54.
139. Сулакшин С.С. Партийная и политическая система России и государственное управление. Актуальный анализ. Монография.- М.: Научный эксперт, 2012. - 320 с.
140. Сунгуров А. Функции политической системы и их изменения в процессе российского транзита. Учебное пособие.- СПб., 2008. - 211 с.
141. Сурина И.А. Ценностные ориентации. Энциклопедия гуманитарных наук. - 2005,№4.- С.162
142. Тахиров Ф.Т. История государства и права Таджикистана. Душанбе, 2001. - 161с.
143. Теория государства и права: курс лекций / М.И. Байтин; (и др); ред. Н.И. Матузов; А.В. Малько-2-е изд, прераб и доп.- М.: Юристь, 2011.-771с.
144. Теория государства и права: учебник для вузов / отв. пед. В.Д. Перевалов.- 3-е изд., перераб. и доп.- М.: НОРМА, 2007. - 484с.

145. Теория государства и права: учебник для вузов / пед. ред М.М. Рассолова, В.О. Лучина, Б.С. Эбзеева.М., Закон и право, 2009. - 640с.
146. Теория государства и права: учебное пособие для вузов / С.Г.Голубцкая; (и др.); ред. В.П. Малахов; В.Н. Казаков.- М.: Акад. Проект; Екатеринбург: Деловая книга, 2011, - 575с.
147. Тетчер М. Искусство управления государством. Стратегия для меняющегося мира. - М., 2003.- 503с.
148. Торкунов А.В., Мельвиль А.Ю., Миронюк М.Г. Политические системы современных государств. Том 2. Азия. Энциклопедический справочник. – М.: Аспект Пресс, 2012. - 599 с.
149. Фарукщи М.Х. Политическая система общества // Социально-политические науки. –1991. – № 5.
150. Федотов А. Глобалистика: начало науки о современном мире.- М., 2002 .- 224с.
151. Фукуяма Ф. Сильное государство. -М., 2006. - 220 с.
152. Хабермас Ю. Моральное сознание и коммуникативное действие.- СПб, 2000. - 606с.
153. Хайруллаев С. Век закона. – Душанбе «Эр-граф», 2008. - 240 с.
154. Хамидова З. Трансформационные и модернизационные процессы в посттоталитарных политических системах // Наука, новые технологии и инновации. - 2013. № 6. - С. 170-172.
155. Хамидова З. К вопросу о сравнительной характеристике политических систем стран Центральной Азии // Известия ВУЗов Кыргызстана. - 2014. №6. - С. 195-196.
156. Хамрохон Зарифи. Дипломатия Таджикистана. – Душанбе, 2010. - 576с.
157. Саидов З.Ш. Таджикистан: Межгосударственные отношения в период становления внешней политики. – Душанбе, 2012 .- 431с.

158. Хатарҳои муосири геополитикӣ ба истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон//Маводҳои конференсияи Ҷумҳуриявӣ. Душанбе,- 2017. -195 с.
159. Хидирзода М.У. Нақши Иҷлосияи ХУ1 дар тағйирпазирии муносибатҳои иҷтимоӣ.// Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав. №1/3(47).- Қӯрғонтеппа, 2017. -С. 62-66.
160. Хидирова М.У. Политическая власть . – Душанбе, 2011. - 117 с.
161. Хидирзода М.У. Иттилоот ва омилҳои ташаккули тафаккури созанда дар замони ҷаҳонишавӣ// Истиқлолият ва стратегияҳои муваффақ . – Душанбе, 2017.- С.56-60.
162. Хидирзода М.У., Раҳимзода Ш.К. Информация и управление политическими процессами. – Душанбе, 2017.- 160 с.
163. Хидирзода М.У. Нақши иттилоот ва муқовимати иттилоотӣ дар шаклгирии шуури омма (дар ҳошияи мақолаи С.Ятимов «Равоншиносии ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ» (дар доираи шуури
164. муқаррарӣ) //Ҷумҳурият, 7 апрели соли 2016, №67 (22889).
165. Хидирзода М.У. Ҳикмати либоси миллиро бояд шинохт/ АМИТ
166. «Ховар», 25.07.17. /khovar.tj.
167. Хидирзода М.У., Маҳмадалиева Д. Институт лидерства: вопросы обеспечения устойчивости.//Известия Института философии, политологии и права Академии наук РТ, №2, 2017.- С.71.
168. Хидирова М.У. Институт лидерства в контексте трансформационного общества. – Душанбе, 2008. - С.113.
169. Хидирова М.У. Иҷлосияи ХУ1 ва таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ// Садои мардум,15 ноябри соли 2007, №125 (2212).
170. Хидирзода М.У. Истиқлолит ва стратегияҳои муваффақ. – Душанбе, 2017. - 251с.
171. Холиқов А.Ғ. Андешаи давлати миллӣ. – Душанбе, 2013. - 682с.

172. Холиқзода А.Ғ. Назарияи идоракунии шарқӣ (дар афкори мутафаккирони форс-тоҷик). – Душанбе, 2017, 453с.
173. Хакимов Р.М., Ҳусайнов А.Қ. Геополитика. – Душанбе,2017. 330с.
174. Хасанов М.М., Косимова М.И., Шарипова М.М., Алимухаммедов М.Р. Метод ва воситаҳои ҳифзи иттилоот.- Хуҷанд, 2015.- 249с.
175. Хусусиятҳои равандҳо ва характерҳои сиёсӣ- идеологии исломи муосир ва масъалаи рушди давлатдории миллӣ. (Маҷмӯаи илмӣ). Зери таҳрири Баротзода Ф.-Душанбе, 2015.- 352с.
176. Чиркин В.Е. Государство ведение: учебник.2-е изд. Исправленное и дополнительное. - М., 2000.- 382с.
177. Чиркин В.Я. Глобальные модели политических систем современного общества: индикаторы эффективности.- Государство и право, 1992, №5.-С.82-91.
178. Чугров С. Глобализация, модернизация или интернационализация? //Мировая экономика и международные отношения. - 2002 г. № 4.- С.19-21.
179. Шарипов М.Д. Ҷанги иттилоотӣ намуди муосири мубориза байни давлатҳо// Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав, 2015, №3(33).- С.50-55.
180. Шарипов С.И. Таджикистан: демократизация политических отношений. Душанбе, 2000. - 234с.
181. Шарипов С.И. Политические процессы в таджикском обществе (1988-2011).- Сб., - 376 стр.
182. Шестопал А.В. Глобальная демократизация и глобальный кризис. // Космополис.– 1999. - С. 82–94.
183. Шишков Ю. Государство в эпоху глобализации.- МЭ и МО. №1, 2010 г.- С.3-13.
184. Шоисматуллоев Ш. Таджикистан в зеркале преемственности и смены поколений. – Душанбе: «Ирфон», 2006.

185. Шосаидов С.Ҳ. Омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии идоракунии захираҳои инсонӣ//Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2017, №1(33). - С.54-58.
186. Эльянов А. Государство и развитие.// МЭИМО. 2003 г., №1.- С.3-14.
187. Эльянов А.Мировой экономический кризис и развивающиеся страны. //МЭ и МО. №10, 2009 г.- С.24-32.
188. Эмомали Рахмон. Молодежь-будущее суверенного Таджикистана.– Душанбе, 1997 .- 74с.
189. Эмомали Рахмон. Таджик в зеркале истории. Книга первая: «От Арийцев до Саманидов». – Душанбе – Лондон, 1999.- 219 с.
190. Эмомали Рахмон. - Таджики в зеркале истории. Книга первая. От Арийцев до Саманидов. – Душанбе-Лондон. 1999.- 227с.
191. Эмомали Рахмон. 1100-летия образования государства Саманидов. В книге: 1100-летия образования государства Саманидов.- Санкт-Петербург, 1999. - 431с.
192. Эндрейн Ч. Сравнительный анализ политических систем. Монография. - М.: ИНФРА-М, 2000. –320 с.
193. Юрковский А.В. Политические партии в политических системах стран Северо-Восточной Азии. Учебное пособие. - Иркутск, 2006. - 143 с.
194. Юрковский А.В. Конституционализм и политические системы в странах Северо-Восточной Азии: проблемы и перспективы. Монография. – Иркутск, 2013. - 231 с.
195. Ядов В. Россия как трансформирующееся общество. Общество и экономика. 1999 г., №10-11.- С.65-72.
196. Ятимов С.С.Идеология ва манфиати миллӣ. – Душанбе, 2015.- 191с.
197. Ятимов С. Таҳлили стратегӣ ва ояндабинии сиёсӣ.-Душанбе, 2015, - 144с.

## Санадҳои меъёрии ҳуқуқии истифодашуда, Паёмҳо ва баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

198. Конституция Республики Таджикистан. – Душанбе. 1999.28с.
199. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 135с.
200. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният»//Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №6, мод. 434; с. 2014, №11, мод. 646; Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 с., № 1283)
201. Общее Соглашение об становлении мира и национального согласия в Таджикистане. – Душанбе, 1997.
202. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2012.
203. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2013.
204. Самтҳои асосии Барномаи пешазинтихоботии номзад ба мансаби Президенти Чумҳурии Тоҷикистон аз Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе, 2013. 27 с.
205. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008, №451.
206. Баромади Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи натиҷаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат дар соли 2015 аз 21.01.2016.

## Мақолаҳои интернетӣ

207. Бондаренко В.А. Социальная адаптация личности: понятие и сущность.// www.superinf.ru
208. Кузнецов Ю., Никольский В., Введение в теорию национальной безопасности. Электронная библиотека кафедры национальная безопасность; http: //safety. spbtu. ru/ book/